Как отмечается в экономической литературе, модели макроэкономического равновесия, рассмотренные выше, описывали рынки товаров и услуг без учета денежных факторов. Включение в анализ общего равновесия денежного рынка возможно с использованием модели IS-LM Дж.Р. Хикса, которая несколько усложняет анализ, но одновременно дает большие возможности для исследования взаимодействия товарного и денежного рынков в закрытой экономике. Связующим звеном двух рынков у Дж.Р. Хикса выступает процентная ставка, которая является не только основным атрибутом денежного рынка, но и не менее значимой для товарного рынка.

В модели IS-LM примат над ликвидностью и инфляцией в теории экономической динамики и в теории циклов отдается мультипликатору инвестиций. Соединение идеи мультипликатора, акселератора, автономных инвестиций и запаздывающих линейных функций с введением понятия «запаздывание во времени», дает возможность определить потребление как фиксированную долю в доходе за предыдущий период, которое в дальнейшем вызовет соответствующее увеличение инвестиций.

В экономической литературе принято, что неоклассические модели роста, в отличие от кейнсианских моделей, преодолевали ряд ограничений нестабильности динамического равновесия, связанные с не взаимозаменяемостью факторов производства, позволивших в дальнейшем более точно описывать особенности макроэкономических процессов. К данному типу модели относится модель Р. Солоу, которая противопоставляется модели роста Харрода-Домара, рассматривающей трудности обеспечения роста при полной занятости, и моделям эндогенного роста, в которых более высокая или низкая доля инвестиций в ВВП оказывает постоянное воздействие на темпы роста [16].

В своей модели Р. Солоу вместо функции В. Леонтьева использовал производственную функцию Кобба-Дугласа, в которой труд и капитал являются субститутами, акцентировав внимание также на убывающей предельной производительности капитала, постоянной отдаче от масштаба, постоянной норме выбытия и отсутствии инвестиционных лагов. Данная модель в основном опирается на неоклассическую предпосылку господства совершенной конкуренции на рынках факторов производства, обеспечивающей полную занятость ресурсов, где необходимым условием является равенство совокупного спроса и совокупного предложения [8,с.120].

Как отмечается в экономической литературе, в модели Д. Тобина,[†] в отличие от Р. Солоу, механизм относительной устойчивости роста связан не столько с замещением факторов производства, сколько с присутствием, наряду с реальными инвестициями, инвестиций в финансовые активы и взаимным замещением активов. Спрос на различные активы зависит от их доходности, однако, в рамках этой модели, это не значит, что весь спрос сосредоточивается на одном, самом доходном активе. Стремление избегать рисков побуждает инвесторов диверсифицировать свои портфели активов даже при различной их доходности. Далее, доходность активов зависит не только от спроса на них, но и от их предложения; причем денежные власти могут варьировать предложение финансовых активов, которые в агрегированной модели Д. Тобина сводится к одному активу - «деньгам» [7].

Доходность инвестиций в реальный капитал рассматривается в зависимости от предложения ряда финансовых активов, включая долгосрочные облигации. Как пишет Д. Тобин, согласно докейнсианской классической теории, «предложение

[†] Лидер ортодоксального кейнсианского направления в экономической науке 1970-1990-х годов.

активов не имеет значения. Каким бы ни было предложение «каждого из активов», портфельное равновесие требует, чтобы реальные ожидаемые нормы дохода на все активы были равными. Дж.М. Кейнс отошёл от этой теории, поскольку выбор между денежными остатками и монетарными активами, приносящими процент, он объяснял предпочтением ликвидности. Он сумел показать, что, в условиях неопределенности или при недостаточно единодушных ожиданиях собственников богатства, ставку процента, обеспечивающую поддержание портфельного равновесия между деньгами и «облигациями», нельзя считать независимой от предложения этих двух видов активов. Но он не использовал такое же объяснение для значительно более важного выбора: между физическими благами или капиталом, с одной стороны, и монетарными активами - с другой. Его теория инвестиций оставалась ортодоксальной, поскольку предполагала равенство между предельной эффективностью капитала и ставкой процента».

Как уже было отмечено, Д. Тобин вводит в анализ процесса инвестиционной обеспеченности, наряду с реальным капиталом, альтернативные активы, которые могут служить «вместилищем» сбережений частного сектора: деньги и облигации правительства. В модель также могут быть включены также иностранные активы. Обязательства правительства и соответствующие активы частного сектора в сумме равны нулю.

Таким образом, наиболее развернутой теоретической моделью для оценки инвестиционной обеспеченности экономики при низком уровне внутренних сбережений[‡] и в условиях дефицитного бюджета страны и необходимости внешних заимствований является динамическая агрегированная модель, на основе которой будут определяться размеры необходимого дефицита инвестиционных ресурсов в национальной экономике Таджикистана.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аганбегян А.Г. Финансы для модернизации / А.Г. Аганбегян // Деньги и кредит. - 2009. - №3. -С.3-11.
2. История экономических учений (современный этап): Учебник / Под общ. ред. А.Г. Худокормова. -М.: Инфра-М, 2002.
3. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс // Антология экономической классики. -М., 1993. -Т.2. –155 с.
4. Курс экономической теории: учебник / под общей редакцией профес. Чепурина М.Н., Киселевой Е.А. -5-е дополненное и переработанное издание. -Киров: «АСА», 2002. -С.391-408.
5. Логинов Е.Л. Глобальный кризис как новый формат борьбы за мировое экономическое лидерство / Е.Л., А.Е. Логинов // Финансы и кредит. – 2010. -№18.
6. Манделл Р.А. Денежная теория: процент, инфляция и рост в мировой экономике / Р.А. Манделл. – 1965.
7. Маневич В.Е. Монетарная динамическая модель Тобина и анализ российской экономики / В.Е. Маневич // Вопросы экономики. – 2009. -№3.
8. Нуреев Р.М. Экономика развития: модели становления и модернизации рыночной экономики. Учебник для студентов экономических вузов и факультетов / Р.М. Нуреев. -2-е изд. пер. и доп. -М.: Норма, 2008. -С.120-127.
9. Основы экономической теории. Курс лекций / Под редакцией Баскина А.С., Боткина О.И., Ишмановой М.С. -Ижевск: Издательский дом «Удмуртский университет», 2000.
10. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмурадов. -Душанбе: Ирфон, 2005. -228 с.
11. Саидмурадов Л.Х. Проблемы макроэкономического равновесия в национальной экономике Таджикистана / Л.Х. Саидмурадов, С.А. Баходурова // Материалы научно-


[‡] Основным фактором, ограничивающим инвестиции в малой открытой экономике, является низкая норма сбережений. Такое положение рассматривалось относительно Таджикистана, где, хотя по подсчетам норма сбережений относительно высокая, реально сберегается только малая часть оставляемого дохода после потребления. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. -Душанбе: Ирфон, 2005. -190 с.

практической конференции: Экономические проблемы Таджикистана в условиях глобализации. –Душанбе, 2011. –С.10.
12. Сейдаметова Л.Д. Эволюция теории инвестиций / Л.Д. Сейдаметова // Культура народов Причерноморья. – 2009. -№156. -С.59-60.
13. Флеминг Д.М. Внутренняя финансовая политика в условиях фиксированного и плавающего валютных курсов / Д.М. Флеминг. – 1962.
14. Хансен Э. Послевоенная экономика США / Э. Хансен. -М., 1966. -146 с.
15. Харрод Р.Ф. К теории экономической динамики / Р.Ф. Харрод. -М.: Издательство иностранной литературы, 1959.; Харрод Р. Теория экономической динамики / Р.Ф. Харрод. -М. Центральный экономико-математический институт. - 2008.
16. Экономика. Толковый словарь. -М.: "ИНФРА-М", Издательство "Весь Мир". Дж. Блэк. Общая редакция: Осадчая И.М. - 2000.

## ТАМСИЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАЛАНДБАРДОРИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАЪМИНОТИ САРМОЯГУЗОРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақола асосҳои назариявии механизми таъминоти сармоягузорӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки таъминоти сармоягузории иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи амалинамоӣ, ё ин ки зоҳиршавии иқтидори сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Ба таври мушаххас омил ва механизмҳои табдилдиҳии иқтидори сармоягузорӣ ба равандҳои сармоягузорӣ аз нуқтаи назарияҳои гуногун ва тамсилаҳо инъикос шудаанд. Қайд карда шудааст, ки дар модели макроиқтисодии Ҷ.М. Кейнс, дар мадди аввал тадқиқи боҳамалоқамандӣ ва таносуб миёни маҷмӯи бузургиҳои ҷамъиятӣ: даромади миллӣ, пасандоз, сармоягузориҳо ва маҷмӯи талаботҳо гузошта шудааст. Ба таври мушаххас тамсилаи Харрод-Домар таҳлил карда шудааст, ки мувофиқи он танҳо сармоя ба сифати омили асосии рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Инчунин, ба таври мушаххас тамсилаи Э. Хансен - консепсияи сиклӣ, тамсилаи IS-LM Ҷ.Р. Хикс, тамсилаи Р. Солоу, ки масъалаи мушкилоти таъмини рушд ҳангоми шуғли пурра ва тамсилаи Д. Тобин - таҳлили раванди таъминоти сармоягузорӣ дар қатори сармояи воқеӣ, дороиҳои алтернативӣ, ки метавонанд ҳамчун “махзани” пасандозҳои бахши хусусӣ хизмат кунанд: пул ва облигатсияҳои давлатӣ, таҳлил карда шудаанд. Хулоса карда шудааст, ки аз ҳама бештар тамсилаи назариявии муфассал барои баҳогузории таъмионоти сармоягузорӣ ҳангоми дар сатҳи паст қарор доштани пасандозҳои дохилӣ ва ҷой доштани зарурати қарзи берунӣ, тамсилаи динамикии агрегатсияшуда ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузориҳо, таъминоти сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, тамсила, сармоя, дороиҳои молиявӣ, фоизи қарз, мувозинатӣ, пасандоз, захираҳои сармоявӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ МОДЕЛИ ПОВЫШЕНИЯ МЕХАНИЗМА ИНВЕСТИЦИОННОЙ ОБЕСПЕЧЕННОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются теоретические основы механизма инвестиционной обеспеченности на различных этапах развития экономики. Отмечается, что инвестиционная обеспеченность национальной экономики, прежде всего, зависит от уровня реализации или проявления инвестиционного потенциала. Подробно описываются стимулы и механизмы превращения инвестиционного потенциала в инвестиционные процессы, с точки зрения различных теорий и моделей. Указывается, что макроэкономический подход Дж.М. Кейнса во главу угла поставил исследование зависимостей и пропорций между совокупными народнохозяйственными величинами: национальным доходом, сбережениями, инвестициями, совокупным спросом. Подробно анализируется модель Харрода-Домара, согласно которой только капитал выступает в качестве единственного фактора экономического роста. Также подробно анализируются модели Э. Хансена, исследующего концепции цикла, Дж.Р. Хикса, исследующего модели IS-LM, Р. Солоу, рассматривающего трудности обеспечения роста при полной занятости, модели эндогенного роста и Д. Тобина анализ процесса инвестиционной обеспеченности наряду с реальным капиталом, альтернативные активы, которые могут служить «вместилищем» сбережений частного сектора: деньги и облигации правительства. Делается вывод, что наиболее развернутой теоретической моделью для оценки инвестиционной обеспеченности экономики при низком уровне внутренних сбережений и необходимости внешних заимствований является динамическая агрегированная модель.

**Ключевые слова:** инвестиция, инвестиционная обеспеченность, экономический рост, модель, капитал, финансовые активы, норма доходов, ставка процента, равновесие, сбережение, инвестиционные ресурсы.

**THEORETICAL MODELS OF IMPROVING THE MECHANISM OF INVESTMENT SECURITY OF NATIONAL ECONOMY**

In this article we discuss the theoretical foundations of the mechanism of investment security at various stages of economic development. It is noted that the investment security of the national economy, first of all, depends on the level of implementation or display of investment potential. It describes in detail the incentives and mechanism for the transformation of investment potential into investment processes from the point of view of various theories and models. It is indicated that the macroeconomic approach of J.M. Keynes put at the forefront the study of dependencies and proportions between aggregate national economic variables: national income, savings, investment, aggregate demand. The Harrod-Domar model, according to which only capital acts as the sole factor of economic growth, is analyzed in detail. The model of E. Hansen exploring the concept of a cycle, JR Hicks exploring IS-LM models, R. Solow examining the difficulties of ensuring full-time growth and the models of endogenous growth and D. Tobin analyzing the process of investment security along with real capital, alternative assets are also analyzed in detail, that can serve as a repository of private sector savings: money and government bonds. It is concluded that the most developed theoretical model for assessing the investment security of the economy with a low level of domestic savings and the need for external borrowing is a dynamic aggregated model.

**Key words:** investment, investment security, economic growth, model, capital, financial assets, rate of return, interest rate, balance, savings, investment resources.

**Сведения об авторах:**

***Тилабов Ёрибек Эмомназарович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 16/4. E-mail: **etilabov@bk.ru.** Телефон: **935-98-71-21**

***Саидмуродова Малика Абдулвахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент заведующая кафедрой мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Телефон: **918-62-68-95**

**Information about the authors:**

***Yoribek Emomnazarovich Tilabov*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, senior lecturer at the Department of Economic Theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 16/4. E-mail: **etilabov@bk.ru.** Phone: **935-98-71-21**

***Saidmurodova Malika Abdulvakhobovna*** **-** Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor Head of the Department of World Economy and International Economic Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Phone: **918-62-68-95**

УДК 330. (6) (575.3)

# НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР БОЗОРИ МОЛИЯ

*Абдуллоев А.Х.*
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳайати бозори коғазҳои қиматнок бозори маблағҳои пулӣ ва бозори сармоя ҷудо карда мешаванд. Бозори молия, бозоре мебошад, ки дар он коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуҳлат гардиш менамоянд. Бозори маблағҳои пулӣ барои таъмини талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ барои молиякунонии кӯтоҳмуҳлат хизмат менамоянд.

Муайян карда шудааст, ки агар коғазҳои қиматнок аз як сол зиёд гардиш намоянд, он ҳамчун асбоби бозори маблағҳои пулӣ ҳисобида мешавад.

Бозори сармоя бозоре мебошад, ки дар он коғазҳои қиматнок бе муҳлат гардиш менамоянд ва ё то пардохти онҳо як сол мондааст. Бозори сармоя барои таъмини талаботи объектҳои хоҷагидорӣ дар молиякунонии дарозмуҳлат хизмат менамояд.

Баҳодиҳии фаъолият ва рушди бозори молия нишон медиҳад, ки ташкили сохтори бозори коғазҳои қиматнок ба ду бозор, бозори аввалия ва дуюмин ҷудо мешаванд.

Вазифаи асосии бозори аввалия, пеш аз ҳама, аз сафарбарнамоии сармояи нав иборат аст. Дар сохтори бозори дуюминдараҷа бозори биржавӣ ва ғайрибиржавӣ ҷудо карда мешаванд. Бозори биржавӣ, ин пешниҳоди гардиши коғазҳои қиматнок дар биржа мебошад. Бозори ғайрибиржавӣ бошад, гардиши коғазҳои қиматнокро аз биржа берун дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи коғазҳои қиматнок дар бозори биржавӣ гардиш менамоянд. Дар бозори биржавӣ танҳо коғазҳои қиматноки эмитентон, ки ба талаботҳои бозори биржавӣ ҷавобгӯ мебошанд, роҳ дода мешаванд. Аз рӯйи қоида ба ин бозор коғазҳои қиматноки ширкатҳои пуриқтидор ва аз ҷиҳати молиявӣ ширкатҳои боқувват роҳ дода мешаванд. Коғазҳои қиматноки ширкатҳои аз ҷиҳати молиявӣ суст аслан дар бозорҳои ғайрибиржавӣ гардиш менамоянд.

Ҳар як биржа номгӯйи талаботҳои худро барои эмитентон пешниҳод менамояд. Барои тафтиши эмитент ва мувофиқати дороии он нисбати талабот ба биржа термини нави махсус - "листинг" ба миён омад. Листинг, ин амалҳо доир ба коғазҳои қиматноки эмитент буда, ба он рӯйхати амалиётҳои биржа дохил мешаванд. Агар эмитент ба талаботи омилҳои пешниҳодшуда мувофиқ бошад, он гоҳ коғазҳои қиматноки он ба гардиши биржа иҷозат дода мешаванд ва коғазҳои он аз рӯйхати амалиётҳо бароварда мешаванд. Ин амалиётҳо номи ғайрилистингиро (деалистинг) гирифтааст. Листинг чорабиниҳои маҷмӯӣ, имконияти зуд, дуруст ва самараноки гардиши коғазҳои қиматнокро ба роҳ мемонад. Он аз амалиётҳои ҳамроҳикунандаи коғазҳои қиматноки эмитент ба листинги ташкилоти савдои коғазҳои қиматнок, гузарондани амалиётҳо бо онҳо, назорат аз болои ҳолати онҳо, нархи листингии коғазҳои қиматнок ва аз болои ҳолати молиявии эмитенти коғазҳои қиматнок назорат кардан мебошад. Ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳамроҳ кардани коғазҳои қиматноки эмитент ба листинг, ба эмитентон ва сармоягузорон бартарӣ медиҳад. Ба эмитентон имкониятҳои зерин медиҳад:

- Имконияти устувории ҳолати молиявӣ ва аз ин ба амалиётҳои листингӣ гузаштан.
- Тарғиботи иловагӣ ба воситаи биржа ва дар нашриёти иқтисодии пешрав, ки онҳо амалиётҳои листингии коғазҳои қиматнокро нашр менамоянд.
- Бомуваффақият ҷобаҷокунии коғазҳои қиматноки минбаъд чопшуда.

Дар навбати худ, сармоягузор барои иҷрои амалиётҳои зерин бурд менамояд:

• гузаронидани амалиётҳои листингӣ имконият медиҳад, ки коғазҳои қиматнок боэътимод бошанд;

• ташкили савдои коғазҳои қиматноки листингӣ дар биржа имконият медиҳад, ки дар биржа арзиши объективонаи бозорӣ муайян карда шавад.

Колеровкаи (амалиётҳои) коғазҳои қиматнок, ки якуякбора дар якчанд биржаҳои фондӣ, аз он ҷумла мамлакатҳои хориҷи номи кросс – листингро мегирад.

Варақаи колеровка муайянкунандаи асосӣ барои ҳамаи сармоягузорон буда, воситаест, ки ба кадом намуди коғазҳои қиматнок маблағҳои пулии худро гузоранд.

Иқтисодиёт аз ду унсур - бозори спотовӣ ва бозори таъҷилӣ иборат мебошад.

Бозори спотовӣ ё худ хазинадорӣ бозори қарордодҳои нақдӣ мебошад. Дар бозори спотовӣ якуякбора дар як вақт пардохт ва гузоштани коғазҳои қиматнок мувофиқи нархи дар бозори спотовӣ бамиёномада дида мешавад, ки онро нархи спотовӣ меноманд.

Бозори таъҷилӣ, бозоре мебошад, ки дар он қарордодҳои таъҷилӣ ба ҷо оварда мешаванд. Ин бастани қарордод, ё ин ки шартнома байни контрагентҳо оиди дар оянда гузоштани (предмети) маводи қарордод, ки шарту шароити он дар вақти бастани чунин қарордод муайян карда мешаванд.

Ғайр аз ин, боз биржаи молу маҳсулот вуҷуд дорад. Дар бозори молу маҳсулот савдо ба воситаи қарордодҳои таъҷилӣ ба миён меояд, аз он ҷумла қарордоде, ки асоси онро коғазҳои қиматнок ташкил медиҳанд. Дар бозори ғайрибиржавӣ қарордодҳо бо коғазҳои қиматноки мушаххас ва ё ба воситаи миёнаравони байни сармоягузорони гуногун ва ҳам иштирокчиёни касбии бозори фондӣ амалӣ карда мешаванд.

Аз рӯйи хусусияти эмитентон бозори коғазҳои қиматнок ба коғазҳои қиматноки давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷудо мешаванд. Дар навбати худ, бозори ғайридавлатии (корпоративӣ) коғазҳои қиматнок ба ғункунии захираҳои молиявӣ барои соҳаи истеҳсолот кумак менамояд, аммо бозори давлатии коғазҳои қиматнок бошад, танҳо ду вазифаи асосиро иҷро менамояд:

• давлат метавонад захираҳои маблағҳои пулии барои худ заруррo сафарбар намояд, аз он ҷумла молиякунонии камомади буҷети давлатӣ;

• яке аз асбобҳои танзими ставкаи фоизӣ дар иқтисодиёт баромад менамояд.

Агар Бонки миллии Тоҷикистон зарур донад, ки фаъолияти фаъоли соҳибкорон аз ҳисоби паст кардани ставкаи фоиз ҳавасманд карда шавад, Бонки миллӣ хариди коғазҳои қиматнокро оғоз мекунад, ба иқтисодиёт маблағҳои пулии иловагӣ ворид мешаванд ва бо ҳамин ставкаи фоиз паст карда мешавад. Агар Бонки миллӣ зарур донад, ки ба рушди иқтисодиёт таваррум таҳдид менамояд, он гоҳ коғазҳои қиматноки давлатиро мефурӯшад. Дар натиҷа, аз иқтисодиёт як қисми маблағҳои пулӣ гирифта шуда, ба рушди ставкаи сафарбар мешаванд.

Пайдоиш ва рушди бозори коғазҳои қиматнок бо рушди талабот ва ҷалби воситаҳои молиявӣ алоқаманд мебошад. Ҳамаи ин ба васеъшавии истеҳсолот ва фаъолияти савдо алоқаманд мебошад. Пайдоиши коғазҳои қиматнок ҳамчун асбоби ҷалбнамоии захираҳои молиявӣ ба амонатгузор имконият медиҳад, ки дар дараҷаи муайян муаммоҳои худро доир ба хавфи фаъолияти хоҷагидорӣ ба воситаи харида гирифтани шумораи муайяни коғазҳои қиматнок, ки ба суботи ҳолати молиявии он ҷавобгӯ мебошад, муайян намояд.

Барои зиёд намудани доираи амонатгузорони асосӣ метавонанд коғазҳои қиматноки арзон бароранд. Дар натиҷа имконияти ба миён омадани ҳолати максимуми ҷалб намудани воситаҳои пулӣ ба вуҷуд меояд. Аз тарафи дигар, ба ин ҳолат аҳолии на он қадар дорои ҷумҳурӣ низ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамчунин, бозори фондӣ унсурҳои зеринро доро мебошад:

• бозори молия;

• бозори вомбҳо;

- бозори васиқаҳо;
- бозори опсионҳо;
- бозори депозитҳо ва шаҳодатномаҳои амонатгузорӣ.

Аз рӯйи барорандагон (эмитентон) дар бозор ҷудо карда мешаванд:

- коғазҳои қиматноки хусусӣ;
- коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- коғазҳои қиматноки байналхалқӣ.

Аз рӯйи маҳаки ҳудудӣ ба чунин бозорҳо ҷудо мешаванд:

- минтақавӣ;
- миллӣ;
- ҷаҳонӣ.

Аз рӯйи инвестерҳо ҷудо мешаванд:

- бозори коғазҳои қиматноки сармоягузорони институтсионалӣ;
- бозори коғазҳои қиматноки сармоягузорони инфиродӣ.

Аз рӯйи шакли истифодабарии технологияи савдо:

- бозори номуташаккил, ки мувофиқи талаботи коғазҳои қиматнок қоидаи бастани қарордод пешбинӣ намешавад ва барои иштирокчиёни коғазҳои қиматнок низ чунин талаботҳо пешбинӣ намешаванд. Дар ин бозор савдо озодона амалӣ карда мешавад, яъне ғайримуташаккил, дар қарордоди хусусии байни фурӯшанда ва ба даст овардаи коғаз амалӣ карда мешаванд;
- бозори ауксионии одӣ, бозоре мебошад, ки дар он механизми савдо бо асбобҳои молиявӣ ва дар ин ҳолат муносибатҳои зиддиятӣ танҳо дар байни харидорони қоғазҳои қиматнок ба миён меояд, аммо дар он ҷое, ки зиддияти мушаххас ҷой дорад, дар он ҷо фурӯшандагон нестанд;
- бозори онколӣ - ин бозорест, ки дар он коғазҳои қиматнок дар давоми як вақти муайян бо нархи дақиқ фурӯхта мешаванд, ки ин ба пешниҳоду таклифот мувофиқ мебошад;
- ауксион бозорест, ки дар он нархи коғазҳо доимо тағйир ёфта меистад (ин намуди бозор ба бозори биржаи фондӣ рост меояд);
- бозори ауксиони дуюм;
- бозори диллерӣ - ин бозорест, ки дар он коғазҳои қиматнок бо нархи муайянкардаи фурӯшанда, яъне аз тарафи диллер фурӯхта мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Бердникова Т.Б. Рынок ценных бумаг и биржевое дело / Т.Б. Бердникова. -М.: Инфра-М, 2004.
2. Буденин А.Н. Рынок ценных бумаг и проиводных финансовых инструментов: Учебное пособие / А.Н. Буденин. - 1998.
3. Рынок ценных бумаг: Учебник / В.А. Галанов, А.И. Басов [и др.]. -М.: Финансы и статистика, 1996.
4. Глущенко В.В. Ценных бумаг и биржевое дело / В.В. Глущенко. -Железнодорожный, Москов. обл.: ТОО НПЦ «Крылья», 1999. -214 с.
5. Жуков Е.Ф. Ценные бумаги и фондовые рынки / Е.Ф. Жуков. -М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1995. –225 с.


## НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР БОЗОРИ МОЛИЯ

Дар ҳайати бозори коғазҳои қиматнок бояд бозори маблағҳои пулӣ ва бозори сармоя ҷудо карда шаванд. Бозори молия – ин бозоре мебошад, ки дар он коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуҳлат гардиш менамоянд. Бозори маблағҳои пулӣ барои таъмини талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ барои молиякунонии кӯтоҳмуҳлат хизмат менамоянд. Муайян карда шудааст, ки агар коғазҳои қиматнок аз як сол зиёд гардиш намоянд, онҳо воситаҳои бозори маблағҳои пулӣ ҳисобида мешаванд. Бозори сармоя бозоре мебошад, ки дар он коғазҳои қиматнок бемуҳлат гардиш менамоянд ва ё то пардохти онҳо як сол мондааст. Бозори сармоя барои таъмини талаботи объектҳои хоҷагидорӣ дар молиякунонии дарозмуҳлат хизмат менамояд. Баҳодиҳии фаъолият ва рушди бозори молия нишон медиҳад, ки оид ба ташкили сохтори бозорӣ коғазҳои қиматнок ба ду бозор - бозори аввалия ва дуюмин ҷудо мешаванд. Вазифаи асосии бозори аввалия, пеш аз ҳама, аз

сафарбарнамоии сармояи нав иборат аст. Дар сохтори бозори дуюминдарача бозори биржавӣ ва ғайрибиржавӣ чудо карда мешаванд. Бозори биржавӣ пешниҳоди гардиши коғазҳои қиматнок дар биржа мебошад. Бозори ғайрибиржавӣ бошад гардиши коғазҳои қиматнокро аз биржа берун дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи коғазҳои қиматнок дар бозори биржавӣ гардиш менамоянд. Дар бозори биржавӣ танҳо коғазҳои қиматноки эмитентон, ки ба талаботҳои бозори биржавӣ чавобгӯ мебошанд, роҳ дода мешаванд.

**Калидвожаҳо:** бозори аввалия, бозори биржавӣ, коғазҳои қиматнок, бозори ғайрибиржавӣ, бозори маблағҳои пулӣ, пайдоиши коғазҳои қиматнок, воситаҳои молиявӣ, бонки миллӣ, листинг, бозори молия.

## ВИДЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ФИНАНСОВОМ РЫНКЕ

В составе рынка ценных бумаг нужно отделить рынок денежных средств и рынок капиталов. Финансовый рынок - это рынок в котором вращаются краткосрочные ценные бумаги. Рынок денежных средств служит для обеспечения запросов хозяйствующих субъектов относительно краткосрочного финансирования. Определено, что если ценные бумаги будут находиться в обращении более одного года, то они будут считаться средством рынка денежных средств. часть финансового рынка, на котором обращаются длинные деньги, то есть денежные средства со сроком обращения более года. На рынке капиталов происходит перераспределение свободных капиталов и их инвестирование в различные доходные финансовые активы. Оценка и развитие финансового рынка показывает, что при организации рыночной структуры ценные бумаги подразделяются на два рынка - первичный и вторичный рынки. Основная задача первичного рынка, прежде всего, состоит из мобилизации нового капитала. В структуре вторичного рынка подразделяются биржевой и внебиржевой рынок. Биржевой рынок ценных бумаг или фондовая биржа - это организованный рынок ценных бумаг, торговля в котором осуществляется строго по установленным правилам и графику в течение биржевой сессии. Внебиржевой рынок - это финансовое пространство вне биржи, на котором обращаются такие инструменты как акции и облигации, не прошедшие листинг на бирже. Нужно отметить, что не все ценные бумаги вращаются на биржевом рынке. На биржевой рынок допускаются только ценные бумаги эмитентов, которые отвечают требования биржевого рынка.

**Ключевые слова:** первичный рынок, биржевой рынок, ценные бумаги, внебиржевой рынок, рынок денежных средств, появление ценных бумаг, финансовые средства, национальный банк, листинг, финансовый рынок.

## TYPES OF ACTIVITY IN THE FINANCIAL MARKET

In the composition of the securities market it is necessary to separate the cash market and the capital market. The financial market is a market in which short-term securities rotate. The cash market serves to provide requests for economic entities regarding short-term financing. It has been determined that if securities are in circulation for more than one year, they will be considered a means of the cash market. the part of the financial market in which long-term money is circulating, that is, money with a maturity of more than a year. In the capital market, there is a redistribution of free capital and their investment in various profitable financial assets. The assessment and development of the financial market shows that when a market structure is organized, securities are divided into two markets - the primary and secondary markets. The main task of the primary market, first of all, consists of the mobilization of new capital. In the structure of the secondary market are divided exchange and over-the-counter market. Exchange securities market or stock exchange is an organized securities market, trading in which is carried out strictly according to established rules and schedule during the exchange session. The over-the-counter market is an off-exchange financial space where instruments such as stocks and bonds that are not listed on the stock exchange are traded. It should be noted that not all securities rotate on the stock market. Only securities of issuers that meet the requirements of the exchange market are allowed on the exchange market.

**Key words:** primary market, stock market, securities, over-the-counter market, cash market, appearance of securities, financial assets, national bank, listing, financial market.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **918-59-62-62**

**Information about the author:** ***Abdulloev Abdurasul Khalifayevich*** **-** Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Finance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **918-59-62-62**

**УДК:330.34(575.3)**

# ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ БА БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдуллозода Равшан Амирхон, Ҳайдарова А.Э.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақиқатан дар таърихи халқи тоҷик марҳилаи ниҳоят мураккаб маҳсуб меёбад. Роҳи пешгирифтаи мамлакат ва раванди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ бевосита тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фаро гирифтанд.

Қатъ гардидани алоқаҳои иқтисодӣ бо ҳодисаҳои дохилӣ дар як вақт ба миён омаданд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба мамлакат зарари калон расонид. Ҳамаи ин омилҳо иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба буҳрони иқтисодӣ оварда расонида, сабаби пастшавии ҳаҷми истеҳсолот ва паст рафтани сатҳи зиндагии шаҳрвандон гардид. Бисёре аз корхонаҳо аз кор монданд, қисми дигарашон бо иқтидори нопурра фаъолият мекарданд, ки ин боиси паст гардидани имкониятҳои молиявии онҳо мегардид. Дар натиҷа, музди меҳнати коргарон дар вақташ пардохт намешуд, ё дар сатҳи паст қарор дошт. Ин боиси он гардид, ки қисми зиёди коргарон аз кор раванд, ё худ ба рухсатии бемуҳлати бепул раванд. Ҳатто дар аввали солҳои 90-ум аз ҷумҳурӣ рафтани мутахассисон оғоз гардида буд. Дар бозори меҳнат вазъият тезутунд гардид. Барои аҳолии Тоҷикистон дар давраи сотсиализм ибораи «бекорӣ», вуҷуд надошт ва ғайричашмдошт буд. Ҳамаи одамон мувофиқи Сарқонун бояд кор мекарданд ва музди меҳнат дар якҷоягӣ бо фондҳои ҷамъиятӣ-истеъмолӣ асоси қонеъ гардонидани талаботҳои материалӣ ва маънавии аҳолӣ буд. Инчунин, бозори меҳнат соҳаи кирояи қувваи корӣ набуд [10,с.154].

Дар шароити ташкилёбии иқтисоди бозоргонӣ, пеш аз ҳама, психологияи аҳолиро дигар кардан лозим буд. Қисми аҳолӣ бо одатҳои кӯҳна тадбирҳои марказонидашударо аз тарафи давлат интизор мешуданд, қисми дигаре фаъолона ҷойи кор мекофтанд.

Омили дигаре, ки ба бозори меҳнат дар кишвар таъсир мерасонад, ин муҳоҷирати хориҷии қисми зиёди коргарони баландихтисос мебошад.

Ба ивази мутахассисон ва коргарони баландихтисоси аз шаҳрҳо рафта захираҳое, ки бисёрашон таҷрибаи кори индустриалӣ надоранд ва инчунин дараҷаи касбу тахассусашон паст мебошад, аз деҳот омаданд.

Омили дигаре, ки ба рушди бозори меҳнат таъсир мерасонад, ин дараҷаи баланди афзоиши табиии аҳолӣ мебошад. Чи тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи мамлакатҳое шомил аст, ки дорои афзоиши баланди табиии аҳолӣ мебошад. Дар аввали соли 2016 аҳолии мамлакат 8742,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 1991 3237,7 ҳазор нафар, яъне 58,8% зиёд гардидааст, ки ба ҳисоби миёна ҳар сол 2,4%-ро ташкил мекунад. Дар ин солҳо афзоиши шумораи аҳолӣ гуногун аст. Агар солҳои бесарусомониҳо 1992-1996 ҳисоби миёнаи афзоиши аҳолӣ 0,2-1,2%-ро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда солҳои 1997-2016 ба 1,9-2,1% расид. Дигар хел карда гӯем, суръати афзоиши аҳолӣ ба солҳои 90-уми асри гузашта (2-4%) наздик мешавад.

Чунин афзоиши нуфузи аҳолии Тоҷикистон ба амал омадааст, ки он аз таъсири омилҳо ва шароитҳои гуногуни ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва анъанаҳои миллӣ маҳсуб мегардид. Хусусияти рушди демографӣ, афзоиши иқтидори меҳнатии мамлакат мебошад.

Ба тариқи нисбӣ кам шудани афзоиши аҳолӣ, аз он ҷумла қисми қобили меҳнатии он, шумораи мутлақи захираҳои меҳнатӣ дар мамлакат бо ҳаҷми калон зиёд мегардад. Дар давраи аз соли 1991 то соли 2016 шумораи захираҳои меҳнатӣ

аз 2526,0 ҳазор нафар то 5254,0 ҳазор нафар ё 2,1 маротиба зиёд шудааст. Бо назардошти рақамҳои дар боло зикршуда ва мувофиқи ҳисобҳои мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи захираҳои меҳнатӣ бояд соли 2010 ба 4,5 млн нафар, соли 2025 ба 6,5 млн нафар ва соли 2050 ба 10 млн хоҳад расид, ки нисбат ба соли 2016-ум 2,6 маротиба зиёд мебошад.

Бо ин ҳаҷм афзудани захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бо кор таъмин кардани онҳоро душвор месозад. Аз як тараф, зиёдшавии захираҳои меҳнатӣ омили дар оянда афзоиши баланди иқтисодиёти мамлакат мегардад, аз дигар тараф, як қатор масъалаҳои ҳалталабро, ба монанди таъмини самараноки шуғл ва рушди бемайлони бозори меҳнат ва ғайраҳоро пеш меорад. Аз захираҳои меҳнатии соли 2016-ум 5254,0 ҳазор нафар, 2384,0 ҳазор нафарро аҳолии шоғил ташкил дод, ки ин 45,4% мебошад. Ҳамин тариқ, дараҷаи шуғлнокии аҳолӣ аз 78,0% дар соли 1991 то ба 45,4% дар соли 2016 паст фаромад. Ин ҳам бошад, асосан, аз ҳисоби хонандагон ва шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти ғайрирасмӣ машғуланд.

Дигаргуниҳои иқтисодии баамаломада ба рушди шаклҳои гуногуни моликият мусоидат намуданд, ки ба тағйирёбии тақсимоти қувваҳои корӣ оварда расонид.

Рушди шаклҳои нави хоҷагидории ғайридавлатӣ дар солҳои охир боиси кам гардидани шумораи шоғилин дар сектори давлатӣ гардид. Шуғлнокӣ ба таври воқеӣ аз ҷониби сектори хусусӣ таъмин карда мешавад, ки дар соли 2016 - 66,2%-и шоғилинро дар бар гирифта, 19,2% ба сектори давлатӣ, 13,7% ба моликияти коллективӣ, 0,8% ба шакли моликияти омехта бе иштироки хориҷиён ва 0,3 хориҷиён рост меояд.

Дар ин давра дар шуғлнокии соҳавии аҳолӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Мисол, ҳиссаи аҳолии бо шуғл фарогирифташуда дар соли 2016 нисбат ба соли 1991 дар соҳаҳои хоҷагии халқ, ба монанди саноат аз 13,0% ба 2,7%, дар сохтмон аз 7,5 то 2,9%, дар нақлиёт ва алоқа аз 4,5 то 2,9% кам гардид. Ин ҳам ба канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва дараҷаи нокифояи сармоя вобастагӣ дорад. Дар як вақт ҳиссаи шоғилин дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал аз 44,7% то ба 67,5% афзуда, 554,0 ҳазор нафарро ташкил дод. Ба афзоиши шумораи аҳолии соҳиби шуғл дар деҳот бошад, инкишофи хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ - фермерӣ ва инчунин амаликунии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба аҳолӣ додани 75 ҳазор гектар замин мусоида намуд.

Рушди соҳибкории хурд дар фарогирифтани аҳолӣ бо шуғл нақши муассир дорад. Дар мамлакат соли 2016 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) бақайдгирифташуда 24901 ададро ташкил дод, ҳол он ки ин адад соли 1997-ум 8023 ададро ташкил дода буд.

Дар сохтори соҳибкории хурд фаъолияти мустақилонаи шахсони воқеӣ нақши калон мебозад. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳое, ки бо соҳибкорӣ машғуланд ва мақоми шахси ҳуқуқиро доранд, нишон медиҳад, ки дар соли 2006-ум шумораи умумии онҳо 1801 ададро ташкил намуда, дар онҳо 18,1 ҳазор нафар одам фаъолият мекарданд.

Дар бозори меҳнат шиддати муайянро шуғли нопурра пайдо мекунад. Ин як қисми қувваи корие, мебошад, ки бо ташаббуси маъмурият бе маош ва қисман пардохти он дар рухсатӣ мебошанд ва соли 2006-ум дар мамлакат 17,2 ҳазорро ташкил дод, ки асосан, бо сабабҳои канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ, мушкилиҳои фурӯши мол, набудани маблағи кофӣ барои харидани ашёҳо ва ғайра вобаста мебошад [10,с.164].

Дар мамлакат соли 2016 шумораи бекорони мақоми расмидошта 2786 нафарро ташкил додааст ва аз аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 2,3%-ро ташкил намуд.

Ҳамзамон, таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи бекорон ба хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат мекунанд ва теъдоди онҳо аз шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда хеле зиёд аст. Шумораи аслии бекорон дар ҷумҳурӣ

аз ҳисоби бекории пинҳонӣ ва бақайдгирифтанашуда метавонад зиёд бошад. Зиёдшавии шуғли пинҳонӣ ва дуҷоякорӣ, амартизаторони табиии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб мераванд, ки ба ихтисоршавии имкониятҳои шуғлнокӣ ва гирифтани музди меҳнати ҳақиқӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои сектори расмӣ вобастаанд абабҳои асосии муроҷиат накардани бекорон ба хадамоти шуғли аҳолӣ омилҳои зерин мебошанд:

1. Мақоми бекорӣ нақши манфӣ мегузорад.

2. Маблағи ками кумакпулӣ ва талабот, ки дар асоси он мақоми бекорӣ дода мешавад.

3. Мавҷудияти шуғли ғайрирасмӣ, ки қисми зиёди бекоронро ба шуғл таъмин менамояд [4,с.55].

Дар бозори меҳнат вазъи шиддатнокии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, масалан занону ҷавонон, чун пештара боқӣ мемонад. Дар аввали соли 2016 ҳиссаи занҳо дар шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда 54,2%-ро ташкил намуд. Чунин таносуб дар ҳайати бекорон бо ҷинс вобаста аст, пеш аз ҳама, аз таркиби аҳолӣ. Қисми зиёди занҳо, хусусан онҳое, ки ба корҳои хонагӣ машғул буданд ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагониро хатм кардаанд, ба бозори меҳнат баромада, шумораи бекорони бақайдгирифташуда ва ё сафи зиёдгардидаистодаи маротибаи аввал корҷуяндагонро пур мекунанд. Ин ба он вобаста аст, ки шумораи кифояи ҷойҳои холии кории занона ҳисобидашаванда мавҷуд нест ва ҷойҳои холии мавҷудбуда ба сатҳи касбию тахассусӣ ва донишу малакаи занҳо мувофиқ мебошад. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар мамлакат барои солҳои 2007-2017» ташкилотҳои давлатии марбута бояд дар вақти ташкили ҷойҳои нави корӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ҳайати ҷинсии аҳолиро бояд ба назар гиранд. Бояд қайд кунем, ки истифодаи меҳнати занҳо танҳо дар доираи хоҷагиҳои хонагӣ ин вазъи перспективӣ нест. Тайёрии кадрҳо ва таъмини шуғли захираҳои меҳнатии занон яке аз қисмҳои асосии муҳофизати иҷтимоии онҳо мебошад [2,с.14-15].

Дар мамлакат масъалаи шуғлмандии ҷавонон махсусан ҳалталаб мебошад. Зиёда аз 55,1%-и бекорони расман бақайдгирифташударо ҷавонони синни 15-29-сола ташкил медиҳад. Ин гурӯҳи бекорон бояд объекти назорати хадамоти маъмурӣ қарор гирад. Дар ҳақиқат, мувофиқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тахминан 90%-и ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи ҷавонони бекор содир карда мешаванд. Ба алоқамандии бевоситаи сатҳи бекорӣ ва ҷинояткорӣ маълумотҳои Ташкилоти байналхалқии меҳнат низ далолат мекунад, ки мутобиқи онҳо 1% баландшавии бекорӣ ба 4% баландшавии ҷинояткорӣ оварда мерасонад [3,с.18].

Маводҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳайати бекорон шахсон бо маълумоти миёнаи нопурра - 56,4%, миёнаи умумӣ - 26,2%, миёнаи махсус - 13,9%, олӣ - 3,9%-ро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки бекорони маълумоти миёнаи нопуррадошта 24,6 ҳазор нафар (56,4%) ва маълумоти миёнадошта 11,4 ҳазор нафар ё 26,2%, асосан шаҳрвандони тахассуси пастдошта ё умуман тахассус надошта мебошанд, ки бояд хадамоти шуғли аҳолӣ барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ ва касбии онҳо чораҳо андешад. Бекорони маълумоти олидор (1,7 ҳазор нафар ё 3,9%) ва маълумоти миёнаи махсусдоштаро (5,9 ҳазор нафар ё 13,5%) бо кор таъмин кардан, тахассуси нав омӯзонидан ё баланд бардоштани дараҷаи касбиашон ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин хулоса боз як бори дигар тасдиқ мекунад, ки дар байни бекорон 31,8%-ро бори аввал кор мекофтагиҳо; 30,3%-ро шаҳрвандоне, ки касб надоранд; 15,3%-ро шахсоне, ки аз корхонаҳо озод карда шудаанд, ташкил медиҳанд.

Яке аз роҳҳои асосии кам кардани бекорӣ ин ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин асос зиёд намудани талаботи ҷамъият ба қувваи корӣ мебошад. Талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ, ки ба хадамоти шуғли аҳолии ҷумҳурӣ дар соли 2016-ум пешниҳод шудааст, 16,3 ҳазор нафар мебошад. Гарчанде ин рақам нисбати соли 2000-ум 2 баробар зиёд бошад ҳам, имрӯз нокифоя аст.

Умуман, новобаста ба чораҳои муайяне, ки аз тарафи давлат ва намояндагони шаклҳои дигари моликият оиди шуғл, зиёдшавии ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани дараҷаи истеҳсолот, афзоиши захираҳои меҳнатӣ андешида мешаванд, бозори меҳнат боз ҳам шиддатноктар мегардад.

Ҳамин тариқ, дар ин самт барои рушди бозори меҳнат ва шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад:

- дар деҳот, дар он маҳалаҳое, ки шумораи аҳолии зиёд мавҷуд аст, ташкил намудани истеҳсолот бо истифода аз технологияҳои навин, коркарди ашёҳои маҳаллӣ бо сифати баланди рақобатпазир;
- рушди соҳаи хизматрасонӣ, инфраструктураи иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ бо мақсади муҳайё намудани шароити хуби меҳнат, тақсимоти қувваҳо, пеш аз ҳама занҳо, аз соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба соҳаи ғайриистеҳсолӣ;
- кор карда баромадани чораҳои махсус оид ба дастгирии ҳуқуқӣ, бо шуғл таъмин кардани ҷавонон, модарони танҳо ва бисёрфарзанд, маъюбон, хатмкунандагони мактабҳои олӣ ва миёна, аз сафи хизмати ватан ҷавобшудагон, шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи тағйироти куллии таркибӣ аз кор озод шудаанд ва аз тарафи давлат маблағгузорӣ кардани ин гуна гурӯҳҳо.

## АДАБИЁТ


1. Адамчук В.В. Экономика и социология труда: Учебник для вузов / В.В. Адамчук, О.В. Ромашов, М.У. Сорокина. -М.: ЮНИТИ, 2000. -407 с.
2. Закон Республики Таджикистан «О занятости населения». -Душанбе, 1993.
3. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2016. -№2/4(204). -С.16-21.
4. Искандаров Х.Х. Мировой опыт формирования и развития конкурентоспособности работников / Х.Х. Искандаров, С.Н. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/5. -Ч.2. -С.53-58.
5. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират». -Душанбе, 2009.
7. Рынок труда. Учебник / под редакцией В.С. Буланова, Н.А. Волгина. -М.: «Экзамен», 2000.
8. Ходиев Д.А. Человеческий капитал и кадровое обеспечение в сельском хозяйстве / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление. Материалы ежегод. межд. науч. прак. конф. (г. Воронеж). -Воронеж, 2016. -С.246-251.
9. Шлендер П.Э. Рынок труда / П.Э. Шлендер. -М., 2004. -208 с.
10. Яҳёев О.З. Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат / О.З. Яҳёев, Д.А. Ҳодиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -257 с.


## ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ БА БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи равандҳои демографӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти бозори меҳнат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маълумотҳои оморӣ оид ба афзоиши аҳолӣ дар солҳои гуногун оварда шудаанд. Дар мақолаи мазкур вобастагии бозори меҳнат аз хусусиятҳо, равандҳои демографӣ, омилҳои муайянкунандаи динамикаи бозори меҳнат ва хатари бекории пӯшида нишон дода шудааст. Оиди таъсири бекории пӯшида ба рушди иқтисодиёти кишвар ва ояндаи ҷавонон маълумот оварда шудааст. Масъалаи шуғли аҳолӣ, тағйирёбии сифати захираҳои меҳнатӣ ва инчунин як қатор масъалаҳои мубрами бозори меҳнат мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, психологияи аҳолиро дигар кардан лозим буд. Қисми аҳолӣ бо одатҳои кӯҳна тадбирҳои марказонидашударо аз тарафи давлат интизор мешавад, қисми дигаре фаъолона ҷойи кор мекобад. Омили дигаре, ки ба бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсир мерасонад, ин муҳоҷирати меҳнатии қисми зиёди коргарони баландихтисос мебошад, ки барои пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳми арзишманде гузошта метавонанд. Дар шароити муосир, бе ба ҳисоб гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, дар шароити ҳамгироии иқтисоди мамлакатҳои гуногун самаранок ба танзим даровардани бозори меҳнат ғайриимкон мебошад.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, шуғлмандӣ, демография, раванди демографӣ, бозори меҳнат, кормандон, бекории пинҳонӣ.

## ВЛИЯНИЕ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ НА РЫНКЕ ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена рассмотрению влияния демографических процессов на функционирование рынка труда. В статье приведена статистика прироста населения в разные годы. Рассматривается зависимость рынка труда от специфики демографических процессов, определены факторы, влияющие на динамику рынка труда. Выявлены причины опасности скрытой безработицы для молодежи. Рассматривается проблема трудовой занятости населения, изменения качества трудовых ресурсов. Развитие мирохозяйственных связей предъявляет новые требования не только к высококвалифицированным работникам в различных странах мира, но и к представителям неквалифицированного труда, на которых возрастает спрос в связи с высокими темпами развития сферы услуг и интернационализацией процесса производства. Другими словами, процессы глобализации привели к существенным изменениям в модели занятости, в которой работнику предоставляется право на саморазвитие и поиск новых достойных рабочих мест, исходя из его возможностей и способностей. В настоящее время невозможно рационально и эффективно регулировать рынок труда, не учитывая при этом направленность развития процессов глобализации, которые в условиях сближения национальных экономик очень жестко определяют целевые ориентиры государственной политики занятости экономически активного населения. Все это предопределяет актуальность и своевременность настоящего исследования.

**Ключевые слова:** экономика, занятость, демография, демографический процесс, рынок труда, работники, скрытая безработица.

## INFLUENCE OF DEMOGRAPHIC PROCESSES IN THE LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the consideration of the influence of demographic processes on the functioning of the labor market. The article presents statistics of population growth in different years. The dependence of the labor market on the specifics of demographic processes is considered, the factors influencing the dynamics of the labor market are identified. Revealed the causes of the danger of hidden unemployment for young people. Examined the problem of employment, changes in the quality of labor resources. The development of world economic relations imposes new requirements not only on highly skilled workers in various countries of the world, but also on representatives of unskilled labor, for whom the demand is increasing due to the high rates of development of the services sector and the internationalization of the production process. In other words, globalization processes have led to significant changes in the employment model, in which the employee is given the right to self-development and the search for new decent jobs based on his capabilities and abilities. At present, it is impossible to rationally and effectively regulate the labor market without taking into account the direction of the development of globalization processes, which, in the context of convergence of national economies, very rigidly define the targets of state employment policy of the economically active population. All this determines the relevance and timeliness of this study.

**Key words:** economy, employment, demography, demographic process, labor market, workers, hidden unemployment.

**Сведения об авторах:** ***Абдуллозода Равшан Амирхон*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-45-45-07**. E-mail: **abdullozoda.r@mail.ru**

***Хайдарова Амина Эмомалиевна*** – Таджикский национальный университет, магистрант кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-02-32-34**. E-mail: **xajdarova-1995@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Abdullozoda Ravshan Amirkhon*** – Tajik National University, doctoral student PhD, department of management and marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 918-45-45-07**. E-mail: **abdullozoda.r@mail.ru**

***Haydarova Amina Emomalievna*** – Tajik National University, master of science of the department of human resource management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 900-02-32-34**. E-mail: **xajdarova-1995@mail.ru**

УДК 338.24(575.3)

# УПРАВЛЕНЧЕСКАЯ УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ДЛЯ ЦЕЛЕЙ УПРАВЛЕНИЯ ОРГАНИЗАЦИЕЙ

***Раджабов Т.***
**Таджикский национальный университет**

Проблема управленческой учетно-аналитической системы с позиций науки, теории и осуществления является дискуссионной, и это обусловлено различием в заключении о практическом применении решающей составляющей управленческой учетно-аналитической системы - бухгалтерского управленческого учета и существенностью содержания теоретических положений.

В научной экономической литературе в современных условиях положение о том, что бухгалтерский управленческий учет - это одна из составляющих системы управления организацией в части информационного обеспечения управленческих потребностей, стало аксиоматичным. Основное предназначение бухгалтерского управленческого учета в этом контексте заключается в обработке конкретных объективных данных для выбора и принятия управленческих решений с целью удовлетворения информационных запросов заинтересованных пользователей, что определяет проведенный комплексный анализ определений управленческого учета. В экономической литературе определено многое количество направлений определения управленческого учета, которые акцентируют внимание на тех или иных вопросах данной экономической категории и одно их перечисление признается крайне сложным.

1. Как подсистема бухгалтерского финансового учета.
Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ташаккулёбии системаҳои идоракунии таълим ва механизми фаъолияти онҳо дида баромада шудаанд. Модели ташкилёбии хизматрасонии таълимӣ нишон дода шудааст. Модели риёзии тасвири раванди таълимӣ оварда шудааст. Дар мақола чунин моделҳо оварда шудаанд: модели балӣ, модели танзими таснифӣ, модели эталонӣ, модели баҳодиҳии объектҳо. Мисол, бо ёрии ин моделҳо арзёбии функсионалии таносуби муаллимон нисбат ба донишҷӯён муайян карда шудааст. Моделҳо барои расонидани хадамоти таълимӣ бо мақсади беҳтар намудани системаи идоракунии сифати таҳсилот истифода шудаанд. Барои арзёбии дониши донишҷӯён чор омил истифода шудааст. Баҳодиҳии функсионалии таносуби ҳайати устодон-профессорон, ки дараҷаи илмӣ доранд, нисбат ба контингенти донишҷӯён муайян шудааст. Пешгӯии вазъи дохилшавӣ ва хатмкунии мактабҳои олӣ бо роҳи истифодаи коррелятсияи ҷуфт амалӣ шудааст. Нишондиҳандаҳо таҳлил шуда, роҳҳои ҳалли ин масъала бо истифода аз моделҳои риёзӣ муайян шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои роҳбарони донишгоҳҳо ва умуман барои системаи маориф муфид бошанд.

**Калидвожаҳо:** хизматрасониҳои таълимӣ, модел, коррелятсия, регрессия, коркардҳо, татбиқ, механизм, ташаккулёбӣ, масъала, таъсир, системаи маориф, бозори меҳнат, мактаби олӣ, пешгӯӣ, кормандони илмӣ-педагогӣ.

## МЕХАНИЗМ ФОРМИРОВАНИЯ МОДЕЛЕЙ ОКАЗАНИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ

В данной статье рассмотрены особенности формирования системы управления образованием и выявление механизма ее функционирования. Показано формирование модели оказания образовательных услуг. Приведена математическая модель описания образовательного процесса. В статье приведены следующие модели: балльная модель, нормативно-классификационная модель, эталонная модель, модель ранжирования объектов. Например, при помощи этих моделей определяли расчет функциональной оценки соотношения состава преподавателей к студенческому контингенту. Основа формирования моделей использовалась для оказания образовательных услуг, чтобы улучшить систему управления качеством образования. Для оценки знания студентов использовались четыре фактора. Определен расчет функциональной оценки соотношения профессорско-преподавательского состава, имеющих ученую степень к студенческому контингенту, оказывающий влияние на систему образования. Осуществлялось прогнозирование состояния поступления и окончания ВУЗа путем использования парной корреляции. Проведено исследование показателей и определены пути решения этой проблемы с использованием математических моделей. Результаты исследования могут быть полезными для руководителей вузов и, вообще, для системы образования.

**Ключевые слова:** образовательные услуги, модель, корреляция, регрессия, разработки, внедрение, решение, механизм, формирование, проблема, влияние, система образования, рынок труда, ВУЗ, прогнозирование, научно-педагогические кадры.

## MECHANISM OF FORMATION OF MODELS OF RENDERING EDUCATIONAL SERVICES

This article describes the features of the formation of the education management system and identifies the mechanism of their functioning. The formation model of the provision of educational services is shown. The mathematical model of the educational process description is given. The article presents the following models: a point model, a normative-classification model, a reference model, an object ranking model. For example, using these models, the calculation of the functional assessment of the ratio of the composition of teachers to the student population was determined. The basis of the formation of models was used to provide educational services in order to improve the management system of the quality of education. Four factors were used to assess students' knowledge. The calculation of the functional assessment of the ratio of faculty with a degree to a student contingent, influencing the education system, is determined. Prediction of the status of admission and graduation of the university through the use of pair correlation was carried out. A

study of indicators and ways to solve this problem using mathematical models. The results of the research can be useful for university managers and in general for the education system.

**Key words:** educational services, model, correlation, regression, development, implementation, solution, mechanism, formation, problem, influence, education system, labor market, university, forecasting, scientific and pedagogical personnel.

**Сведения об авторах:** ***Рустамова Хуршедабону Рахимовна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры информационно-коммуникационных технологий. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17
***Таибов Орзу Рузадорович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической кибернетики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17 Телефон: **935-35-01-58**

**Information about the authors:** ***Rustamova Hurshedabonu Rakhimovna*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Information and Communication Technologies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17
***Taibov Orzu Ruzadorovich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Economic Cybernetics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue Telephone: **935-35-01-58**. E-mail: **orzu_74_34@mail.ru**

**УДК: 330.322(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ИҚТИСОДИИ МАХСУСИЯТИ ТАШАККУЛИ ПЕШНИҲОДОТИ МОЛӢ ДАР БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ

***Каримова Н.С. Саидова Н.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароитҳои муосири давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ташаккули пешниҳодоти молӣ дар бозори минтақавии молҳои истеъмолӣ ба тағйиротҳои назаррас рӯ ба рӯ гашт. Давраи гузариш бо бартарияти молҳои воридотӣ, инчунин дар гурӯҳҳои молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ бо аз миён баровардани молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз бозори истеъмолии дохилии мамлакат тавсифот мегардад.

Барои муайянсозии миқёсҳои дохил гардидани молҳои воридотӣ ба бозори истеъмолии минтақавӣ ва ошкорсозии сабабҳои тағйирёбии сохтори пешниҳодоти молӣ н таҳқиқоти бозори молҳои истеъмолӣ дар мисоли вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар рафти таҳқиқоти гузаронидашуда 100 корхонаи савдои чакана ва як қатор бозорҳои муташаккилгардида мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, 100 корманди савдо ва 200 харидор мавриди пурсиш қарор дода шуд.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи фурӯши чаканаи молҳои истеъмолӣ дар бурриши истеҳсолкунандагон миқёси калони дохилшавии молҳои воридотиро ба бозори истеъмолии минтақавӣ нишон дод. Дар номгӯйи молҳои озуқаворӣ молҳои истеҳсоли хориҷӣ аз рӯи чунин гурӯҳҳои молӣ ба монанди йогурт (91,1%), панир (89,4%) ҳасибҳои нимдудкардашуда (68,5%), равғани ҷуворимакка (95%), равғани офтобпараст (82%), шоколад бо пуркунанда (74,1%), конфетҳо (62%), гӯшти мурғи марҷон (100%) ва ғайра бартарӣ доштанд. Бояд қайд намуд, ки дар бозорҳои истеъмолӣ дараҷаи пуррагии молҳои воридотӣ назар ба корхонаҳои савдои чакана баландтар аст.

Дар баробари ин, вақтҳои охир васеъшавии муайяни пешниҳодоти моли молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба мушоҳида мерасад. Дар савдои чакана, ҳам дар мағозаҳо ва ҳам дар бозорҳои ғайриозуқаворӣ чунин намудҳои маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба монанди майонез, консерваҳои гӯштӣ, ҳасибҳои пухтагӣ, мурғ, консерваҳои моҳӣ, номгӯйи конфетҳо аз шоколад , пешниҳод гардидаанд. Аз рӯйи номгӯйи мазкури молҳои истеъмолӣ истеҳсолкунандагони ватанӣ ва инчунин маҳаллӣ барои фурӯш молҳои дорои номгӯйи васеъ ва босифатро пешниҳод месозанд, ки ин талаботи устувори харидориии аҳолиро таъмин менамояд.

Таҳқиқи бозори истеъмолии минтақавии молҳои ғайриозуқаворӣ дохилшавии миқёси калони молҳои воридотиро ба ин бозор назар ба бозори молҳои озуқаворӣ нишон дод. Аз номгӯйи барои фурӯш пешниҳодгардидаи молҳои ғайриистеъмолӣ молҳои воридотӣ аз рӯйи телевизорҳои ранга -95%, магнитофонҳо -98%, видеомагнитофонҳо -100%, яхдонҳо - 80%, мошинаҳои ҷомашӯйӣӣ -79%, бозичаҳо -75% ва ғ. Ташкил доданд.

Молҳои ғайриистеъмолии истеҳсоли ватанӣ асосан бо маҳсулоти саноати сабук бо миқдори маҳдуди корхонаҳои фурӯши чакана, бо ҳисоби миёна бо 16-20% корхонаҳои фурӯши чаканаи муоинагардида пешниҳод карда шудаанд. Номгӯйи васеи молҳои ғайриистеъмолии ватанӣ аз рӯи чунин гурӯҳҳои молӣ ба монанди куртаҳои нимтанаи занона, палтоҳои занона, пойафзоли кӯдакона пешниҳод гардида буд. Илова бар ин, интихоби васеи молҳои ғайриистеъмолии истеҳсоли ватанӣ на дар бозори молӣ, ки дар онҳо асосан молҳои воридотии ғайриистеъмолӣ ба фурӯш баровarда мешаванд, балки дар корхонаҳои савдои чакана мавҷуд буд.

Пурсиши дар байни мутахассисони соҳаи савдо гузаронидашуда нишон дод, ки ҳангоми фурӯши маҳсулоти хӯрока зиёда аз 59% агентҳои савдо ба молҳои истеҳсоли ватанӣ ва танҳо 29%-и онҳо ба молҳои ғайриистеъмолии воридотӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд ҳангоме ки вакти фурӯш кормандони савдо бо молҳои воридотӣ (76%) кор карданро авлотар медонанд. Қисми зиёди мутахассисони соҳаи савдо фурӯши молҳои ғайриистеъмолии истеҳсоли хориҷиро авлотар медонанд ва қайд менамоянд, ки ин молҳо дорои сифати аъло (49%) буда, тез ба фурӯш мераванд (34,5%), номгӯй ва интихоби васеи таъминкунандагони маҳсулотро доранд (24,1%). Аз рӯйи молҳои истеъмолӣ мутахассисон чунин ҷавоб доданд, ки онҳо фурӯши молҳои ватанӣ, махсусан молҳои истеҳсолкунвандагони маҳаллиро авлотар медонанд. Бо сабаби сифати баланд ва бехатарии молҳои мазкур (65,6% мухотабон) шакли муфиди пардохти мол – аз рӯйи фурӯш (43,7%) нархҳои пасти харидорӣ (34,3%) фурӯши фаврии мол (40,6%) пурсиши истеъмолкунандагон нишон дод, ки қисмати зиёди онҳо (82,4%) ҳангоми харидории молҳои ғайриистеъмолӣ ба маҳсулоти воридотӣ ҷалби зиёд доранд ва ин интихоби худро бо сифати хуби молҳои воридотӣ, мувофиқат ба талаботи замон ва технологияҳои пешрафта маънидод месозанд. Танҳо 12,6% истеъмолкунандагон хоҳиши харидории молҳои ғайриистеъмолии ватаниро бо сабаби арзонии нарх, мувофиқати нарх бо сифати молҳои фурӯхташаванда доранд.

Ҳангоми харидории молҳои ғайриистеъмолӣ қисми зиёди истеъмолкунандагони пурсишшаванда (62%) хоҳиши харидории молҳои ватаниро корданд, чунки онҳо бо сифати баран два мӯҳлати нигоҳдорӣ, бехатарӣ дар истеъмол фарқ менамоянд, ва ғайр аз ин ба вояи ғизои инсон, ки дар ин маҳал умр ба сар мебаранд, мувофиқат менамоянд, ки ин ба бартарафсозии номураттабӣ дар ғизо ва энергетика мусоидат намуда, саломатиро тақвият мебахшад.

Аз рӯйи ақидаи кормандони савдо маҳакҳои асосии муайянкунандаи интихоби истеҳсолкунандаи молҳои истеъмолии харидоришаванда аз ҷониби харидорон нархи онҳо мебошад, ки 84,2% мухотабон чунин маҳакро қайд намуданд.

Дар баробари ин харидорон ба намуди зоҳирии маҳсулоти хӯрока кам аҳамият дода, бештар ба сифат, бехатарии иқтисодӣ ва муҳлати истифодабарии онҳо диққат медиҳанд. Ҳангоми интихоби молҳои ғайриистеъмолӣ маҳакҳои асосӣ инчунин нархи молҳои фурӯхташаванда (72,4%) ва сифати онҳо (69%) мебошад. Лекин, ҳангоми харидории молҳои ғайриистеъмолӣ харидорон ба намуди зоҳирии диққатҷалбкунанда (34,5%) ва тамғаи савдоии истеҳсолкунанда (62%) аҳамият медиҳанд.

Ҳангоми фурӯши молҳои ғайриистеъмолӣ дар бозори истеъмолии шаҳр аксарияти корхонаҳои савдо бо чунин мушкилот ба монанди қобили пардохт набудани харидорон (90% мухотабон), пур будани бозор бо чунин молҳои истеҳсоли хориҷӣ (48,3%) баланд будани арзиши аслии молҳо (38%) ва чун натиҷаи омилҳои ишоратгардида – пастравии талаботи харидорон (20,7%) рӯ ба рӯ мегарданд. Натиҷаҳои пурсиши мутахасссисони соҳаи савдо оиди тамоюлоти рушди талаботи харидорон нисбати молҳои ғайриистеъмолӣ дар бурриши истеҳсолкунандагон манфиатовар аст. Қисмати зиёди мухтотабон чунин меҳисобад, ки талаботи аҳолӣ ба молҳои ғайриистеъмолии воридотӣ дар сатҳи пешина (55,1%) мемонад ва ё боло меравад (27,2%). Қариб 20% мутахасссисони соҳаи савдо қайд намудаанд, ки талабот ба молҳои ғайриистеъмолии истеҳсоли муштарак яқинан дар сатҳи пешина мемонад ва ё якчанд маротиба боло меравад..

Ҳамин тариқ, аз рӯйи ақидаи мутахасссисони корхонаҳои соҳаи савдо молҳои ғайриистеъмолии воридотӣ дар сохтори пешниҳодоти молӣ дар бозори истеъмолии минтақа бо сабаби болоравии талаботи харидорон ба чунин молҳо бартарӣ хоҳад дошт. Таҳқиқотииовардашуда нишон дод, ки пешниҳодоти молии молҳои ғайриистеъмолӣ дар бозори истеъмолии минтақавӣ 65-70% аз ҳисоби

молҳои воридотӣ ташаккул меёбад, илова бар ин тамоюлоти берун кардани молҳои ғайриистеъмолии ватанӣ аз бозори истеъмолии минтақа мушоҳида мегардад. Агентҳои муайяни соҳаи савдо ва харидорон рақобатпазирии пасти молҳои ғайриистеъмолии ватаниро назар ба молҳои воридотӣ бо сабаби нархи баланд ба молҳои сифатнокиашон миёна, намуд ва борҷомаи начандон диққатҷалбкунанда, номувофиқатӣ бо талаботи замон ва талаботҳои пешрафти илмӣ-техникӣ қайд менамоянд.

Дар сохтори пешниҳодоти молӣ дар бозори истеъмолии шаҳр ва кишвар ҳиссаи молҳои истеъмолии истеҳсолкунандагони ватанӣ ботадриҷ зиёд гардида, ҳиссаи молҳои воридотӣ кам мегардад. Қисмати зиёди харидорон ба харидории маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ майл намуда, онҳоро аз рӯи сифат, амнияти экологӣ, нархҳои мутаносибан паст ва мувофиқати нарху сифати молҳои бафурӯшбаровардашуда баҳогузорӣ менамоянд.

Аз як тараф, ба туфайли зиёдшавии воридоти молҳои истеъмолӣ аз хориҷи кишвар рақобат дар бозори истеъмолӣ пурзӯр мегардад, ки ин боиси баландшавии сифат ва васеъшавии номгӯйи молҳои фурӯхташаванда, қонеъгардонии пурраи талаботи харидорон мегардад. Зиёдшавии воридоти молҳои хориҷӣ ба бозори истеъмолии дохилӣ боиси пуррашавии он ва барҳамдиҳии камчинии аксарияти навъи молҳо мегардад. Ғайр аз ин, зиёдшавии воридоти молҳо аз рӯйи номгӯи молҳои истеъмолӣ ба он меорад, ки дар бозори истеъмолии мамлакат дар баробари молҳои анъанавӣ молҳои барои истеъмолкунандагони мо нав ба монанди навъҳои навтарини телевидеоаппаратура, техникаи муосири маишӣ пайдо мегарданд. Дар натиҷа ташаккули талаботи харидорон ба молҳои барои бозори истеъмолии мо нав ба миён меояд.

Аз тарафи дигар, дар натиҷаи аз миён бурдани молҳои ватанӣ аз бозори истеъмолӣ истеҳсолкунандагон маҷбуранд, ки ҳаҷми истеҳсолоти худро кам кунанд, ки дар натиҷа шумораи коргарон ихтисор гардида, сатҳи даромади аҳолӣ кам мегардад ва дар натиҷаи талаботи харидорон маҳдуд мегардад. Ҳаҷми калони воридоти молҳои истеъмолӣ молистеҳсолкунандагони ватаниро дар вартаи муфлисшавӣ гузошта, ба рушди иқтисоди мамлакатҳои хориҷӣ мусоидат менамоянд: ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ дар ин мамлакатҳо зиёд мегардад: ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Фишори воридот ақибмонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди ватанӣ ва пеш аз ҳама саноати сабук, истеҳсоли молҳои мӯҳлати истифодаашон дарозмуддатро нишон медиҳад. Сохтори воридоти молҳои истеъмолиро таҳлил ва имкониятҳои истеҳсолоти ватаниро баҳогузорӣ намуда, метавон афзалиятҳои рушди истеҳсолоти молҳои истеъмолиро дар мамлакати мо муайян намуд.

Яъне, метавон доираи молҳоеро, ки аз рӯйи онҳо рушди суръатноки истеҳсолоти ватанӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирӣ ва доираи молҳоеро, ки дар шароити муосир воридоти онҳо аз хориҷи кишвар мувофиқи мақсад аст, муайян кард. Аз нуқтаи назари мо, самти афзалиятноки рушди иқтисод дар марҳилаи муосир пурракунии бозори истеъмолии дохилӣ бо молҳои рақобатпазири ватанӣ ва баровардани батадриҷи молҳои воридотӣ бо пурракунии молҳои рақобатпазири ватанӣ ва расонидани ҳиссаи молҳои воридотӣ ба бозори ватанӣ то 10-15% мебошад. Ин барои он зарур аст, ки на танҳо амнияти иқтисодии мамлакат таъмин карда мешавад, инчунин ҳиссаи бекорон кам гардида, ба болоравии даромади ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам истеҳсолкунандагон мусоидат хоҳад кард.

Барои бадастории мақсади мазкур пеш аз ҳама таъсиси бозори рақобатпазири ватании молҳои озуқаворӣ зарур аст. Илова бар ин, ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ бояд аз рӯи ду самт ба роҳ монда шавад:

1. Рушди истеҳсолоти ватанӣ ва коркарди маҳсулоти хӯрока.
2. Рушди савдои молҳои озуқаворӣи истеҳсолоти ватанӣ. Дар самти якум звенаи аз ҳама нозук ва заиф маҳз коркарди маҳсулоти хӯрокаи истеҳсолшуда мебошад. Молҳои воридотии ғизоӣ аз рӯи миқдор кам бошанд ҳам

дар коркарди муосири технологӣ ва борҷома, ки нигоҳдории дарозмуддати онҳоро бо нигоҳдории сифат таъмин менамоянд, пешрафта ҳастанд. Ғайр аз ин, технологияҳои муосири коркарди маҳсулот имконият фароҳам меоранд, ки талафот ҳангоми истеҳсол, коркард ва нигоҳдории онҳо кам карда шаванд.

Лекин, аксарияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти ватанӣ барои харидорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир ва хатҳои коркарди маҳсулоти хӯрока захираҳои молӣ надоранд, фоизҳои баланди қарзҳо бошад вазъи молиявии корхонаҳоро хароб месозад. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳавасмандгардонии таҷҳизонидани техникии корхонаҳои коркарди маҳсулот, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир кумаки давлат ва, пеш аз ҳама, мақомоти маҳалии ҳокимият зарур аст. Кумак ба чунин корхонаҳо дар намуди қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок барои азнавсозии техникӣ бо фоизи пасттарин дар шакли имтиёз аз рӯи андозҳои маҳаллӣ дар намуди озодсозии пурра ва ё қисман аз андозбандӣ аз фоида то давраи пурра баровардани хароҷоти корхона зарур аст. Чунин чораҳо ба корхонаҳои коркарди маҳсулот имконият медиҳанд, ки пасандозкунӣ ва сармоягузории воситаҳои пулиро ба рушд ва васеъсозии минбаъдаи истеҳсолоти маҳсулоти баландсифати хӯрока амалӣ созанд. Таҷрибаи кори молистеҳсолкунандагони минтақавӣ зарурияти татбиқи технологияҳои навро барои бадастории муваффақият дар бозор тасдиқ менамоянд. Ҳамин тариқ, ба кор андохтани хатҳои нави технологӣ ва хатҳои бандубасти маҳсулот ба зиёдкунии мӯҳлати нигоҳдории маҳсулот, беҳтар кардани сифати онҳо, васеъсозии номгӯи онҳо мусоидат намуда, ба васеъшавии ҳиссаашон дар бозори озуқаворӣ меорад.

Нақши назаррасро дар рушди бозори истеъмолии ватанӣ савдо низ мебозад, ки бояд ба истеҳсолот дар асоси омӯзиши имтиёзҳо ва талаботҳои харидорон таъсиррасонӣ намояд. Илова бар ин, таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки танҳо 37,5% кормандони савдо то ин ва ё он андоза омӯзиши талаботи харидоронро ба молҳои истеъмолӣ бо истифодабарии чунин усулҳо ба монанди (6,3%) баҳисобгирӣ ва таҳлили фурӯш ва захираҳои молӣ (18,7%) анҷом медиҳанд. Қисми зиёди кормандони савдо (62,5%) ягон гунна омӯзиши талаботи харидоронро намегузаронанд ва инро бо хароҷоти зиёд, норасоии вақт ва набудани мутахассисони ихтисосманд маънидод менамоянд. Дар натиҷаи бамиёноии чунин ҳолат соҳаи савдо ба таври зарурӣ яке аз функсияҳои асосии худ - ошкорсозии имтиёзҳои харидорон, омӯзиши талаботи харидрон ва дар асоси ин ташаккул додани фармоиш ба истеҳсолкунандагонро иҷро наменамояд.

Ғайр аз ин, савдо на танҳо бояд омӯзад, инчунин ташаккули талаботи харидоронро ба молҳои нави истеъмолӣ, ки дар бозор пайдо мегарданд, амалӣ созад. Нақши муҳимро дар рушди бозори озуқаворӣ мағозаҳои фирмавӣ хоҳанд бозид, ки маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватаниро пешниҳод хоҳанд кард.

Дар натиҷаи гузориши бевоситаи маҳсулоти хӯрока аз молистеҳсолкунандагони бевосита чунин корхонаҳои савдо нархҳои нисбатан пастро ба молҳои озуқавории фурӯхташаванда муайян менамоянд, ки ин бояд номгӯи васеи молҳоро бо сифати баланд таъмин намояд. Ғайр аз ин, мағозаҳои фирмавӣ бояд омӯзиши воқеии талаботи харидорон ва ташаккули барномаи истеҳсолиро дар мувофиқа бо талаботи истеъмолкунандагон таъмин намоянд. Барои ҳавасмандгардонии рушди шабакаи мағозаҳои фирмавӣ мақомоти маҳаллии ҳокимият метавонанд ба чунин корхонаҳо як қатор имтиёзҳоро пешниҳод созанд. Масалан, пардохти иҷораро паст кунанд ва ё иншоотҳои ба мақомоти маҳаллӣ таалуқдоштаро бе гирифтани пардохти иҷора бо мӯҳлати муайян (аз 1 то 2 сол) пешниҳод созанд. Инчунин аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимият паст кардани меъёрҳои андозҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, аз рӯйи андоз аз фоида барои ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳои фурӯши чакана, ки маҳсулоти истеъмолии ватаниро ба фурӯш мебароранд, имконпазир аст.

Чорабиниҳои дар боло дарҷгардида бояд ба рушди бозори молҳои истеъмолии ватанӣ ва аз миён бурдани молҳои воридотӣ аз бозори дохилии мамлакат мусоидат намоянд.

Таркиботи танзими давлатии равандҳои бозоргонӣ дар сатҳи минтақавӣ, шаклу методҳои он бо сиёсати умумидавлатии иқтисодӣ муайян мегарданд. Бозори истеъмолии мамлакат маҷмӯи бозорҳои истеъмолии минтақавӣ мебошад. Дар иқтисоди минтақавӣ ва ҳам дар иқтисод умуман дар баробари бозори истеъмолӣ бозори меҳнат, молистеҳсолкунандагон ва сармоя низ амал мекунад.

Ҳар яки он бо сохтори муайяни ташкил, механизми амаликунии мутақобила бо дигар категорияҳои бозорҳо, таъиноти функсионалӣ ва дигар нишонаҳо дар сохтори умумии иқтисоди минтақа фарқият дорад. Лекин аз рӯйи аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бозори истеъмолии молҳо ва хизматрасониҳо ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Давраи муосири рушди механизми бозоргонӣ бо гузариш ба мустақилияти иқтисодии низомҳои минтақавӣ дар шароитҳои пурзӯрсозии муносибатҳои бозоргонӣ ва заифгардии функсияҳои тақсимотии мақомоти марказии идоракунӣ тавсиф мегардад. Дар алоқа бо инистифодаи низоми танзим зарур аст, ки рушди самараноки бозори истеъмолиро дар шароитҳои демократикунонии функсияҳои идоракунӣ, амаликунии механизмҳои бозоргонии ҳавасмандгардонӣ ва тағйири методологияи идоракунии минтақавиро таъмин менамояд. Молҳо ва хизматгузориҳо - маҳаки муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии баҳогузории рушди иқтисодии мамлакат ва некуаҳволии аҳолии он мебошад. Дар иқтисоди бозоргонӣ молҳо ва хизматгузориҳо дар шароитҳои муҳити рақобатпазир дар бозори истеъмолӣ ба фурӯш бароварда шуда ва дар шароитҳои муҳити рақобатпазир дар бозори истеъмолӣ аз нав истеҳсол мешаванд

Бозори истеъмолии минтақавӣ - ин амсилаи амалкунанда барои коркард ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як мамлакати демократӣ мебошад ва бартарияти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ба шаҳрвандон-истеъмолкунандагони он дода мешавад.

Аз рӯйи вазъи бозори истеъмолӣ дар бораи сатҳи рушди иқтисод ва вазъи аҳолии он мулоҳизаронӣ менамоянд. Аз ин рӯ, фаъолияти бозори истеъмолӣ бояд дар madди назари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияи тамоми сатҳҳо қарор гирад. Инчунин, масоили амаликунии муътадил ва рушди бозор хеле муҳим арзёбӣ гардида, ва бояд дар ҷанбаҳои гуногуни рушди иқтисоди бозоргонӣ аз мавқеи танзими давлатии он баррасӣ гардад.

Дар шароити муосир зарурияти коркарди консепсияи танзим ва рушди равандҳои бозори истеъмолии минтақавӣ барои давраи дарозмуддат ба миён омадааст. Бозори истеъмолии минтақавӣ дар вобастагии бевосита аз дигар бозорҳои минтақа ҷой дорад ва ба даромадҳои пулӣ, қобили пардохт будани аҳолӣ ҷой дорад, муносибатҳои молӣ - пулиро танзим намуда, ба рушди рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва тамоми механизми бозоргонӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, ба масоили рушди самараноки бозори истеъмолӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Ва танҳо ба туфайли дастгирии давлатӣ ва дахолати фаъолонаи он ба иқтисоди минтақа тамоюлоти мусбии рушди бозори истемъолии минтақавӣ таъмин карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Нуриллоев Х.Р. На пути к развитию инвестиционного климата в Таджикистане / Х.Р. Нуриллоев. -Душанбе: Сино, 2013. -С.203-2007.
2. Институциональная экономика в развитии сельскохозяйственного производства / [С. Рахимов, У. Шарофов, П. Шарофов и др]. -Душанбе: Сино, 2014. -С.92.
3. Хафизов Ш.Н. Роли иностранных инвестиций в развитии национальной экономики / Ш.Н. Хафизов. -Душанбе: Сино, 2015. –С.56-60.
4. Раджабов Р.К. К вопросу об активизации инвестиционного обеспечения развития предпринимательства в условиях высокого риска в регионе / Р.К. Раджабов, И.У. Зоиров. -Душанбе: Сино, 2015. -209 с.
5. Нозимов Б.Р. Условия и формы взаимодествия институтов малого бизнеса в Республике Таджикистан / Б.Р. Нозимов. -Душанбе: Сино, 2014. -С.26-29.

6. Саидмуродов Л.Х. Секторальные тарифные инициативы в международной торговой системе и интересы Республики Таджикистан / Л.Х. Саидмуродов. -Душанбе: Сино, 2014. -С.82-92.

## ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ИҚТИСОДИИ МАХСУСИЯТИ ТАШАККУЛИ ПЕШНИҲОДОТИ МОЛӢ ДАР БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ

Дар шароитҳои муосири давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ташаккули пешниҳодоти молӣ дар бозори минтақавии молҳои истеъмолӣ ба тағйиротҳои назаррас рӯ ба рӯ гашт. Давраи гузариш бо бартарияти молҳои воридотӣ, инчунин дар гурӯҳҳои молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ бо аз миён баровардани молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз бозори истеъмолии дохилии мамлакат тавсифот мегардад. Барои муайянсозии миқёсҳои дохил гардидани молҳои воридотӣ ба бозори истеъмолии минтақавӣ ва ошкорсозии сабабҳои тағйирёбии сохтори пешниҳодоти молӣ н таҳқиқоти бозори молҳои истеъмолӣ дар мисоли вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар рафти таҳқиқоти гузаронидашуда 100 корхонаи савдои чакана ва як қатор бозорҳои муташаккилгардида мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, 100 корманди савдо ва 200 харидор мавриди пурсиш қарор дода шуд. Таҳқиқоти гузаронидашудаи фурӯши чаканаи молҳои истеъмолӣ дар бурриши истеҳсолкунандагон миқёси калони дохилшавии молҳои воридотиро ба бозори истеъмолии минтақавӣ нишон дод. Дар номгӯи молҳои озуқаворӣ молҳои истеҳсоли хориҷӣ аз рӯйи чунин гурӯҳҳои молӣ ба монанди йогурт (91,1%), панир (89,4%) ҳасибҳои нимдудкардашуда (68,5%), равғани ҷуворимакка (95%), равғани офтобпараст (82%), шоколад бо пуркунанда (74,1%), конфетҳо (62%), гӯшти мурғи марҷон (100%) ва ғайра бартарӣ доштанд. Бояд қайд намуд, ки дар бозорҳои истеъмолӣ дараҷаи пуррагии молҳои воридотӣ назар ба корхонаҳои савдои чакана баландтар аст.

**Калидвожаҳо:** ташаккули пешниҳодоти молӣ дар бозори минтақавии молҳои истеъмолӣ, фурӯши чаканаи молҳои истеъмолӣ, молҳои воридотӣ дар бозори истемъолии минтақавӣ.

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СПЕЦИФИКИ ФОРМИРОВАНИЯ ТАВОРНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ НА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОМ РЫНКЕ

В современных условиях переходного периода к рыночной экономике формирование товарного предложения на региональном рынке потребительских товаров претерпело существенное изменение. Переходный период характеризуется преобладанием в структуре товарных ресурсов импортных товаров, также продовольственной, так и непродовольственной группах постепенным вытеснением отечественных товаропроизводителей с внутреннего потребительского рынка страны. Для определения масштабов проникновения импортных товаров на региональный потребительский рынок и выявления причин изменения структуры товарного предложения на нем нами были проведены исследования рынка потребительских товаров согдийской области и города Душанбе. В ходе проводимого исследования было обследовано 100 предприятий розничной торговли и ряд организованных рынков; опрошено 100 торговых работников, осуществлено анкетирование 200 покупателей. Проведенное обследование розничной реализации продовольственных товаров в разрезе производителей показало высокие масштабы проникновения импортных товаров на региональный потребительский рынок. В ассортименте реализуемых продовольственных товаров преобладают товары зарубежного производства по таким товарным группам, как йогурта (91,1%), сыры (89,4%) колбасы полукопченые и сырокопченые (68,5%), масло кукурузное (95%), масло подсолнечное (82%). Шоколад с наполнителем (74,1%), конфеты (62%), мясо индейки (100%) и т.д. Следует отметит, что на продовольственных рынках степень насыщенности импортными товарами выше, чем в предприятиях розничной торговли.

**Ключевые слова:** формирование товарного предложения на региональном рынке потребительских товаров, розничная реализация продовольственных товаров, импортные товары на региональном потребительском рынке.

## SOCIO-ECONOMIC ANALYSIS OF THE SPECIFICITY OF FORMATION OF PRODUCT OFFERINGS IN THE CONSUMER MARKET

In the current conditions of the transition period to a market economy, the formation of commodity supply in the regional consumer goods market has undergone a significant change. The transition period is characterized by the predominance in the structure of commodity resources of

imported goods, also food, and non-food groups by the gradual ousting of domestic producers from the domestic consumer market of the country. To determine the scale of penetration of imported goods into the regional consumer market and to identify the reasons for the change in the structure of product offerings on it, we conducted a study of the consumer goods market in the Sogd oblast and the city of Dushanbe. In the course of the study, 100 retailers and a number of organized markets were surveyed; 100 salespeople surveyed, 200 buyers surveyed. A survey of retail sales of food products in the context of manufacturers showed a high level of penetration of imported goods into the regional consumer market. The assortment of food products sold is dominated by foreign products in such product groups as yogurt (91.1%), cheese (89.4%) half-smoked and raw smoked sausages (68.5%), corn oil (95%), sunflower oil (82%). Chocolate with a filling (74.1%), sweets (62%), turkey meat (100%), etc. It should be noted that in food markets the degree of saturation with imported goods is higher than in retailers.

**Key words:** the formation of the product offer in the regional consumer goods market, the retail sale of food products, imported goods in the regional consumer market.

**Сведения об авторах**:

***Каримова Н.С.*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **95112-34-22, 240-38-90**

***Саидова Н.И.*** – Таджикский национальный университет, аспирантка кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **900-09-90-52; 240-38-90**

**Information about the authors:**

***Karimov N.*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **95112-34-22, 240-38-90**

***Saidova N.I.*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **900-09-90-52; 240-38-90**

УДК 33:372.3/4(575.3)

# ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ ДЕТСКОГО ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


*Джураева А.М.*

**Таджикский национальный университет**


Проблема образования касается всех слоев общества, начиная с раннего детства, то есть, начиная с дошкольного образования и заканчивая образованием взрослых лиц.

Целью данного исследования является поднятие уровня образованности населения с помощью использования инновационных разработок, способствующих улучшению жизнедеятельности людей. Для достижения этой цели поставлены следующие задачи: провести декомпозицию всей системы образования Республики Таджикистан для выявления проблем в системе образования; определение инновационного подхода к решению данной проблемы; разработка механизма и инструментария формирования благоприятной инновационной среды; определение влияния системы образования на рынок труда, путем определения факторов, препятствующих инновационному развитию образования; исследование показателей выброса детей на рынок труда и определение путей инновационного подхода к решению этой проблемы.

Характеристику объекта исследования в системе образования страны можно подразделить на пять уровней: дошкольное, школьное, средне-специальное, высшее и послевузовское образование (рисунок 1).

В 2016 году количество детских дошкольных учреждений (ДДУ) составило 602 единицы, а численность детей, посещающих ДДУ- 91100. Общее число детей до 7 лет составляет 1484204, где доля детей, посещающих ДДУ, составляют 6,1%, то есть нам необходимо 9226 ДДУ.

**Рисунок 1. Декомпозиция системы управления образованием**

**Figure 1. Decomposition of the education management system**




Для решения первой задачи, то есть выявления проблем образования, проведена декомпозиция всей системы образования на подсистемы, что позволило выявить проблемы образования: необеспеченность школьными и дошкольными объектами, недофинансирование системы управления образования, неподготовленность учеников к обучению, связанная с неподготовленностью детей в детских дошкольных учреждениях, слабый уровень подготовки преподавателей, оказывающих образовательные услуги, необеспеченность учебными пособиями и инновационными техническими средствами.

Для решения задачи инновационного похода в образовании экономика определяется, как многоуровневая, выделенная по семи признакам, которые включают инновационный потенциал: индивидуума, детских дошкольных учреждений и школ, средних профессиональных учебных заведениях, ВУЗов, послевузовский инновационный потенциал, республики и глобальный инновационный потенциал мирового уровня.

Инновационные разработки в экономике возможны благодаря инновационному развитию системы образования, а это возможно только путём повышения качества образования на основе охвата детей, как дошкольного, так и других образовательных

объектов для улучшения качества жизни населения. В настоящее время наша страна находится в сложном экономическом положении. Это доказано тем, что уровень бедности составляет около 30% [1], а выброс 15-16-летних детей на рынок труда определяется 50 тысячами[§]. Необходима разработка механизма взаимодействия этих двух составляющих, то есть системы предпринимательской деятельности и системы управления образованием.

Для достижения поставленной цели нами использован следующий алгоритм исследования:

1. определение составляющих, которые оказывают влияние на процесс управления всей экономикой Республики Таджикистан (РТ);
2. влияние инновационного процесса на систему образования;
3. определены положительные и отрицательные факторы, оказывающие влияние на экономику страны;
4. определено влияние образования на остальные отрасли экономики, основанные на инновациях;
5. выявлена динамика развития экономики страны, с учётом количественного анализа населения и роста количественного уровня детей, обеспеченных детским дошкольным и охваченных школьным образованием в средних специальных учебных заведениях.

Информационное общество, основанное на знаниях и реализующее инновационную деятельность, оно охватывает следующие составляющие: образование, медицина, промышленность (включающая транспорт, энергетику и т.д.), сельское хозяйство, услуги, где превалирующее значение приобретает детское дошкольное образование, предпринимательская деятельность и государственная поддержка.

Правительство РТ всесторонне поддерживает предпринимателей, а также создало правовую и нормативную базу для дальнейшего развития инновационных технологий.

Необходимо отметить, что частный образовательный сектор развивается очень медленно, что свидетельствует о малом охвате детских дошкольных учреждений. Из выступлении Президента РТ видно, что, по данным на 14 октября 2017 года, в стране существуют 81 детское дошкольное учреждение, 45 средних учебных заведений, 12 средних профессиональных школ, а также одно частное высшее учебное заведение. Эти данные говорят о диспропорции развития государственного и частного сектора, что приводит к неохвату детей всеми видами образования в частном секторе.

Необходимо отметить, что именно структура населения (таблица 1) определяет будущее развитие инновационной деятельности в нашей стране, так как основную часть населения составляют дети до семнадцати лет.

**Таблица 1. Численная структура населения РТ**
**Table 1. The numerical structure of the population of the Republic of Tajikistan**

| № | Исследуемые | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | численность детей всего до 7 лет, охваченных дошкольным образованием | 74448 | 80442 | 85777 | 92024 | 91081 |
| 2 | кол. учеников в 1-11 кл. | 1712900 | 1715900 | 1741600 | 1784400 | 1837800 |
| 3 | численность учащихся, получающих сред обр.10-11 класс | 221013 | 220707 | 233380 | 245165 | 254184 |
| 4 | кол окончивших профессиональное образование (ПТУ, техн, училище, колледж) | 42800 | 48000 | 57700 | 68900 | 76700 |
| 5 | численность студентов в ВУЗах | 150100 | 159400 | 165300 | 176500 | 186900 |
| 6 | принято студентов в ВУЗ | 38000 | 40900 | 31400 | 38500 | 42700 |
| 7 | выпущено специалистов (тыс) | 36200 | 29100 | 30200 | 29500 | 33200 |
| 8 | кол. студентов. обуч. за рубежом | 1269 | 2354 | 3685 | 4280 | 4876 |
| 9 | Сумма | 2276730 | 2296803 | 2349042 | 2439269 | 2527441 |
| 10 | общее кол. населения по РТ | 7842427 | 8021412 | 8203867 | 8388848 | 8576926 |

УОП ГУ ГВЦ Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Образование в Республике Таджикистан. -С.31

[§] Рассчитано автором

Число учащихся десятого класса в 2016-2017 годах составило 130140 человек, однако, окончивших 9 классов составляет 157311. Таким образом, на рынок труда выбрасываются 27171 учеников, которым исполнилось только 15 лет, которые не имеют специальности и здоровья для выполнения трудовой нагрузки. Сегодня численность детей до 15 лет составляет 3041657 человек, что составляет 33,9 процента от общей численности населения.

В 2018 году численность населения Таджикистана составила 9004782 [2] человек, из них численность детей до 15 лет составило 3041657 человек, а численность лиц от 15 до 65 лет составила 5621932 человек, однако численность лиц старше 64 лет составляет 302238 человек. Необходимо отметить, что в 2018 коду количество детей составляет 33,9 процента от численности населения. В 2016 году количество детей составило 2974958, что составляет около 35 процентов. Таким образом, уровень рождаемости снижен, поэтому число детей уменьшилось.

Дошкольное образование является желательным, так как ребенок развивается, проходит подготовку к школе и учится выстраивать взаимоотношения со своими сверстниками. В 2016 году количество детских дошкольных учреждений (ДДУ) составило 602, а численность детей, посещающих ДДУ- 91100. Общее число детей до 7 лет составляет 1484204, где доля детей, посещающих детские дошкольные учреждения составляют 6,1%.

Школьное образование является обязательным для каждого гражданина. Система школьного образования состоит из 11 классов, 9 из которых являются основными. Это является фундаментом всей системы образования. Число школ в 2016 году составило 3874 единиц, а численность учащихся 1838,8 тысяч человек.

Среднее профессиональное образование состоит из профессиональных технических учебных заведений и колледжей. Функциями и задачами этого сектора являются профессиональное обучение и приобретение профессии учащихся. В 2016 году количество средних профессиональных учреждений составило 66, в то время как численность учащихся -73333.

Высшие учебные заведения являются кузнецей профессиональных кадров страны и от уровня их подготовки зависит дальнейшее развитие экономики страны, так как именно они создают и развивают экономический подъём государства, создают и внедряют инновации во всех секторах экономики. Число ВУЗов в 2016 году составило 39 единиц, а численность студентов 189711.

Среди них важнейшей актуальной проблемой школьного образования является то, что учащиеся оставляют учебу после окончания 9 класса, по причине того, что либо едут на заработки в другие страны, либо не заняты вообще, тем самым увеличивая ряды правонарушителей закона.

Использование труда детей оказывает влияние экономику страны. Следствием того, что уровень грамотности низок, связан с тем, что дети, неохваченные детским дошкольным образованием, увеличивают количество детей, которые вынуждены заниматься непосильным физическим трудом, что ведет к разрушению их здоровья, что приводит к повышению численности людей с низким уровнем образования.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. https://www.asiaplus.tj/ru/news/tajikistan/society/20180216/statagentstvo-pochti-30-naseleniya-tadzhikistana-nahodyatsya-v-sostoyanii-bednosti
2. http://countrymeters.info/ru/Tajikistan
3. Абанкина, Т. Бюджетное финансирование вузов в условиях перехода к автономии/ Т. Абанкина, Л. Филатова, Е. Николаенко // Ректор вуза. – 2009. -№8. -С.36-48.
4. Абитова Г.З. Особенности структурных изменений в системе образования России // Обсерватория культуры: научно-теоретический журнал. – 2007. -№2.
5. Аверина И.С. Эволюция и классификация феномена «хозяйственный механизм» / И.С. Аверина // Вестник ВолГУ. – 2012. -№2(21). -С.13.
6. Джураева А. Финансирование преподавателей высшей школы / А. Джураева. - Екатеринург: Изд. Уральского государственного экономического университета, 2009.

7. Джураева А. Экономическая кибернетика. Учебник / А. Джураева. -Душанбе: Графика-принт, 2015

## РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз баландбардории сатҳи маълумотнокии аҳолӣ бо ёрии истифодабарии коркардҳои инноватсионӣ иборат аст, ки ба болоравии некуаҳволии одамон мусоидат менамояд. Барои бадастории ин мақсадҳо вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: гузаронидани декомпозитсияи тамоми низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ошкорсозии масоилҳо дар низоми маориф; муайянсозии муносибати инноватсионӣ оиди ҳалли масоили мазкур; коркарди механизм ва фишангҳои ташаккули муҳити мусоиди инноватсионӣ; муайянсозии таъсири низоми маориф ба бозори меҳнат бо роҳи муайянсозии омилҳое, ки ба рушди инноватсионии таҳсилот монеъ мегарданд; таҳқиқи нишондиҳандаҳои баровардани кӯдакон ба бозори меҳнат ва муайянсозии роҳҳои муносибати инноватсионӣ оиди ҳалли масоили мазкур. Дар мақола инчунин масъалаҳои истифодабарии коркардҳои инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Масъалаҳои ҳалталаб гузошта шудаанд, ки бе онҳо коркардҳои инноватсиониро татбиқ кардан имконнопазир аст. Масъалаҳое нишон дода шудаанд, ки бо роҳи инноватсионӣ ҳал карда мешаванд. Механизми ташаккулёфтаи муҳити мусоди инноватсионӣ коркард шудааст. Таъсири системаи маориф ба бозори меҳнат дар асоси омилҳои муайяншуда ошкор карда шудааст, ки ба системаи таҳсилоти томактабӣ таъсир мерасонад. Тадқиқот доир ба нишондиҳандаҳои ҷалби кӯдакони ноболиғ ба бозори меҳнат гузаронида шуд. Роҳҳои инноватсионии ҳалли масъалаҳои мазкур пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** навоварӣ, коркард, масъалаҳо, татбиқкунӣ, қабули қарор, механизм, ташаккулдиҳӣ, муаммо, фазои мусоиди инноватсионӣ, таъсирбахшӣ, системаи таҳсилот, бозори меҳнат, системаи тахсилоти томактабӣ, омилҳо.

## ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ ДЕТСКОГО ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Целью данного исследования является поднятие уровня образованности населения с помощью использования инновационных разработок, способствующих улучшению жизнедеятельности людей. Для достижения этой цели поставлены следующие задачи: провести декомпозицию всей системы образования Республики Таджикистан для выявления проблем в системе образования; определение инновационного подхода к решению данной проблемы; разработка механизма и инструментария формирования благоприятной инновационной среды; определение влияния системы образования на рынок труда, путем определения факторов, препятствующих инновационному развитию образования; исследование показателей выброса детей на рынок труда и определение путей инновационного подхода к решению этой проблемы. В статье также рассматриваются вопросы использования инновационных разработок. Поставлены задачи, которые подлежат решению, без которых невозможно внедрить инновационные разработки. Выявлены проблемы, которые требуют решения путем инновационного подхода. Разработан механизм формирования благоприятной инновационной среды. Определено влияние системы образования на рынок труда, на основе выявленных факторов, оказывающих влияние на систему дошкольного образования. Проведено исследование показателей выброса детей на рынок труда и определены пути инновационного подхода к решению этой проблемы.

**Ключевые слова:** инновация, разработки, задачи, внедрение, решение, механизм, формирование, проблема, благоприятная инновационная среда, влияние, система образования, рынок труда, система дошкольного образования, факторы, инновационный подход.

## INNOVATIVE DEVELOPMENT OF CHILD PRESCHOOL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The purpose of this study is to raise the level of education of the population through the use of innovative developments that contribute to improving people's livelihoods. To achieve this goal, the following tasks were set: to decompose the entire education system of the Republic of Tajikistan in order to identify problems in the education system; definition of an innovative approach to solving this problem; development of the mechanism and tools for creating a favorable innovation environment; determining the influence of the education system on the labor market, by identifying

the factors hindering the innovative development of education; study of the indicators of children's release to the labor market and identifying ways of an innovative approach to solving this problem. This paper discusses the use of innovative developments. Tasks have been set that are to be solved, without which it is impossible to introduce innovative developments. The problems that need to be solved by an innovative approach are identified. A mechanism for creating a favorable innovation environment has been developed. The influence of the education system on the labor market is determined on the basis of the factors that have been identified that influence the system of preschool education. A study has been carried out on the indicators of the release of children to the labor market and the ways of an innovative approach to solving this problem.

**Key words:** innovation, developments, tasks, implementation, solution, mechanism, formation, problem, favorable innovation environment, influence, education system, labor market, preschool education system, factors, innovative approach.

**Сведения об авторе:** ***Джураева Азиза Муминовна*** **-** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985-72-800-80**

**Information about the author:** ***Azura Muranovna Juraeva*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **985-72-80-80**

УДК 338.45:339.9 (575.3)

# РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ВА СТРАТЕГИЯҲОИ ҲАМГИРОИИ ШИРКАТҲОИ САНОАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ

*Нуров Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Стратегияи миллӣ рушд, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ мебошад. Дар даврони шӯравӣ саноати Тоҷикистон дар асоси принсипи тақсимоти умумииттифоқии меҳнат ташаккул ёфта буд, ки бо хусусияти ҳамгироӣ ва робитаҳои мутақобилаи иқтисоди ҷумҳуриҳои иттифоқӣ фарқ мекард ва фазои ягонаи иқтисодиро ташкил медод. Пас аз фурӯпошии ИҶШС он корхонаҳое, ки бо ширкатҳои ҷумҳуриҳои иттифоқии собиқ равобити наздики ҳамкорӣ доштанд, ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ шуданд. Корхонаҳои саноати сӯзишворӣ ва саноати нафту кимиё, мошинсозӣ ва коркарди металл дар вазъияти душвор қарор доштанд. Дар вазъи кунунӣ Ҳукумати Тоҷикистон баҳри барқарор намудани ҳамкориҳои корхонаҳои кишвар бо мамлакатҳои ҳамсоя кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Зеро, ҳамгироӣ заминаи зарурии ҳаракати фаромарзии молу маҳсулот, гардиши маблағҳои пулӣ ва ташкили бозорҳои муштаракро муҳайё месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳамаи ташаббусҳоеро, ки ба таҳкими ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ равона гардидаанд, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ медонад. Қайд кардан зарур аст, ки барои ҷузъи иқтисоди минтақавӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ шудан, бояд ҳамқадами замон бошем. Бо дарназардошти ин, ҳоло дар ҷумҳурӣ ширкатҳои зиёди хусусӣ ва корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ташкил шудаанд ва бомуваффақият фаъолият доранд, дар заминаи корхонаҳою иттиҳодияҳои давлатӣ ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкил шудаанд, хусусигардонии корхонаҳои хурду миёна ба анҷом расидааст, раванди хусусигардонии корхонаҳои бузург оғоз гардидааст, барои рушди сектори молиявӣ тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Дар айни замон, бахши хусусӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва иқтидори он то ба охир ба кор бурда нашудааст. Мавриди зикр аст, ки солҳои охир тадбирҳои зарурӣ баҳри ҷалби бештари сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ андешида шуда истодаанд. Бо ин мақсад низоми шаффоф ва созандаи сармоягузорӣ дар самти ҳамкориҳои афзалиятноки марбут ба азхудкунии захираҳои ашёи хоми маъданӣ ва захираҳои энергетикии кишвар ба роҳ монда шуда истодааст. Аз ин лиҳоз, низоми қонунгузорӣ, ки муносибатҳои гумрукӣ-андозиро танзим мекунад, такмил дода шудааст, фазои мусоиди боварӣ ва амният барои соҳибкории хурду миёна фароҳам гардидааст. Бо дарназардошти ҳамаи ин, ба рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои узви ИДМ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва дигар созмонҳои иқтисодии ҷаҳонӣ диққати махсус дода мешавад [1].

Айни замон стратегияҳои ҳамгироӣ шарти муҳимми рақобатпазирии дарозмуддати корхонаҳои миллӣ ба ҳисоб меравaнд, зеро маҳз рушди ҳамгироӣ дар соҳаи саноат, мустаҳкам намудани афзалиятҳои рақобатпазирии Тоҷикистонро дар бозорҳои ҷаҳонӣ имконпазир мегардонад. Шакли асосӣ ва бештар маъмули ҳамгироии субъектҳои хоҷагидории Тоҷикистон консорсиум ба ҳисоб меравад. Ширкатҳои саноатии Тоҷикистон бо мақсади тадқиқи муштарак, амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги саноатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодӣ бо ширкатҳои хориҷӣ шартномаҳои муваққатӣ мебанданд.

Дар соҳаи энергетика ҳамчун намуна метавон консорсиумеро, ки бо мақсади сохтмони НБО «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» ташкил ёфта буд, мисол овард. Соли 2005 байни ширкати русии ЗАО «ИНТЕР РАО ЕЭС» ва Вазорати

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье обосновывается необходимость государственной поддержки развития сельского хозяйства в условиях рынка, которая обусловливается специфическими особенностями этой жизненно важной отрасли национальной экономики. Начиная с 2000 года в Республике Таджикистан, исходя из опыта зарубежных стран и потребностей развития сельского хозяйства в условиях рынка постепенно формировались отдельные элементы системы государственой поддержки развития этой отрасли: бюджетная поддержка,

использование инвестиционных проектов с привлечением иностранных инвестиций, предоставление налоговых и таможенных льгот, микрофинансирование и кредитование, развитие лизинговых отношений и сельскохозяйственного страхования и др. Усиление государственной поддержки развития сельского хозяйства оказывает положительное воздействие на обеспечение устойчивого роста валовой продукции отрасли. Так, за 20011-2017 годах валовая продукция сельского хозяйства страны увеличилась с 17150,6 млн. сомони до 24576,0 млн. сомони, или в 1,43 раза. Рассматривая становление и развитие системы государственной поддержки сельского хозяйства страны в ракурсе зарубежного опыта приходится заметить, что в ней все еще не задействованы в полной мере некоторые её элементы, в частности сельскохозяйственное страхование, субсидирование и регулирование рынка сельскохозяйственной продукции.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, государственная поддержка, бюджетное финансирование, зарубежный опыт, микрофинансирование, микрокредитные организации, лизинг, сельскохозяйственное страхование, инвестиционные проекты, субсидирование.

## FOREIGN EXPERIENCE OF STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE AND ITS USE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article substantiates the need for state support for the development of agriculture in market conditions, which is determined by the specific features of this vital sector of the national economy. Starting from 2000, in the Republic of Tajikistan, based on the experience of foreign countries and the needs of agricultural development in the market conditions, separate elements of the state support system for the development of this industry were gradually formed: budget support, use of investment projects with foreign investment, tax and customs benefits, microfinance and crediting, development of leasing relations and agricultural insurance, etc. Strengthening state support for agricultural development has a positive impact on ensuring sustainable growth in gross output of the industry. So, for the years 20011 - 2017, the gross output of agriculture in the country increased from 17,150.6 million somoni to 24,576.0 million somoni or 1.43 times. Considering the formation and development of the state support system for agriculture in the country from the perspective of foreign experience, one has to note that some of its elements are still not fully involved in it, in particular agricultural insurance, subsidies and regulation of the agricultural products market.

**Key words:** agriculture, state support, budget financing, foreign experience, microfinance, microcredit organizations, leasing, agricultural insurance, investment projects, subsidies.

**Сведения об авторах:** ***Нуров Шаъбон Сафарович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансового менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 917-11-33-15**

***Бобокулов А.Х.*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14

**Information about the authors:** ***Nurov Shabon Safarovich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, PhD in Economics, Associate Professor, Head of the Department of Financial Management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **(+992) 917-11-33-15.** E-mail: **Shabon-59@mail.ru**

***Bobokulov A.Kh.*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Taxes and Taxation. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

**УДК 338.24(575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ КОРПОРАТСИЯ

***Халилов У.Ш.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳар корпоратсия бояд стратегияи худро аз амалҳои бошуурона ва вокуниши дуруст ба рӯйдодҳои ғайричашмдошт барпо намояд. Корпоратсия бояд ҳамеша омилҳои асосии муҳити берунаро омӯхта, оид ба талаботи худ ҳангоми тағйири вазъ хулоса барорад.

Одатан, омилҳои мазкурро чунин гурӯҳбандӣ мекунанд:

–иқтисодӣ (масалан, ҷаҳонишавӣ ё тақсими бозор);

–технологӣ (истифодаи технологияҳои навин);

–сиёсӣ-ҳуқуқӣ (тағйири қонунгузорӣ);

–иҷтимоию фарҳангӣ (тағйири низоми арзишҳо).

Ба ибораи дигар, калимаи «рушд» маънои гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигарро дорад. Корпоратсияҳо ҳамчун низоми иқтисодии мураккаб, дар вазъи тағйири доимии ҳолати унсурҳо ва ҳам тамоми низом қарор доранд.

Маҳз ҳамин сабаби таваҷҷуҳ ба ташаккули зернизоми махсусест, ки онро «идоракунии рушд» номидан мумкин аст. Дар адабиёти илмӣ кӯшишҳои исботи чунин системаи танзим дар сатҳи макро ва микроиқтисодии ҳамкории субъектони иқтисодӣ анҷом дода мешаванд.

Аз лиҳози методологӣ, ба фикри мо, ду усули тафсири «идоракунии рушд»-ро ҷудо кардан лозим аст:

–аввалан, ин тавсеаи соҳаҳои фаъолияти корпоратсия мебошад, ки механизму олоти раванди сармоягузорӣ, ҳавасмандкунии ПИТ, сиёсати рушд ва воситаҳои дигарро дар бар мегирад;

–сониян, маҳдуд будани система (низом) танҳо бо механизму олатҳои инноватсионии сиёсати илмию техникӣ ва чораҳои гузариши системаҳои истеҳсолии иқтисодӣ ба истифодабарии технология, маҳсулот ва усулҳои навини танзими равандҳои ташкилии иқтисодӣ [1,с.124].

Дар мавриди корпоратсияҳои Тоҷикистон таҳия кардани консепсияи рушд, бо таваҷҷуҳ ба ҳаҷму самти стратегии онҳо, аҳамияти зиёд касб намудааст.

Низоми рушди корпоратсия маҷмӯи унсурҳои алоҳидаи мутақобилан пайвастаи идоракунист, ки бо вуҷуди ин, аз лиҳози ташкилию сохторӣ ҳанӯз дар доираи системаи муайян мустақил нашудаанд. Бояд гуфт, ки ин зарур ҳам нест. Тамоми ҷузъҳо бояд ба самти стратегии муштарак нигаронида шуда бошанд. Ҷузъи асосии пайвандгари ин система бояд вазифаи муҳим, ҳадафи ояндаи корпоратсия бошад, ки такони рушдро, ки барои баровардани корпоратсия ба масири рушди устувори иқтисодӣ лозим аст, таъмин мекунад.

Роҳи табиии рушди ташкилот ин рушд аз ҳолати хурд ба бузургӣ ва аз одӣ ба сӯйи мураккаб мебошад. Албатта, корпоратсияҳои ҷумҳурии мо барои пойдор мондан дар бозор ва рақобатпазир будан, бояд рушд ёбанд, фаъолияти хоҷагидории худро тағйир диҳанд. Тақозо ба тағйирот беш аз пеш аён аст, бинобар ин, дар амалия ва назария ба таҳлили усулу имкониятҳои ташкилии идоракунии рушд ва тағйирот аҳамияти бештар дода мешавад.

Сабабҳои асосии зарурати ташаккули стратегияи усулан нав ё вориднамоии тағйироти ҷиддӣ ба стратегияи феълӣ инҳо мебошанд: рӯйи кор омадани роҳбарияти олии нав; дахолати иҷборӣ аз берун (аз ҷониби ширкати болоӣ ё давлат); гузариш ба зери тобеияти ширкати дигар (муттаҳидшавии ихтиёрӣ ё иҷборӣ); дигаргуниҳои муҳим дар муҳити берунӣ ва дар дохили ташкилот, ки тағйири сиёсати идориро талаб мекунанд.

Алҳол дар ҷаҳон таҷрибаи ғании кори самарабахши зернизомҳои корпоратсияҳои бузург андӯхта шудааст. Бисёре аз иқтисодшиносон, бахусус М. К. Старовойтов, мубрамияти идоракунии рушдро зикр карда, қайд менамояд, ки вобаста ба хусусияти миллии муайянкунандаи системаи танзим ва хосиятҳои соҳа, низоми идоракунии корпоратсияҳо гуногун мешавад. Умуман, нақшаи идоракунии рушд бояд ба шакле бошад, ки дар расми 1 тасвир ёфтааст.

Сиёсати рушди корпоратсияҳои Тоҷикистон бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

- муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ ва техникию иқтисодӣ;

- нигаҳдорӣ ва рушди иқтидори сармоягузорӣ ва илмию истеҳсолӣ;

- амалисозии барномаву лоиҳаҳои мақсаднок, аз ҷумла барномаи бозсозии корхонаҳо [2,с.92].

Самтҳои афзалиятноки рушди корпоратсия бояд бо дарназардошти ҷиҳатҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, илмию техникӣ ва иҷтимоӣ мураттаб шаванд:

**Расми 1. Қисмҳои асосии таркибии идоракунии рушди корпоратсияҳо ва робитаи мутақобилаи онҳо**
**Picture 1. The main components of the corporation development and their relationship with them**




–аз лиҳози иқтисодӣ самтҳои афзалиятнок бояд ангезаҳои рушди тақозо ва фаъолияти соҳибкориро ба вуҷуд оваранд;

–аз лиҳози иқтисодӣ самтҳои мазкур бо таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти асосӣ, баромадан ба масири густариши истеҳсолот бо истифода аз шаклҳои муосири ташкили он алоқаманд мебошанд;

–аз лиҳози илмию техникӣ самтҳои афзалиятнок бояд бо самтҳои дурнамои ташаккули технологияҳои муосир мувофиқ бошанд;

–аз лиҳози иҷтимоӣ самтҳои асосӣ бояд ҳамроҳ бо афзоиши шуғл, афзоиши даромад ва сатҳи тахассуси кормандон, қонеъгардонии талаботи ғайримоддии онҳо татбиқ шаванд.

Барои самти рушди идоракунии корпоратсия арзиши ин раванд, муддат ва натиҷаи ниҳоии он аҳамияти зиёд доранд.

Шартҳои асосии раванди рушд инҳо мебошанд:

–ҳадафҳои стратегӣ (на танҳо раҳо шудан аз буҳрон, балки корпоратсияи беҳтарин шудан);

–даст кашидан аз қоидаҳои куҳнаи соҳибкорӣ;

–истифодабарии технологияҳои муосир.

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои тағйирот, ангезаи муайяни зинаи олии идора ва ҳам кормандони қаториро таъмин бояд кард, чунки бе боварӣ ба зарурати бозсозии корпоратсия расидан ба натиҷаи ниҳоӣ - пешравии кор, ғайримумкин аст.

Дар аксари ҳолатҳо вазъияти буҳронӣ таконбахши тағйирот мегардад. Ҳангоми таҳлил буҳронҳоро аз лиҳози хатари онҳо ба соҳаи ҳадафҳои корпоративӣ фарқ бояд кард, хусусан:

–бухрони ликвиднокӣ боиси аз байн рафтани қобилияти воқеии пардохткунии корпоратсия мегардад;

–бухрони фаъолият, дар натиҷаи иштибоҳи таҳқиқи бозори истеҳсолот, сармоягузорӣ, сиёсати кадрӣ, ба фарқияти калони ҳолати воқеӣ аз ҳолати дилхоҳ оварда мерасонад (масалан, аз рӯйи нишондиҳандаҳои фурӯш, даромади пулӣ, фоида, хароҷот ва ғ.);

–бухрони субот (куҳнапарастӣ, аз даст додани таҷрибаи пешқадам);

–бухрони рушд [3,с.251].

Ҳарчанд вазъи корпоратсия дар ҳоли ҳозир комилан қаноатбахш намояд ҳам, фаросии бухронро аз коҳиши рушди корхона, коҳишёбии иқтидор, сустшавии имкониятҳои рақобат ташхис кардан лозим аст.

Тағйироти стратегия, равандҳои истеҳсолӣ, сохтору фарҳангро дар шакли иқдомҳои хурд ё ҷаҳишҳои бузургу шадид анҷом додан мумкин аст. Инҳо моделҳои таҳаввулотӣ (эволютсионӣ) ва инқилобии (револютсионии) тағйирот мебошанд.

Идоракунии тағйирот дар ҳолатҳои гуногун рӯй додаву шаклҳои гуногун дошта метавонад. Дар ин ҳангом робитаҳои байни шароити дохилию берунии корхона, нишондиҳандаҳои кадрии ташкилот, навъҳои мухталифи бухрон, воситаҳои асосии идоракунии тағйирот объекти асосӣ мешаванд. Пеш аз ҳама, ин робитаҳоро дарёфтан ва сипас мувофиқати вазъи корхона ва воситаҳои татбиқи тағйиротро баҳо додан лозим аст.

Дар амал ҳамеша масъалаи интихоб (ё иттиҳод)-и байни шаклҳои муқобили тағйирот - реинжиниринг ва рушди ташкилот бо як қатор вариантҳои мобайнӣ ба миён меояд. Навъи бухрон муҳлати дигаргуниҳо ва ҳам дараҷаи тағйиротро муайян мекунад (расми 2).

Истифодабарии бобарори ин ё он усул ба чорабиниҳои менеҷмент, хусусан менеҷменти кадрҳо вобастагӣ дорад. Мақсади идоракунии рушди корпоратсия ё худ тағйироти он на ихтисори кормандон, балки ифшо кардани қудрати он баҳри рушди рақобатпазирии ин ташкилот мебошад.

**Расми 2. Нақшаи танзими рушди дигаргуниҳои корпоратсия**
**Figure 2. Plan of Structural Changes in Corporate Governance**




## АДАБИЁТ


1. Градобитова Л.Д. Транснациональные корпорации в современных международных экономических отношениях / Л.Д. Градобитова, Т.М. Исаченко. -М., 2002. -124 с.
2. Для подготовки данной статьи были использованы материалы с сайта. [Электронный ресурс]. http://www.sag.fin.ru/
3. Корниенко О.В. Мировая экономика / О.В. Корниенко. -М., 2007. -251 с.
4. Мовсесян А.Г. Транснационализация в мировой экономике / А.Г. Мовсесян. -М., 2008. -316 с.
5. Черемин С.Е. Анализ организационных форм финансово-промышленных корпораций / С.Е. Черемин // «Международный бизнес. -Москва, 2006. -С.27.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ КОРПОРАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таҳия ва ташаккули асосҳои назариявӣ ва стратегияи идоракунии рушди корпоратсияҳо баррасӣ гардидааст. Муаллиф омилҳои дохилию берунии инкишофи корпоратсияро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, усулҳои идоракунии рушду тағйироти вазъи корпоратсияро дар шароити буҳрон ва дигаргуниҳо пешниҳод намудааст. Ҳамчунин қайд кардааст, ки сиёсати рушди корпоратсияҳои Тоҷикистон бояд аз муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ ва техникию иқтисодӣ, нигаҳдорӣ ва рушди иқтидори сармоягузорӣ ва илмию истеҳсолӣ, амалисозии барномаву лоиҳаҳои мақсаднок, аз ҷумла барномаи бозсозии корхонаҳо иборат бошад. Самтҳои афзалиятноки рушди корпоратсия бояд бо дарназардошти ҷиҳатҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, илмию техникӣ ва иҷтимоӣ мураттаб шаванд, яъне ангезаҳои рушди тақозо ва фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти асосӣ, баромадан ба масири тавсеи истеҳсолот, бо самтҳои дурнамои ташаккули технологияҳои муосир тарҳрезӣ карда шаванд. Ба андешаи муаллиф, ба идоракунии рушди корпоратсия ҳадафҳои стратегӣ, даст кашидан аз қоидаҳои кӯҳнаи соҳибкорӣ, истифодабарии технологияҳои муосир таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Барои ҳамин, корпоратсияҳоро мебояд, ки стратегияи идоракунии рушдро ҳамеша бо дарназардошти омилҳои асосии иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ таҳия ва татбиқ намоянд.

**Калидвожаҳо:** корпоратсия, рушд, идоракунӣ, омилҳо, муҳити дохилӣ ва берунӣ, консепсия, стратегия, рақобатпазирӣ, хоҷагидорӣ, бозор.

## ОСОБЕННОСТИ РАЗРАБОТКИ СТРАТЕГИИ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ КОРПОРАЦИИ

В статье рассматриваются вопросы разработки и формирования концептуальных основ управления развитием корпораций. Анализируя внутренние и внешние факторы развития корпорации, автор предлагает методы управления корпоративным развитием и изменениями в условиях кризиса. Также автор отмечает, что политика развития корпораций Таджикистана должна включать в себя определение приоритетных направлений социального, технического и экономического развития, сохранение и развитие инвестиционного, научного и производственного потенциала, реализацию целевых проектов и программ, в том числе программу реконструкции предприятий. Эти приоритетные направления следует определять с учетом экономических, производственных, технических и социальных аспектов развития, то есть создания импульсов расширения спроса и деловой активности, обеспечения конкурентоспособности основного производства, выхода фирмы на путь расширения производства, перспективными направлениями формирования современных технологий. Автор считает, что решающее влияние на управление развитием оказывают стратегические цели, отказ от старых устоев ведения бизнеса, использование новых технологий, и корпорациям всегда следует строить и реализовывать стратегию управления развитием с учетом основных факторов внешней среды (экономических, политико-правовых, технологических, культурных).

**Ключевые слова:** корпорация, развитие, управление, факторы, внутренняя и внешняя среда, концепция, стратегия, конкурентоспособность, хозяйствование, рынок.

## FEATURES OF DEVELOPMENT STRATEGY MANAGEMENT DEVELOPMENT CORPORATION

The article deals with the development and formation of conceptual foundations for managing corporate development. Analyzing internal and external factors of a corporation's development, the author suggests methods for managing corporate development and changes in a crisis. The author also notes that the corporate development policy of Tajikistan should include the identification of priority areas for social, technical and economic development, the preservation and development of investment, scientific and production potential, the implementation of targeted projects and programs, including a program for the reconstruction of enterprises. These priority areas should be determined taking into account the economic, industrial, technical and social aspects of development, that is, creating impulses for expanding demand and business activity, ensuring the competitiveness of the main production, taking the company to the path of expanding production, promising areas for the formation of modern technologies. The author considers, that strategic goals, the abandonment of old business practices, the use of new technologies, and corporations and corporations should always be built and implemented a development management strategy taking

into account the main factors of the external environment (economic, political, legal, technological, cultural) .

**Key words:** corporation, development, management, factors, internal and external environment, concept, strategy, competitiveness, management, market.

**Сведения об авторе:** ***Халилов Умеджон Шарафович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 937-56-52-52.** E-mail: **Umed_Khalilzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khalilov Umedjon Sharafovich*** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the department of management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

УДК: 338.432. (575.3)

# РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Фасеҳзода И.С., Сайдалиев Х.А.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намудани маҳсулоти озуқаворӣ ба аҳолӣ масъалаи бениҳоят рӯзмарра ба шумор меравад. Бинобар ин дар сиёсати давлатии кишвар масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ чун яке аз самтҳои бартаридошта арзёбӣ гардидааст.

Бехатарии озуқаворӣ муаммои бисёрҷабҳа буда, аз чунин унсурҳо ташаккул меёбад: ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани озуқаворӣии бехавф, мувофиқати он бо ратсиони меъёрӣ ва дастрас будани маводи хӯрокае, ки дар таркибаш намаки йоддор дораду барои саломатии одамон зараровар нест. Муаммоҳои хатари озуқаворӣ дар ҳолати ҳал нагардидани онҳо метавонанд характери доимиро ба худ гирифта, боиси оқибатҳои ногувор, ба мисли таҳдиди бавуҷудоии гуруснагӣ, эпидемия, кӯтоҳ гардидани давомнокии умр, деградатсияи (носолимии) насли наврас, гирифтор шудан ба гепотитҳои вирусӣ, сафедшавии пӯст ва ғайра гарданд.

Аслан, бехатарии озуқаворӣ ҳолати иқтисодиест, ки дар он таъмини мунтазами аҳолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, таъмини физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти хӯроквории ниёзи аввалиндараҷа, ки барои ҳаёти солими аҳолӣ зарур аст, ба назар мерасад.

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо дарназардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [4,с.31].

Бинобар ин, дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳоти муҳим амалӣ карда шуда истодаанд, ки мақсади асосии онҳо афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар дохили мамлакат ва ҳам содироти он ба хориҷи кишвар мебошад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар тамоми кишварҳо яке аз самтҳои ҳаётан муҳим ба шумор меравад. Танҳо дар натиҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ ҳар як давлати мустақил мушкилоти аввалиндараҷаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавориро метавонад ҳал намояд.

Бо назардошти мушкилотҳои ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Ҳукумати кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон бахри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад [1,с.13-14].

Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бозори ҷаҳонии озуқаро босуръат ривоҷ дода, айни замон, сатҳи хеле баланди худтаъминкуниро нигоҳ медоранд: масалан ИМА ва Франсия - бештар аз 100%, Олмон - 93%, Италия - 78%, Япония 50%, Русия -49,3% [2,с.22-27].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии содирот дар моҳҳои январ-июни солҳои 2017-2018 мутобиқан 3,3 ва 2,5%-ро

ташкил кардааст. Дар воридот таносуби онҳо хеле зиёд буда, 25,2 ва 20,2%-ро ташкил дод [4, с.20].

Маҳсулоти асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, ки қанду шакар, равғани растанӣ, сабзавот, меваҷот, картошка, маҳсулот аз орд (макарон ва маҳсулоти макаронӣ, нон, кулчаҳои қандин) маҳсулоти ширӣ, тухум, чой ва ғайраҳо (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ-июни солҳои 2017-2018**
**Table 1. Export and import of basic food products and their share in the total volume of trade in January-June 2017-2018 (ҳазор тонна)**

| | Содирот | | 2018 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2017 | Воридот | | 2018 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | | 2017 | 2018 | |
| Маҳсулоти озуқаворӣ | 79,6 | 85,2 | 107,0 | 747,9 | 832,4 | 111,3 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 446,8 | 511,5 | 114,5 |
| Орд | - | - | - | 26,6 | 16,9 | 63,5 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 0,3 | 0,0 | - | 58,2 | 76,9 | 132,1 |
| Макарон ва маҳсулоти макаронӣ | 0,1 | 0,12 | 120,0 | 6,6 | 5,7 | 86,4 |
| Равғани растанӣ | 0,0 | 0,0 | - | 53,6 | 39,1 | 72,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 0,0 | - | - | 4,8 | 4,0 | 83,3 |
| Тухм | 0,06 | - | - | 4,5 | 1,3 | 28,9 |
| Чой | 0,0 | 0,0 | - | 2,4 | 2,2 | 91,7 |
| Картошка | 0,7 | 0,02 | 2,9 | 16,1 | 30,9 | 1,9 бар |
| Сабзавот | 53,5 | 63,5 | 118,7 | 3,2 | 0,6 | 18,8 |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 5,3 | 6,6 | 124,5 | 10,4 | 16,7 | 1,6 бар |
| Шарбати мева ва сабзавот | 0,2 | 0,03 | 15,0 | 0,7 | 0,7 | 100,0 |
| Сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор | - | - | - | 0,4 | 0,9 | 2,2 бар |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯроквори дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 3,3 | 2,5 | 75,8 | 25,2 | 20,2 | 80,2 |

Маъхаз: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №2-2018. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. –С.20

Чуноне ки аз ҷадвали 1 маълум гашт, молҳои озуқаворӣ 79,6 ҳазор тонна дар шашмоҳаи аввали соли 2017 ва дар шашмоҳаи аввали 2018 бошад, 85,2 ҳазор тонна содирот карда шудааст. Масалан: қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 0,3; макарон ва маҳсулоти макаронӣ 0,1; тухм 0,6; картошка 0,7; сабзавот 53.5 ва меваҷот бошад, 5,3 ҳазор тонна. Воридоти молҳои озуқаворӣ бошад, 747,9 ҳазор тонна дар шашмоҳаи аввали соли 2017 ва дар шашмоҳаи аввали соли 2018 бошад, 832,9 ҳазор тонна молҳои зерин: гандум 446,8 ҳазор тонна дар шашмоҳаи аввали соли 2017 ва 511,5 ҳазор тонна дар шашмоҳаи аввали соли 2018; орд 26,6-16,9; қанду шакар 58,2-76,9; макарон ва маҳсулоти макаронӣ 6,6-5,7; равғани растанӣ 53,6-39,1; шир ва маҳсулоти ширӣ 4,8-4,0; сабзавот бошад, нисбатан камтар, яъне 3,2-0,6 ҳазор тонна [4,с.20]. Ҳарчанде ки таъмини маҳсулоти озуқавории ватанӣ нисбати солҳои 1997-1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2018 хеле пеш рафтааст, вале ҳоло ҳам ҳиссаи баъзе маҳсулотҳои озуқавории воридотӣ аз меъёр зиёд ба назар мерасад.

Воридоти молҳои озуқаворӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2018 нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2017 11,3% зиёд шудааст, аз он ҷумла воридоти гандум 14,5%, картошка 91,9%, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 32,1%, меваҷот 60,6%. Зимнан дар ин давра воридоти тухм 71,1%, равғани растанӣ 27,1%, макарон ва маҳсулоти макаронӣ 13,6%, сабзавот 81,2%, чой 8,3%, орд 36,5%, шир ва маҳсулоти ширӣ 16,7% кам шудааст [4,с.7].

Ҳалли ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар давоми солҳои 1965-1985 дар ҳудуди ҶТ 21 адад фабрикаи парандапарварӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд 7 адад, вилояти Хатлон 7 адад, НТҶ 6 адад ва дар ВМКБ 1 адад сохта шуда, ба истифода дода шуда буданд.

Дар корхонаҳои парандапарварии ҷумҳурӣ зиёда аз 10 млн сар парандаҳои навъи гуногун парвариш карда мешуданд, ки аз онҳо дар як сол ба миқдори 550 - 570 млн дона тухм ва 17-20 ҳазор тонна гӯшт истеҳсол карда мешуд. Аз ҷумла, тибқи Барномаи рушди боғу токпарварӣ майдони боғу токзори мамлакат ба 180 ҳазор гектар расонида шуд, ки нисбат ба соли 1991-ум қариб 100 ҳазор гектар ё 2 баробар зиёд буда, дар ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар, рушди содирот ва таъмини саноати коркард бо ашёи хом нақши арзишманд гузошт [1,с.3].

Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёдшавии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва шумораи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин, рақобати озод байни молистеҳсол-кунандагон дар бозори озуқаворӣ ба зиёдшавии маҳсулоти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифат замина гузошт.

**Ҷадвали 2. Ҷамъоварии умумии ҳосил дар солҳои 2013-2017 (ҳаз. тонна)**
**Table 2. Total harvest harvest for 2013-2017 (thousand tonnes)**

| № | Маҳсулотҳои кишоварзӣ | 2013 | 2014 | 2016 | 2017 | Нимс.1 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ғалладона | 1392,6 | 1317,8 | 1435,8 | 1747,7 | 512,5 |
| 2 | Картошка | 392,8 | 372,7 | 898,1 | 782,9 | 217,4 |
| 3 | Сабзавот | 1490,6 | 1549,5 | 1748,3 | 1859,1 | 719,2 |
| 4 | Полизӣ | 495,3 | 545,7 | 594,2 | 631,3 | 190,2 |

Маъхаз: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №2-2018. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С.15; Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – декабр. – Душанбе, 2017. –С.25

Чи хеле ки ба мо аз ҷадвали №2 маълум шуд, дар моҳҳои январ - декабри соли 2017 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 1447,6 ҳазор тонна ғалладонагиҳо, 547,2 ҳазор тонна картошка, 14303 ҳазор тонна сабзавот, 534 ҳазор тонна полизӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016-ум сабзавот 18,19%, полизӣ 10,07%, картошка 39,09% кам мебошад. Истеҳсоли ғалладонагиҳо бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2016-ум мутаносибан 0,82% зиёд шудааст.

Дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ то 1 январи соли 2018-ум 301764 гектар зироати ғалладона ва лӯбиёӣ (бе ҷуворимакка) даравида ва 301759 гектар кӯфта шуда, 838825 тонна ғалла истеҳсол карда шудааст ва ҳосилнокии ҳар гектар 27,8 сентнериро ташкил намуд. Аз 22811 гектар 483877 тонна картошка ҷамъоварӣ шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 212,1 сентнериро ташкил додааст, аз 31253 гектар 824995 тонна сабзавот истеҳсол шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 264,0 сентнериро ташкил медиҳад. Аз 16907 гектар 423607 тонна зироати полизӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 250,6 сентнериро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давра 196038 тонна мева ҷамъоварӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,9% ва 114040 тонна ангур ҷамъоварӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,5% зиёд мебошад [5,с.24].

Мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарози (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарози (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Мавҷудияти умумии физикӣ худи маҳсулот маҷмӯи захираи он дар оғози давра, истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зикршуда дар ҳамон давра мебошад. Агар мавҷудияти умумии захираи озуқаворӣ барои истеъмол ба шумораи аҳолӣ тақсим карда шавад, дар он сурат нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ барои як сол мавҷуд будани озуқаворӣ ҳосил мешавад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [3,с.21].

Бо дарназардошти мушкилоти озуқаворӣ, ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Тоҷикистон, саноати хӯрокворӣ монанди пойгоҳҳои он бояд объекти муҳофизати мақсадноки давлатӣ, ҳам аз ҳисоби афзоиши сармоягузориҳои мустақими буҷетӣ ва ҳам самаранокии татбиқи механизми иқтисодӣ бошад. Амнияти озуқаворӣи кишвар на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки бо қобилияти аҳолӣ бо миқдори зарурии озуқаворӣ бо миқдори мувофиқ таъмин кардани худ мебошад. Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд. Масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нанамуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ меъёрҳои тавсиявӣ муқаррар карда шудаанд (нигаред ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 3. Physiological recommendation of basic food products per capita of the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полизиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

Маъхаз: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018. -№451

Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ ба шумор мераванд. Истифодаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ барои якчанд сол имконият медиҳад, ки аз рӯйи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин мавҷудияти озуқаворӣ барои истеъмоли аҳолӣ баҳо дода шавад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои муваффақ шудан дар роҳи раҳо намудани аҳолии мамлакат аз камбизоатӣ ва таъмини онҳо бо маҳсулоти баландсифат дар ин замина таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар дар сатҳи ҷаҳон муҳим дониста мешавад. Соҳаи озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар мамлакатҳои дунё ба хатару монеаҳои гуногун, аз ҷумла ҷунбиши демографӣ, тағйирёбии иқлим, маҳдудияти захираҳои табиӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Дар вазъи бавуҷудомада тавассути васеъсозии заминҳои кишт, сермаҳсулгардонии заминҳои кишоварзӣ (обёрӣ, нуриандозӣ ва ғайра), истифодаи методу усулҳои инноватсионӣ, ҳифзи табиат, омӯзиш ва татбиқи сохтори иқтисодиёти кишварҳои тараққикарда, қабул ва татбиқи стратегияҳои рушд ва гузаронидани чораҳо оиди ислоҳоти аграрӣ таъмини минбаъдаи бехатарии озуқаворӣ имконпазир мебошад. Соҳаи кишоварзии Тоҷикистон метавонад мамлакатро бо маводи озуқаворӣ таъмин созад. Барои ин захираҳои кофии замину об, имкони васеъ кардани майдонҳои кишти зироат ва ҷангалзор, кӯҳҳо, ҳавзу дарёҳо мавҷуданд. Аммо усули маъмули истифодаи киштзорҳо боиси мушкилоти ҷиддии экологӣ мегардад. Ин на фақат дар эътибор надодан ба макони ҷойгиршавии замин, вақти кишту кор, воситаҳои коркарди механикию кимиёвии хок, балки дар муносибати бепарвоёна ба истифодаи неъматҳои табиат - беназоратӣ дар шикори ҳайвоноту моҳӣ, ҷамъоварии гиёҳҳо, дарахтбурӣ зоҳир мегардад. Бояд таъкид кард, ки сарчашмаи даромади беш аз 60 фоизи аҳолии кишвар ин соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад, ки барои такмил додани усули арзёбии бехатарии озуқаворӣ

истифодаи нишондиҳандаҳои бо истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти хӯроквори алоқаманд мусоидат менамоянд [6,с.4-5].

## АДАБИЁТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj/ru/node/16772 (санаи истифодабарӣ 25.12.2017).
2. Фасихов И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности РТ). Монография / И.С. Фасихов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -130 с.
3. Ашуров И.С. Амнияти озуқаворӣи Тоҷикистон / И.С. Ашуров, Р.Ҷ.А. Диринг // Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ - омили муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (12-13 майи соли 2017). -Қӯрғонтеппа, 2017. -С.21-34.
4. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -№2. -170 с.
5. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-декабр. –Душанбе, 2017. -С.24-25.
6. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон [Текст] / А.А. Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -№3. -С.3-8.
7. Солиев, А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов [Текст] / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. -Душанбе: Сино, 2014. -№2/8. -С.3-7.
8. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2016.
9. Саякова, С.Ш. Анализ состояния использования земельных ресурсов и экологического менеджмента в системе обеспечения продовольственной безопасности [Текст] / С.Ш. Саякова, И.С. Фасихов // Modern science. -Россия-Москва, 2016. -№9. -С.31-36. [Электронный ресурс]. http://elibrary.ru/contents.asp?issueid=2414-9918.
10. Khakimova, M.F. Comperative analysis of monetary and fiscal policy and their influence on economic development of the Republic of Tajikistan / M.F. Khakimova, A.A. Solehzoda, I.S. Fasehzoda // «The Strategies of Modern Science Development» Proceedings of the XV International scientificlractical conference. Section «Economics»-2018, North Charleston, SC, USA.


## РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ


Дар мақола оид ба роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Оид ба роҳҳои дастрас намудани маҳсулоти озуқаворӣ ба аҳолии кишвар дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронӣ ва дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ, истифодаи дурусти захираҳои замини кишоварзӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳодҳо карда шудаанд. Оид ба ҳолати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, воридоту содироти маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва роҳҳои рушди он масъалагузорӣ карда шудааст. Дар мақола қайд карда мешавад, ки заминҳои корам бояд зиёд карда шаванд. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар дохили мамлакат ва содироти он ба хориҷи кишвар аз самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Мушкилоти ҷойдошта дар самти бехатарии озуқаворӣи мамлакат ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нишон дода шудаанд. Сатҳи таъминоти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бозорӣ дохилӣ бо маҳсулотҳои худӣ нишон дода шудааст. Барои таъмини самаранок ва саривақтии аҳолӣ бо озуқаворӣи хушсифат тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Хулоса карда шудааст, ки истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзӣ, обёрикунии заминҳо, ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар таъмини аҳолии кишвар ба маҳсулоти ватанӣ бевосита барои ҷомеа манфиатовар буда, барои расидан ба яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Калидвожаҳо:** бехатарии озуқаворӣ, стратегия, дастраси озуқаворӣ, меъёрҳои агротехникӣ, таъмини озуқаворӣ, меъёрҳои истеъмол, калориянокии хӯрок.

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ПРОИЗВОДСТВА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В РАЗВИТИИ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

В статье рассматриваются пути совершенствования сельскохозяйственного производства в развитии производства продуктов питания в Республике Таджикистан. Что касается доступности продуктов питания, страна была представлена оптимальным уровнем жизни и физической и экономической доступности продуктов питания, охраны окружающей среды и эффективного управления, соблюдения агротехнических норм, правильного использования сельскохозяйственных земель и приоритетов страны для производства органического сельского хозяйства. Что касается производства отечественной сельскохозяйственной продукции, импорта и экспорта сельхозпродукции, то рассматриваются уровень обеспеченности населения отечественной продукцией и пути ее развития. В статье отмечается, что пахотные земли надо увеличить, и основной целью развития сельскохозяйственного производства в стране и его экспорта за рубеж является эффективный способ использования сельскохозяйственных земель. Показаны актуальные проблемы продовольственной безопасности страны и поддержки Правительства Республики Таджикистан в этом направлении. Ведущие страны мира в области поставок сельскохозяйственной продукции и внутренних рынков были обеспечены своими собственными продуктами. Представлены предложения по эффективной и своевременной доставке населению качественной еды. Был сделан вывод, что только при наличии эффективности использования сельскохозяйственных угодий, орошаемых земель, стимулировании дехканских (фермерских) хозяйств к внутренним поставкам отечественных товаров непосредственно населению возможно решение одной из целей Правительства Республики Таджикистан по обеспечению населения продовольственными товарами.

**Ключевые слова**: продовольственная безопасность, стратегия, доступность продовольствия, агротехнические нормы, продовольственное обеспечение, норма потребления, калорийность питания.

## WAYS TO IMPROVE PRODUCTION OF AGRICULTURAL PRODUCTS IN DEVELOPMENT PRODUCTION OF FOOD PRODUCTS

The article discusses ways to improve agricultural production in the development of food production in the Republic of Tajikistan. With regard to food availability, the country was represented with an optimal standard of living and physical and economic accessibility of food, environmental protection and effective management, compliance with agrotechnical standards, proper use of agricultural land and the country's priorities for the production of organic agriculture. As for the production of domestic agricultural products, import and export of agricultural products, the level of provision of the population with domestic products and the ways of its development are considered. In the staging, it is noted that arable land should be increased, and the main goal of developing agricultural production in the country and exporting it abroad is an efficient way to use agricultural land. Showing topical issues of the country's food security and support of the Government of the Republic of Tajikistan in this direction. The world's leading countries in the supply of agricultural products and domestic markets were explained with their own products. Presented proposals for the effective and timely delivery of high-quality food to the population. It was concluded that only if there is efficient use of agricultural land and irrigated land, to encourage dekhkan (farm) farms to supply domestic goods directly to the population and facilitate access to one of the goals of the Government of the Republic of Tajikistan to provide the population with food.

**Key words:** food security, strategy, availability of food, agro technical norms, food supply, norm of consumption, caloric intake.

**Сведения об авторах:** ***Фасехзода Ислом Саймирзо*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 918-71-97-19; 934-71-97-19**. E-mail: **fasikhov83@mail.ru**

***Сайдалиев Хуршед Амирхонович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант (PhD) кафедры экономической теории. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 934-46-99-90**. E-mail: **khurshed1992@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Fasekhzoda Islom Saimirzo*** - Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D., associate professor, head of the department of economic analysis. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **(+992) 918-71-97-19; 934-71-97-19.** E-mail: **fasikhov83@mail.ru**
***Saidaliev Khurshed Amirhonovich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, doctoral candidate (PhD), Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **(+992) 934-46-99-90.** E-mail: **khurshed1992@mail.ru**

УДК 339.7(575.3)

# АФЗАЛИЯТИ ПАСАНДОЗ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АСОСИИ ЗАХИРАҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

***Шоасалов Н.Қ.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳама ҷузъиётҳои марбут ба иқтисодиёт дар маҷмӯъ қувваи бузургеро ташкил медиҳанд ва ба тағйирёбии дигар қисмҳои он мусоидат намуда, метавонад вазъи умумии иқтисодиётро дигаргун созад. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯза дар баробари иттилоот ва мутахассис, пул низ воситаи асосӣ ва ҳамзамон муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар баробари ҳамаи элементҳои иқтисодӣ мавҷудияти пул, қарз ва бонк дар маҷмӯъ имконият медиҳад, ки яке аз шартҳои асосии самаранокии иқтисодиёт, яъне пайвастагии доимии истеҳсолот, муомилот ва истеъмолот таъмин гардонида, раванди муназзами рушди макроиқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, вобастагӣ ва алоқамандии мустақими пул ва қарз омӯхта шуда, бевосита ба якдигар дар ҳама ҳолат таъсири мутақобила расонидаи онҳо ошкор мегардад, ки дар баъзе маврид онҳо якдигарро метавонанд аз байн баранд.

Қобили қайд аст, ки сармояи пулӣ элементи асосии иқтисодиёт ва муҳаррики рушддиҳандаи раванди истеҳсолот ва муомилот ба ҳисоб рафта, самаранок ва ба мақсад мувофиқ истифодабарии он муназзамии рушди иқтисоди миллии ҳар як давлатро таъмин месозад. Рушди низоми пулию-қарзӣ таърих ва заминаҳои ташаккулёбии худро дошта, ҳарчанд пул ва сармояи пулӣ таҳаввулотҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида бошад ҳам, баъди тағйир додани шакли худ вазифаҳои асосиашро гум накардааст ва то имрӯз ҳамчун муҳаррик ва фишанги асосӣ дар иқтисодиёт ва ҷамъият хизмат карда, мунтазам такмил меёбад. Давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ мутараққиро тавассути сиёсати пулию қарзии устувор ва захираҳои пулию тиллоии он баҳо медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз истиқлолияти комил ба даст овардан ва гузаштан ба низоми иқтисодиёти бозорӣ ба масъалаҳои сиёсати пулию қарзӣ, сармояи пулӣ, низоми пулӣ, низоми бонкӣ ва ниҳоят ба масъалаи пасандозҳо ва зарурати онҳо дар тезонидани раванди такрористеҳсол диққати махсус дода шуда истодааст.

Қобили зикр аст, ки саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими суботи устувори низоми пулию бонкии мамлакат зиёд буда, дар асоси ташаббусҳои созандаю бунёдкоронаи ӯ бароришӣ нахустин пули миллӣ (рубли тоҷикӣ) ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат такони ҷиддӣ бахшид. Ба муомилот баровардани пули миллӣ қадами устувори мамлакат дар роҳи таҳкими суботи комили иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, заминаи боэътимоди рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Ниҳоятан, ба муомилот баровардани пули миллӣ роҳҳои ба эътидол овардани сиёсати пулию қарзиро муайян намуда, барои нигоҳдории сатҳи минималии таваррум, мувозинати индекси нархҳо, таносуби афзоиши захираҳои пулӣ, эътимоди аҳолӣ ба низоми пулию бонкӣ ва афзоиши ҳаҷми пасандозҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ имкониятҳоро фароҳам овард.

Дар он давра вазъи мураккаби иқтисодии давлат, аз он ҷумла тамоили болоравии бемайлони сатҳи таваррум, коҳишёбии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), касодшавии иқтисодиёт, болоравии батадриҷи нархҳо ва пеши роҳи дигар омилҳои номатлуби иқтисодӣ гирифта шуд. Дар ҳамин давраи мураккаб баъди ба муомилот баровардани рубли тоҷикӣ сатҳи таваррум аз 1420 маротибаи соли 1992, то 40,6% дар соли 1996, 12,5% дар соли 2006, 9,8% дар соли

2010, 6,1% дар соли 2016 ва ин нишондиҳанда дар моҳи сентябри соли 2018 то ба ҳадди 5,5% коҳиш дода шуд [1,с.88].

Дар ҳамин муддат масъалаи такмил ва пурзӯр кардани захираҳои пулии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби воситаҳои ҷалбкардашуда, махсус аз ҳисоби қабули амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ масъалаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Маъмулан, қисми зиёди захира ва даромади бонкҳои тиҷоратиро амонату пасандозҳо ташкил медиҳанд. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат пасандозҳо яке аз сарчашмаҳои асосии маблағузории дохилӣ ва афзудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад, лекин, мутаассифона, низоми бонкии кишвар солҳои охир бо мушкилот ва монеаҳои зиёд дучор гардид, ки, албатта, натиҷаи таъсири омилҳои гуногун мебошад.

Масъалаи қонеъ гардонидани талаботи мизоҷ оид ба кафолати эътимоднок, нигоҳдошти пасандози онҳо дар бонки тиҷоратӣ масъалаи мубрам ва калидӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. Афзоиши рӯзафзуни пасандозҳои аҳолӣ аз рушди устувори иқтисодиёт ва солимгардии фазои низоми бонкии кишвар далолат мекунад. Тавре ки маълум аст, яке аз манбаъҳои асосии ташкили сармояи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва омили маблағгузории дохилӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ, пасандозҳои аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд. Афзоиши мунтазами бақияи пасандозҳо новобаста аз таъсири омилҳои гуногуни дохилию беруна ба иқтисодиёт аз рӯйи маълумотҳои омори расмӣ чунин аст [2,с.28].

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо дар солҳои 2006-2018**
**Table 1. The volume of balance of deposits in 2006-2018**

| Солҳо | Бақияи умумии пасандозҳо | Шахсони воқеӣ | | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Бо асъори миллӣ | Бо асъори хориҷӣ | Ҳамагӣ | Бо асъори миллӣ | Бо асъори хориҷӣ |
| 2006 | 1108,1 | 281,2 | 46,3 | 234,9 | 826,9 | 225,8 | 601,1 |
| 2007 | 2397,5 | 570,1 | 81,2 | 488,8 | 1827,4 | 434,7 | 1192,6 |
| 2008 | 1923,2 | 733,1 | 226,8 | 606,3 | 1990,1 | 576,3 | 613,8 |
| 2009 | 2640,8 | 1131,6 | 223,8 | 907,8 | 1509,2 | 739,8 | 769,1 |
| 2010 | 3269,7 | 1515,6 | 291,8 | 1223,8 | 1754,1 | 1088,5 | 665,5 |
| 2011 | 4423,5 | 2298,3 | 353,1 | 1945,2 | 1225,2 | 1272,6 | 852,6 |
| 2012 | 4927,2 | 2937, | 469,8 | 2767,6 | 1989,9 | 1140,9 | 849,0 |
| 2013 | 5521,6 | 5521,6 | 3660,1 | 681,1 | 1861,5 | 1066,8 | 794,7 |
| 2014 | 6690,6 | 4253,3 | 838,0 | 3415,3 | 2437,3 | 1470,4 | 966,9 |
| 2015 | 8613,5 | 5423,5 | 1058,3 | 4365,3 | 3190, | 1624,30 | 1567,5 |
| 2016 | 9243,2 | 5352,6 | 1312 | 4040,6 | 3890,5 | 2162,5 | 1728 |
| 2017 | 9283,5 | 4473,9 | 1647,5 | 2826,4 | 4809,5 | 2495,8 | 2313,7 |
| 2018 | 9362,8 | 4217,2 | 1525,5 | 2691,6 | 5145,6 | 2734,2 | 2411,3 |

Сарчашма: Маълумотҳои омории Бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (1991-2011). –Душанбе: Эр-граф, 2011 Рушди низоми бонкӣ дар 25-соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017

Бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили оморӣ муайян гардид, ки суръати афзоиши миёнасоланаи бақияи пасандозҳо дар давоми 13 соли охир 1,195 маротиба зиёд гардида, соли 2018 нисбати соли 2006 ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои кишвар 8,5 маротиба афзудааст, ки аз устувории низоми бонкдорӣ ва афзоиши боварии мардум ба бонкҳо ва низоми бонкдорӣ шаҳодат медиҳад.

$$x = \sqrt[n-1]{\frac{An}{A1}} = \sqrt[13-1]{\frac{9362,8}{1108,1}} = \sqrt[12]{8,449418} = 1,195$$

$$X = \sqrt[n]{\Pi(X)} = \sqrt[12]{8,449418} = 1,195$$

Ҳамзамон, афзоиши мутлақи бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар ин муддат тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба ҳисоби миёна дар як сол 687,9 ҳазор сомониро ташкил додааст.

$$X = \frac{Xn - Xn - 1}{n - 1} = \frac{9362,8 - 1108,1}{13 - 1} = 687,9$$

Агар мо сохтори бақияи пасандозҳои аҳолиро таҳлил карда бароем, дигаргунии ҷиддӣ дар он дида мешавад. Масалан, соли 2006 ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ 25,4%, шахсони ҳуқуқӣ 74,6%-ро ташкил додааст, ки бартарияти асосиро бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ дар бар гирифтааст. Дар муқоиса бо соли 2018, ки ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ 45,1% афзуда, бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, тамоюли пастравӣ дошта, ҳамагӣ 54,9%-ро ташкил додааст. Дар ин муддат бақияи пасандозҳои шахсонӣ воқеи 19,7 банди фоизӣ кам гардида, бақияи пасандозҳои шахсонӣ ҳуқуқӣ ба ҳамин миқдор афзудааст. Таносуби бақияи пасандозҳои аҳолӣ бо асъори хориҷӣ ва пули миллӣ гуногун буда, мунтазам тағйир меёбад. Агар ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ соли 2006 бо асъори хориҷӣ 75,4% ва бо пули миллӣ сомонӣ 24,6%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2018 ҳиссаи бақияи ин пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 54,6% ва бо пули миллӣ сомонӣ 45,4%-ро дар бар гирифтааст, ки 20,8 банди фоизӣ афзоиши ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ бо пули миллӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолат аз афзудани боварии мардум ба ин муқаддасот, яъне пули миллӣ гувоҳӣ дода, тамоюли долларикунонии иқтисодиётро коҳиш медиҳад. Агар динамикаи тағйирёбии ҳаҷми воқеии пасандозҳои аҳолиро таҳлил карда бароем, пас солҳои 2014-2015 давраи афзоиш ва авҷи пасандозгузорӣ буда, аз ибтидои соли 2016 ҳолати таназзулёбии ин равандро мушоҳида намудан мумкин аст, ки чунин ҳолат дар нақшаи додашуда хеле хуб инъикос ёфтааст.

**Ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2006-2018**
**The volume of the population's savings in 2006-2018**




Мувофиқи маълумоҳои омори расмӣ ба ҳолати моҳи августи соли 2018 ҳаҷми бақияи пасандозҳо маблағи 9,3 млрд сомониро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба солҳои қаблӣ бо пули миллӣ 3% ва бо асъори хориҷӣ 1% афзудааст. Бо тағйир додани самти сиёсати пулию қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон тавонист аз охири соли 2015 вазъи муътадили бозори молиявиро ба даст гирад ва пурра ҳолати онро ба танзим дарорад [4,с.20].

Масъалаи дигаре, ки аҳамияти зиёд дорад, таносуби бақияи пасандозҳо ва маблағҳои қарзӣ дар суратҳисоби бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Афзалиятҳои иқтисодии пасандозҳо ҳамчун сарчашмаи муҳимми маблағгузории дохилӣ ва афзудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо, хусусан дар шароити буҳрони иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ҳаҷми умумии қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳо пешниҳод мегардад, низ аҳамияти зиёд дошта, то дараҷае барои рушди соҳибкорӣ ва истеҳсолот мусоидат менамояд. Агар таносуби ҳаҷми қарзҳо ва бақияи пасандозҳоро таҳлил карда бароем, солҳои охир нисбатан камтар гардидани пешниҳоди қарзҳо ба назар мерасад. Ҳол он ки коэффитсиенти суръати миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо дар солҳои 2012-2018 1,079, лекин коэффитсиенти суръати афзоиши миёнасолонаи бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо бошад, ба 1,58 баробар буда, афзоиши он мутаносибан ба 0,5 банди фоизӣ баробар аст. Аз ин лиҳоз, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкиро зарур аст, ки пешниҳоди маблағҳои қарзиро барои доираи васеи мизоҷон бо тахфиф ва имкониятҳои дастрас бештар намоянд.

Ҷадвали 2. Таносуби қарзҳо нисбат ба пасандозҳо
Table 2. Loan ratio for deposits

| Солҳо | Бақия умуми пасандозҳо | Ҳаҷми умумии қарзҳо | Таносуби қарзҳо нисбат ба пасандозҳо бо (%) |
|---|---|---|---|
| 2012 | 4927,2 | 5421,3 | 10 |
| 2013 | 5521,6 | 7530,9 | 36,4 |
| 2014 | 6690,6 | 9783,1 | 46,2 |
| 2015 | 8613,5 | 11341,6 | 31,6 |
| 2016 | 9243,2 | 9930,0 | 7,4 |
| 2017 | 9283,5 | 8608,0 | -7,3 |
| 2018 | 9362,8 | 8580,2 | -8,3 |

Дар таҳлили минбаъдаи таносуби қарзҳо ва пасандозҳои аҳолӣ аз коэффитсиенти коррелятсия ва коэффитсиенти детерминатсия истифода бурда, дигар нишондиҳандаҳои муҳим, ки алоқмандии бақияи умумии пасандозҳо ва ҳаҷми умумии қарзҳоро нишон медиҳанд, ҳосил мешавад. Аз рӯйи маълумотҳои додашуда ҳисоби ин нишондиҳандаҳо чунин аст:

$$\boldsymbol{r = \frac{\overline{xy} - \bar{x} \cdot \bar{y}}{\delta_x \cdot \delta_y} = 0,664};$$

$$\boldsymbol{r^2 = d = (0,664)^2 \cdot 100 = 44,1\%}$$

Яъне, афзоиши ҳаҷми умумии пешниҳоди қарзҳо 66,4 % аз ҳолати пасандозгузории мизоҷон ва афзудани бақияи пасандозҳои онҳо дар бонкҳо вобаста буда, 33,6% натиҷаи таъсири дигар омилҳо аст, ки алоқамандии хеле назарраси пешниҳоди қарзро аз ҷониби бонкҳо ва афзудани пасандозро дар бонкҳо мефаҳмонад. Бо назардошти аҳамияти зиёди иқтисодӣ доштани пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки барои ба даст овардани эътимоду боварии мизоҷон ва пурзӯр намудани захираҳои пулию қарзӣ дар бозори байнибонкӣ чораҳои зарурӣ андешанд, аз ҷумла:

1. Бештар ҷалб намудани захираҳои озоди пулии бонкҳо ва аҳамияти ҷиддӣ додан ба қобилияти пардохтпазирии бонк ҳангоми иҷрои амалиётҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ.

2. Бурдани назорати қатъӣ аз болои таъминоти банкоматҳо бо пули накд, бештар намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва бештар кардани сатҳу сифати хизматрасонии онҳо.

3. Мақсаднок ва аз рӯйи таъйинот дар самтҳои афзалиятнок дуруст истифодабарии захираҳои пулӣ ва пасандозҳои ҷалбгардида.

4. Вобаста ба талаботҳои бозор ва имкониятҳои аҳолӣ зиёд намудани меъёри фоизи амонат ва пасандозҳо, ҳамчун омили ҳавасмандгардонии мизоҷон.

## АДАБИЁТ


1. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017.
2. Бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (1991-2011). –Душанбе: Эр-граф, 2011.
3. Рушди низоми бонкӣ дар 25-соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
4. Бюллетени омори бонкӣ. –Душанбе, 2018.№-276. -С.20.-35.
5. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. www.nbt.tj [санаи истифодабарӣ 20.12.18]
6. Хайрзода Ш.Қ. Аҳамияти афзалиятҳои иқтисодии пасандозҳо ҳамчун сарчашмаи маблағгузории дохилӣ ва эътимоди аҳолӣ дар шароити буҳрони молиявӣ / Ш.Қ. Хайрзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳолати низоми бонкии ҶТ» (28-октябри соли 2017). -Душанбе, 2017.


## АФЗАЛИЯТИ ПАСАНДОЗ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АСОСИИ ЗАХИРАҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақолаи мазкур моҳият ва афзалияти пасандоз ҳамчун манбаи асосии ташаккулёбии захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, алоқамандии мустақими пул ва қарз ошкор гардидааст. Қобили зикр аст, ки сармояи пулӣ элементи асосии иқтисодиёт ва муҳаррики рушдиҳандаи раванди истеҳсолот ва муомилот ба ҳисоб рафта, самаранок ва ба мақсад мувофиқ истифодабарии он муназзамии рушди иқтисоди миллии ҳар як давлатро таъмин месозад. Бинобар ин

масъалаи такмил ва пурзӯр кардани захираҳои пулии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби воситаҳои ҷалбкардашуда, махсус аз ҳисоби қабули амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ, масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати дигари масъала, ки аҳамияти зиёд дорад ва мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ин таносуби бақияи пасандозҳо ва маблағҳои қарзӣ мебошад. Таҳлили таносуби қарз ва пасандозҳои аҳолӣ бо истифода аз коэффитсиенти коррелятсия ва детерминатсия гузаронида шуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод гардидаанд.
**Калидвожаҳо**: пасандоз, қарз, сармояи пулӣ, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ.

## ПРЕИМУЩЕСТВО ДЕПОЗИТОВ КАК ОСНОВНОГО ИСТОЧНИКА КРЕДИТНЫХ РЕСУРСОВ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

В статье рассматриваются сущность и преимущества депозитов как основного источника формирования кредитных ресурсов в коммерческих банках, а также раскрывается прямая связь между деньгами и кредитом. Следует отметить, что кредитные ресурсы являются основным элементом экономики, а также фактором развития процесса производства и обращения, который обеспечивает развитие национальной экономики отдельного государства. Поэтому совершенствование и укрепление денежных средств коммерческих банков, среди привлечённых средств депозитов юридических и физических лиц, является актуальной проблемой. Другой аспект, который был проанализирован и имеет важное значение, - это соотношение остатков депозитов и кредитных ресурсов. На основании показателей официальной статистики проанализировано соотношение кредитов и депозитов с использованием коэффициентов корреляции и детерминации, и были сделаны обоснованные выводы.
**Ключевые слова:** депозит, кредит, денежный капитал, банковская система, коммерческие банки.

## THE ADVANTAGE OF DEPOSITS AS THE MAIN SOURCE OF CREDIT RESOURCES OF COMMERCIAL BANKS

The article discusses the nature and advantage of deposits as the main source of the formation of credit resources in commercial banks, and also reveals a direct relationship between money and credit. It should be noted that credit resources are the main elemental economy, as well as a factor in the development of the process of production and circulation, which ensures the development of the national economy of a separate state. Therefore, the improvement and strengthening of cash resources of commercial banks, from among the attracted means of deposits of legal entities and individuals, is an important issue. Another aspect that has been analyzed and is important is the balance of deposits and credit resources. Based on indicators of official statistics, the ratio of loans and deposits was analyzed using correlation and determination coefficients, and reasonable conclusions were proposed.
**Key words:** deposit, loan, money capital, banking system, commercial banks.

**Сведения об авторе:** ***Шоасалов Наимджон Кудратович*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail **shs_naim@mail.ru.** Телефон: **902-52-86-86**

**Information about the author**: ***Shoasalov Naimjon Qudratovich*** - Tajik State of Financial and Economic University, Lecturer and department of banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

УДК: 338.57.055.2

# ТАЪСИРИ САТҲИ ТАВАРРУМ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

*Мусофирова Ф.С., Турахонзода Шаҳриёри Нурулло*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**

Рушди баланди иқтисодӣ бо сатҳи муътадили таваррум яке аз мақсадҳои асосии созандаи стратегии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таваррум яке аз индикаторҳои асосии макроиқтисодие мебошад, ки барои рушди иқтисодиёти кишвар ҳамчун омил таъсирбахш аст ва он аз тарафи Бонки миллӣ назорат карда мешавад.

Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ (аз ҷумла, дар соли 2009), болоравии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом (солҳои 2006 ва 2011), тағйири сиёсати Низоми захиравии федералии ИМА (соли 2014), шиддатнокии геосиёсӣ дар Аврупои Шарқӣ ва вазъи номуътадили иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратӣ (солҳои 2014-2016) аз омилҳое буданд, ки ба вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар бевосита таъсир расониданд [10].

Аз ин хотир, масъалаи муҳимми назариявии мавзӯи мазкур, фаҳмиши механизми алоқамандӣ байни сатҳи таваррум ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоб меравад. Ба проблемаи мазкур таҳқиқотҳои илмии зиёди олимони дохилию хориҷӣ бахшида шудаанд. Тадқиқотчиён бо истифодабарии моделҳои назариявии оморӣ хулосаҳои амиқ баровардаанд [4,с.45]. Барро (1995), Аҳмад ва Муртазо (2005) муайян кардаанд, ки таваррум ва рушди иқтисодӣ муносибатҳои манфӣ доранд ва аз натиҷаҳои таҳқиқоти олими америкоӣ Одемир (2010) бармеояд, ки муносибати мусбӣ доранд [1,с.169, 6].

Аз натиҷаи таҳлили тадқиқотчиён Бруно ва Истерли (1996) маълум гашт, ки таваррум дар ҳолати сатҳи баланд будан, вобастагии кам байни таваррум ва рушди иқтисодиёт вуҷуд дошта метавонад [2,с.139]. Вале Гош ва Филипп (1998) ин алоқамандиро бо ёрии ду муодилаи ғайрихаттӣ дар давоми солҳои 1960 то 1996 байни давлатҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор (IMF) ҳисоб намуданд, ки коэффитсиенти таваррум манфӣ ва аҳамиятнок буда, алоқамандии таваррум ва рушди иқтисодӣ коррелятсияи манфӣ доранд [5,с.672]. Вобаста ба ин ақидаҳои зиддиятдошта дар таҳқиқоти мазкур яке аз назарияҳо дар мисоли Ҷумуҳурии Тоҷикистон дида баромада мешавад.

Маълумотҳои солона барои гузаронидани таҳлил, нишондиҳандаи ММД-и номиналӣ ва маълумоти сатҳи таваррум (бо ҳисоби миёнаи солона) аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2001-2017 ба даст оварда шудаанд [7, 9]. Қайд кардан зарур аст, ки маълумоти ММД-ро бо мақсади кам кардани дисперсия ва гетероскедастикӣ ҳангоми таҳлили хаттӣ гузаронидан, ба намуди логарифми натуралӣ оварда шуд. Муодилаи регрессионии пешниҳодшуда, ба воситаи барномаи махсуси эконометрикии EViews (Econometric Views) ҳисоб карда шудааст.

Мувофиқи назария, пеш аз таҳлил гузаронидан, сарравал тавсифи омории маълумотҳои интихобнамудаамонро бояд баҳо диҳем [8]. Бинобар ин, барои тартиб додани муодилаи регрессионӣ бо назардошти баҳоҳои оморӣ (ҷадвали 1) барои ММД логарифми натуралӣ истифода бурда шуд. Аз ин ҷадвал ба осонӣ дида метавонем, ки хатогии стандартии (Stdandart Deviation) таваррум нисбати LGDP (8.091>0.387) зиёдтар аст ва ин нишон медиҳад, ки таваррум нисбат ба LGDP номуътадилтар аст. Илова бар ин, эксесс тезӣ ва ҳамвории тағйирёбандаҳоро ҳисоб мекунад. LGDP тақсимоти ҳамворитар нисбат ба меъёри муайян (1.858<3) ва дар қисмати чапи асимметрӣ (-0.421<0) ҷойгир мебошад. Вале маълумоти сатҳи таваррум бошад, аз меъёри муайян (4.264>3)

баландтар буда, дар қисмати рости ассиметрӣ (1.41>0) ҷойгир аст (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тавсифи омории маълумоти логарифми натуралии ММД ва таваррум**
**Table 1.The statistical description of the natural log of GDP and inflation**

| Нишондиҳандаҳои оморӣ | | LGDP (логарифми натуралии ММД) | INF (сатҳи таваррум) |
|---|---|---|---|
| Ҳисоби миёнаи арифметикӣ | Mean | 9.725844 | 12.37059 |
| Медиана | Median | 9.934453 | 7.800000 |
| Максимум | Maximum | 11.02025 | 36.50000 |
| Минимуми | Minimum | 7.849246 | 5.100000 |
| Хатогиҳои стандартӣ (миёнаи хатогии квадратӣ) | Std. Dev. | 1.027817 | 8.785767 |
| Коэффитсиенти асимметрӣ | Skewness | -0.420802 | 1.410026 |
| Эксесс | Kurtosis | 1.858310 | 4.264015 |
| Харка-Берра | Jarque-Bera | 1.424994 | 6.764885 |
| Эҳтимолият | Probability | 0.490418 | 0.033964 |
| Сумма | Sum | 165.3393 | 210.3000 |
| Суммаи хатогии квадратӣ | Sum Sq. Dev. | 16.90252 | 1235.035 |
| Миқдори маълумот | Observations | 17 | 17 |

Манбаъ: Агенти омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоби муаллиф ба воситаи барномаи EVeiws [7,9]

Дар расми 1 графики логарифми натуралии ММД ва сатҳи таварруми ҶТ дар давоми солҳои 2001-2017 оварда шудааст. Аз ин график мо ба осонӣ дида метавонем, ки хатти тренди ММД дар тамоюли рушд қарор дорад, аммо сатҳи таваррум номуътадил ба назар мерасад. Дар солҳои 2001 ва 2002 сатҳи таваррум баланд ва баъдан дар солҳои 2008-2009 бо сабаби бухрони ҷаҳонӣ боз як маротибаи дигар сатҳи таваррум ба боло меравад ва баъдан аз охири соли 2012 бо як меъёри муътадил поён мефарояд. Аз графики мазкур мо гуфта метавонем, ки LGDP мумкин аст, ки статсионарӣ дар хатти тренд ва сатҳи таваррум дар хатти номуътадили тренд ғайристатсионарӣ бошад. Лекин барои инро дурусттар фаҳмидан, тести решаи воҳидиро ҳисоб кардан лозим аст, ки баъдтар дар мавзӯи мазкур натиҷаи онро дида мебароем [3].

**Расми 1. Графики логарифмии натуралии ММД ва сатҳи таварруми дар ҶТ (2001-2017)**
**Figure 1.Graph of natural logarithm of GDP and Price Level of the Republic of Tajikistan (2001-2017)**




Манбаъ: Агентии омори назди Президенти ҶТ ва ҳисоби муаллиф

Мувофиқи назария тағйирёбандаҳо ҳангоми таҳлил бояд статсионарӣ бошанд, ба хотире ки ҳангоми ғайристатсионарӣ будан, натиҷа сунъӣ ба даст меояд. Барои дарёфти фарқияти байни ҷараёни статсионарӣ ва ғайристатсионарӣ тести решаи воҳидии васеи Дикки-Фуллер (Augmented Dickey Fuller (ADF)) бо фарзияи(гипотезаи) нулӣ кумак мекунад.

Одатан, аксарияти назарияҳо муносибати манфиро нишон медиҳанд. Дар ин ҷо мо таъсири муътадили таваррумро ба ММД баҳо медиҳем, ки муодила намуди зеринро дорад:

$$LGDP_t = \alpha + \beta_0 INF_t + e_t \qquad (1)$$

Вале тести васеи Дикки-Фуллер ба мо имконият медиҳад, ки дар асоси фарқияти солҳои гузашта натиҷаи хубтарро дастрас намоем ва муодилаи мазкур намуди зеринро дорад:

$$\Delta Y_t = \alpha + \beta T + \delta Y_{t-1} + \gamma_i \sum \Delta Y_{t-i} - e_t \quad (2)$$

Бо истифода аз муодилаи (2) ва барномаи Eviews мо метавонем барои санҷиш якчанд пешниҳодҳоро дарёфт намоем, ки натиҷаи он дар расми 2 оварда шудааст.

Агар дар муодилаи (1) бар ивази қадамҳои фарқиятии "lag difference=0" қадами 1 "lag difference=1"-ро интихоб кунем, он гоҳ натиҷаи хубтарро дастрас менамоем (расми 2).

Бинобар ин, аз таҳлили дар боло овардашуда, мо бо истифода аз модели динамикии ADL (1), метавонем дурнамои кӯтоҳмуддатро бо муодилаи мазкур ҳисоб намоем:

$$LGDP_t = \alpha + \beta_0 INF_t + \beta_1 LGDP_{t-1} + e_t \quad (3)$$

Аз рӯйи муодилаи (3) натиҷаи зеринро дарёфт намудем (ниг. ба ҷадвали 2).

**Расми 2. Натиҷаи тести маълумотҳои логарифмии натуралии ММД ва сатҳи таварум бо фарзияи васеи Дикки-Фуллер дар давраи солҳои 2001-2017**
**Figure 2.The result of the test of LGDP and Inflation data by ADF hypothesis in the period 2001-2017**

ADF Fisher Unit Root Test on D(UNTITLED,2)

Null Hypothesis: Unit root (individual unit root process)
Series: LGDP, INF
Date: 10/03/18 Time: 17:07
Sample: 2001 2017
Exogenous variables: Individual effects
Automatic selection of maximum lags
Automatic lag length selection based on SIC: 0 to 2
Total number of observations: 26
Cross-sections included: 2

| Method | Statistic | Prob.** |
|---|---|---|
| ADF - Fisher Chi-square | 38.9644 | 0.0000 |
| ADF - Choi Z-stat | -5.31937 | 0.0000 |

** Probabilities for Fisher tests are computed using an asymptotic Chi -square distribution. All other tests assume asymptotic normality.

Intermediate ADF test results D(UNTITLED,2)

| Series | Prob. | Lag | Max Lag | Obs |
|---|---|---|---|---|
| D(LGDP,2) | 0.0019 | 2 | 2 | 12 |
| D(INF,2) | 0.0000 | 0 | 2 | 14 |

**Ҷадвали 2. Натиҷаи регрессияи таъсири таваррум ба рушди иқтисодиёт**
**Table 2.The result of the influence of inflation on economic growth**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Dependent Variable: LGDP | | | | |
| Method: Least Squares | | | | |
| Date: 10/03/18 Time: 17:09 | | | | |
| Sample (adjusted): 2002 2016 | | | | |
| Included observations: 15 after adjustments | | | | |
| Variable | Coefficient | Std. Error | t-Statistic | Prob. |
| C | 0.826336 | 0.209815 | 3.938409 | 0.0020 |
| INF | 0.000601 | 0.002267 | 0.264964 | 0.7955 |
| LGDP(-1) | 0.934126 | 0.020107 | 46.45868 | 0.0000 |
| R-squared | 0.996302 | Mean dependent var | | 9.764656 |
| Adjusted R-squared | 0.995686 | S.D. dependent var | | 0.913503 |
| S.E. of regression | 0.060003 | Akaike info criterion | | -2.612003 |
| Sum squared resid | 0.043204 | Schwarz criterion | | -2.470393 |
| Log likelihood | 22.59002 | Hannan-Quinn criter. | | -2.613511 |
| F-statistic | 1616.476 | Durbin-Watson stat | | 1.729332 |
| Prob(F-statistic) | 0.000000 | | | |

Аз ҷадвали 2 гуфтан мумкин аст, ки сатҳи таваррум (INF) ва логарифми натуралии ММД (LGDP) бо эҳтимолияти 5% аҳамиятнок аст. Илова бар ин, $R^2$ =0.996 мебошад, ки алоқамандии зич байни сатҳи таваррум ва логарифми натуралии ММД-ро нишон медиҳад. Дигар параметрҳои оморие, ки барои таҳлили регрессия истифода бурда мешаванд, дар ҷадвали 2 оварда шудаанд ва тибқи назария аз аҳамиятнок будани регрессия хулоса баровардан мумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Barro R. Inflation and Economic Growth: Federal Reserve Bank of St. Louis review. Vol.78, 1995.
2. Bruno, M et.al (1996) “Inflation Crises and Long Run growth”; Review of Federal Reserve Bank of St. Louis; Vol. 78, no. 3.
3. Damodar N.Gujarati, Basic econometrics: 4th edition.-MC Graw Hill, 2003 - 1027.
4. Fischer S. The Role of Macroeconomic Factors in Growth: Journal of Monetary economics, Vol. 32, 1993.
5. Ghosh A. et al (1998) “Warning: Inflation May be Harmful to Your Growth”; IMF Staff Papers; Vol.45. -P. 672-710.
6. Shamim A. And M. Golam Mortaza, 2010. "Inflation and Economic Growth in Bangladesh: 1981-2005," Working Papers id:3033, eSocialSciences.
7. Маълумоти оморӣ оид ба индикаторҳои макроиқтисодии ҶТ /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. www.stat.tj
8. Ромер Дэвид. Высшая макроэкономика: учебник -2-е изд./пер. с англ.; под науч. ред. В.М. Полтеровича. -М.: ВШЭ, 2015. -855 с.
9. Тоҷикистон: 25-солагии истиқлолияти ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2016. -520 с.
10. Ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. www.nbt.tj


## ТАЪСИРИ САТҲИ ТАВАРРУМ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ


Дар мақолаи мазкур масъалаи таъсири сатҳи таваррум ба рушди иқтисодиёт дида баромада шудааст. Бояд қайд намуд, ки ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ҳадафи қариб ҳамаи кишварҳо мебошад. Аз ин хотир, тадқиқоти мазкур ба муайян намудани муносибати байни таваррум ва рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Вобаста ба ин шарҳи таваррум таҳилили раванди тағйирёбии сатҳи нархҳои истеъмолӣ дар кишвар, омилҳои ба он таъсиррасон, аз ҷумла омилҳои мансуб ба талабот ва таклифот, вазъи иқтисоди дохилию берунӣ ва дурнамои таваррумро барои давраҳои оянда дар бар мегирад. Муҳиммияти мавзӯъ, ин дида баромадани таъсири таваррум ба рушди кишвар, яъне ба ҳаёти рӯзмарраи одамон, ба монанди даромад, қобилияти харидорӣ, таъминоти пулӣ ва дигар нишондиҳандаҳо мебошад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур таъсири таваррум ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба воситаи таҳлили регрессионии хаттӣ дар давраи солҳои 2001-2017 муайян карда шуд. Илова бар ин, омилҳои таъсиррасон, аз ҷумла фарзияи васеи Дикки-Фуллер барои дарёфти тести решаи воҳидӣ ва дигар тавсифҳои оморӣ дида баромада шуд.



**Калидвожаҳо:** маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), таваррум, моделкунонӣ, рушди иқтисодиёт, тестҳои статсионарӣ ва ғайристатсионарӣ, регрессия, барномаи эконометрикии Eviews.


## ВЛИЯНИЕ УРОВНЯ ИНФЛЯЦИИ НА ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ


В этой статье основное внимание уделяется влиянию инфляции на развитие экономики. Следует отметить, что достижение устойчивого экономического роста является целью почти всех стран. В этой связи это исследование было направлено на определение взаимосвязи между инфляцией и экономическим развитием Республики Таджикистан. Исходя из этого инфляция является показателем динамики уровня корректировки потребительских цен в стране, факторов, которые на нее влияют, в том числе факторов спроса и предложения, прогноза внутренней и внешней экономики и инфляции на будущие периоды. Важной

проблемой этой статья является изучение влияния инфляции на развитие страны, то есть повседневную жизнь людей, их доход, покупательную способность, денежную массу и другие показатели. Поэтому в этой статье было затронуто влияние инфляции на развитие Республики Таджикистан с помощью линейного регрессионного анализа на период 2001-2017 годов.

**Ключевые слова:** валовой национальный продукт (ВВП), инфляция, моделирование, рост экономики, стационарности и нестационарности, регрессия, эконометрическая программа Eviews.

## INFLUENCE OF INFLATION LEVEL ON ECONOMIC GROWTH

This article focuses on the influence of inflation on economic growth. It should be noted that achieving sustainable economic growth is the goal of almost all countries. In this regard, this study was aimed at determining the relationship between inflation and economic development of the Republic of Tajikistan. On this basis, inflation is an indicator of the dynamics of the level of adjustment in consumer prices in a country, the factors that influence it, including factors of supply and demand, the forecast of the domestic and foreign economies and inflation for future periods. The main problem is to study the effect of inflation on the development of the country, that is, everyday people, such as income, purchasing power, money supply and other indicators. Therefore, this article has touched upon the impact of inflation on the development of the Republic of Tajikistan using linear regression analysis for the period 2001–2017.

**Key words:** Gross national product (GDP), inflation, modeling, economic growth, stationary and non-stationary, regression, econometric program Eviews.

**Сведения об авторах:** ***Мусофирова Фарзона Сайвалиевна*** - Институт предпринимательства и сервиса, Ph.D.-докторант. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **988-24-80-35.** E-mail: **musofirova.farzona@mail.ru**
***Турахонзода Шахриёри Нурулло*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, Ph.D.-докторант. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимов 64/14. Телефон: **98-717-41-01.** E-mail: **shahrior_91@mail.ru**

**Information about authors:** ***Turakhonzoda Shahriyori Nurullo*** - Institute of Business and Service, Ph.D.-doctoral candidate. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone: **(+992) 988-24-80-35** ***Turahonzoda Shahririi Nurullo*** - Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D.-doctoral student. **Address:** 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **98-717-41-01.** E-mail: **shahrior_91@mail.ru**

**УДК 332.014**

# ТАШАККУЛИ НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРИИ КОРХОНА


***Ашуров К.Р., Абдуллоев Х.К.***
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**


Даромад дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва муомилот дар рафти фаъолияти корхона ба вуҷуд оварда мешавад. Натиҷаи бо ҳам пайвастшавии омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя, захираҳои табиӣ) ва фаъолияти фоиданоки истеҳсолии субъекти хоҷагидорӣ маҳсулоти тайёр ба шумор меравад, ки дар шароити ба истеъмолкунандагон фурӯхта шуданаш ба мол табдил меёбад. Фурӯши маҳсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда ва хизматҳо имкон медиҳад натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона муайян карда шаванд [1,с.217].

Дар зинаи фурӯш арзиши мол маълум мегардад, ки он таҷассуми арзиши меҳнати воқеӣ мебошад.

Арзиши меҳнати ҳақиқӣ арзиши азнавбавуҷудомадаро ифода намуда ва ба ду қисм ҷудо мешавад. Қисми аввал музди кори коркунонро, ки дар истеҳсол намудани маҳсулот иштирок кардаанд, дар бар мегирад. Андозаи он ба як қатор омилҳое, ки барои такрористеҳсолкунии қувваи коргарӣ зарур аст, вобастагӣ дорад. Ба ин маънӣ барои корхона он як қисми хароҷоти истеҳсоли маҳсулотро дар бар мегирад. Қисми дувуми арзиши азнавбавуҷудомадаро арзиши холис ифода мекунад, ки танҳо дар натиҷаи фурӯхтани маҳсулот амалӣ гардида, маънои эътирофи ҷамъиятӣ ва фоиданокии онро дорад.

Дар сатҳи корхона дар шароити муносибатҳои молӣ-пулӣ даромади холис шакли фоидаро мегирад.

Дар бозори молҳо корхона ҳамчун истеҳсолкунандаи мол нисбатан мустақилона амал мекунад. Нархи маҳсулотро аниқ муайян карда, маҳсулотро ба истеъмолкунандагон мефурӯшанд ва дар ин ҳол пул бадастмеоранд, ки ин маънои ба даст даровардани даромадро надорад. Барои муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ даромади ба даст даровардашударо бо хароҷоти барои истеҳсол ва фурӯши он сарфшуда, ки ба худ шакли арзиши аслии маҳсулотро мегирад, муқоиса кардан лозим аст. Вақте ки даромади бадастовардашуда аз арзиши аслӣ зиёд бошад, натиҷаи молиявӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти корхона дар ин давра даромаднок аст [1,с.310].

Корхонаҳо ҳамеша дар назди худ мақсад мегузоранд, ки даромадашон аз хароҷотҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ зиёд бошад, вале, мутаассифона, на ҳамеша ба ин комёб мешаванд.

Агар даромад ба арзиши аслӣ баробар шавад, дар ин ҳолат маълум мегардад, ки ба корхона муяссар гардидааст, ки танҳо хароҷоти сарфкардашударо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот пурра гардонад. Дар мавриди безарар фурӯхтани маҳсулот, даромад ҳамчун сарчашмаи тараққиёти истеҳсолот, тараққиёти илмию техникӣ ва иҷтимоӣ хизмат мекунад. Дар мавриди харҷи бештаре, ки аз даромад зиёдтар аст, корхона зарар мебинад, ки ин натиҷаи манфии молиявӣ мебошад ва ин корхонаро дар ҳолати вазнини молиявӣ гузошта, оқибат онро муфлис мегардонад [2].

Даромад ҳамчун категорияи муҳимми муносибатҳои бозорӣ вазифаҳои муайянро иҷро менамояд.

Якум, самаранокии иқтисодиро дар рафти фаъолияти корхона нишон медиҳад. Вале тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаро бо ёрии даромад баҳо додан ғайриимкон аст. Ин гуна нишондоди умумӣ вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Маҳз барои ҳамин ҳам дар вақти таҳлили фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ва молиявӣ дар корхона системаи нишондиҳандаҳо истифода бурда мешавад.

Аҳамияти даромад аз он иборат аст, ки он натиҷаи охирини молиявиро ифода менамояд. Дар баробари ин, ба андозаи даромад ҷараёни инкишофи он омилҳое таъсир мерасонанд, ки ба ҷидду ҷаҳди корхона вобастагӣ дорад ва ё вобастагӣ надорад.

Дар амал вазъи бозор, сатҳи нарх ба доираи нуфузи корхона дохил намешаванд. То андозаи муайян омилҳои зерин ба корхона вобастагӣ доранд, ба монанди сатҳи нарх ба маҳсулоте, ки ба фурӯш бароварда мешавад, музди кор, дараҷаи хоҷагидории оқилона, роҳбарии босалоҳияти менеҷерҳо, ба рақобат тоб оварда тавонистани маҳсулот, такмили ташкили илмии истеҳсолот ва меҳнат, самарабахшии он, ҳолат ва сермаҳсулии банақшагирии истеҳсолию молиявӣ [1,с.548].

Дуюм, даромад вазифаи ҳавасмандгардониро иҷро менамояд. Мазмунан аз он иборат аст, ки вай дар як вақт ҳам натиҷаи молиявӣ ва ҳам таркиби асосии захираҳои молиявии корхона ба ҳисоб меравад. Таъмини ҳақиқии принсипи маблағгузорӣ аз рӯйи даромади бадастовардашуда муайян карда мешавад. Ҳиссаи даромади умумӣ, ки дар шакли фоида дар ихтиёри корхона мемонад, баъди пардохти андозҳо ва дигар ухдадориҳои қарздиҳӣ, бояд барои маблағгузорӣ, васеъ намудани фаъолияти истеҳсолӣ, рушди илмӣ-техникӣ ва иҷтимоии корхона, ҳавасмандгардонии моддии коркунон кифоя бошад.

Сеюм, даромад яке аз сарчашмаҳои ташаккулёбии зинаҳои гуногуни буҷет ба ҳисоб меравад. Он ба буҷет дар шакли андоз дохил шуда, барои маблағгузорӣ ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони ҷамъиятӣ, таъмин намудани давлат бо маблағҳо барои иҷро намудани вазифаҳояш, барои иҷрои барномаҳои давлатии инвеститсионӣ, истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ равона карда мешавад [4].

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аҳамияти даромад бузург аст. Молистеҳсол-кунандагон барои ба даст овардани даромад ҳавасманданд мебошанд, бинобар ин онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намоянд, молҳоеро истеҳсол намоянд, ки ба истеъмолкунандагон бисёр лозим бошанд ва молҳоро бо харҷи камтар истеҳсол кунанд. Дар шароити рақобат ба ин васила на танҳо корхона ба мақсади худ мерасад, балки дар баробари ин эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ қонеъ гардонида мешаванд.

Барои корхона даромад омили асосӣ мебошад ва он нишон медиҳад, ки дар куҷо ва чӣ тавр имконоти баланд бардоштани андозаи арзиш мавҷуд аст. Зарар дидани корхона низ нақши худро мебозад, камбудиҳо дар маблағгузорӣ, ташкили истеҳсолот ва фурӯхтани маҳсулот ошкор мегарданд. Ноустувории иқтисодӣ, вазъияти инҳисории молистеҳсолкунандагон ташкил ёфтани даромадро ҳамчун даромади холис халалдор мекунад ва ба он оварда мерасонад, ки молистеҳсолкунандагон кӯшиш мекунанд, ки даромадро асосан аз ҳисоби баланд бардоштани нарх ба даст дароранд.

Нишондиҳандаи муҳимтарин фоидаи балансӣ ба ҳисоб меравад.

Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот (кор, хизматҳо) ҳамчун фарқияти байни пули бадастомада аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёр фаҳмида мешавад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ба вуҷуд омадани он ба даромади умумии корхона аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти худ бо нархҳое, ки дар асоси талабот ва пешниҳодот ба вуҷуд омадаанд, вобастагӣ дорад. Даромади умумии корхона - пули бадастомада аз ҳисоби фурӯхтани маҳсулот шакли холиси маҳсулоти корхона ба шумор рафта, маош барои меҳнат ва фоидаро дар бар мегирад. Алоқамандии байни онҳо дар расми 1 нишон дода шудааст.

<table>
<tr><td></td><td colspan="2">Даромади умумӣ</td></tr>
<tr><td>Хароҷотҳои моддӣ</td><td>Музди меҳнат</td><td>Фоида</td></tr>
<tr><td colspan="2">Харҷи истеҳсолот (арзиши аслӣ)</td><td>Даромади холис</td></tr>
<tr><td colspan="3">Ҳамаи моли фурӯхташуда</td></tr>
</table>

Коллективи меҳнатӣ барои баланд бардоштани дараҷаи музди меҳнат, баланд бардоштани даромад ҳавасманд мебошад, зеро он дар шароити рақобат

сарчашмаи асосии васеъ кардани истеҳсолот, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии кормандони корхона ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки қисми асосии даромади умумии корхона ҳаҷми самаранокест, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона ба даст меояд.

Корхона дар шароити бозоргонӣ кӯшиш мекунад, ки дар рафти истеҳсолот ба фоидаи калонтарин ноил нагардад ҳам, вале ба ҳамон дараҷаи ҳаҷми фоида ноил гардад, ки ба корхона имконият диҳад мавқеи худро дар бозори фурӯши молҳояш нигоҳ дорад. Инчунин, рушди мунтазами истеҳсолотро дар шароити рақобат таъмин карда тавонад. Ин маънои онро дорад, ки мутасаддиёни корхона бояд сарчашмаҳои ташаккул ва ба даст овардани даромад ва роҳу усулҳои беҳтарини истифодаи онро ёфта тавонанд.

**Сарчашмаҳои ташаккули фоидаи корхона.** Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ду сарчашмаи асосии ба даст овардани даромад мавҷуд аст:

а) Сарчашмаи якум, аз ҳисоби инҳисорӣ будани фаъолияти корхона оид ба истеҳсоли ин ё он маҳсулот ба вуҷуд меояд. Доимо нигоҳ доштани ин сарчашма дар ҳолати нисбатан баланд, тақозо менамояд, ки маҳсулоти корхона ҳамеша таҷдид гардад, сиёсати иноватсионии корхона бояд ҳамеша барои дар бозор рақобат карда тавонистан равона шуда бошад. Дар ин ҷо қувваи мухолифаткунанда, ба монанди сиёсати ҷиддии инҳисории давлат ва рақобати афзоянда дар корхонаҳои дигарро ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

б) Сарчашмаи дуюм, ба фаъолияти бевоситаи истеҳсолию соҳибкорӣ алоқаманд аст. Дар амал он тамоми корхонаҳоро дар бар мегирад. Самаранокии фаъолияти соҳибкории корхона аз донистани вазъи бозор ва мувофиқ карда тавонистани рушди истеҳсолот вобаста аст. Дар ин ҷо бештар ба гузаронидани тадқиқотҳои бозоршиносӣ бояд аҳамият дод [6].

Андозаи фоида дар ин ҳолат ба инҳо вобаста аст:

-якум, аз интихоби дурусти самти истеҳсол намудани маҳсулот, интихоби маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки ба он эҳтиёҷот зиёд аст;

-дуюм, аз муҳайё намудани шароити хуби фурӯш ва рақобатпазир будани мол ва хизматрасонӣ (нарх, муҳлати баровардани он, хизматрасонӣ ба харидорон, хизматрасонии баъди фурӯш ва ғайраҳо);

-сеюм, аз ҳаҷми истеҳсолот (чи қадаре ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад, ҳамон қадар даромад меафзояд);

-чорум, аз тариқи ҷоннок намудани истеҳсолот бо истифода аз навовариҳо (инноватсияҳо). Истифодаи навоварӣ тақозо менамояд, ки маҳсулоти истеҳсолшаванда мунтазам таҷдид гардад, қобилияти ба рақобат тобоварии он афзуда, баланд бардоштани ҳаҷми фурӯш ва зиёд гардонидани миқдори даромад таъмин карда шавад.

Фоида аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) маънои фоидаи холисро дорад. Қисми боқимондаи фоидаи балансӣ асосан азнавтақсимкунии даромади пештар бадастомадаро ифода мекунад. Натиҷагирии охирини молиявии фаъолияти хоҷагидории корхона фоидаи балансӣ ба шумор меравад.

Фодаи балансӣ ин маблағи даромадҳои (зарарҳои) корхона ҳам аз фурӯши маҳсулот, ҳам аз даромаде (зараре) мебошад, ки ба истеҳсол ва фурӯши он вобастагӣ надорад. Дар зери мафхуми фурӯши маҳсулот на танҳо фурӯши молҳои истеҳсолшуда, ки шакли молу ашё доранд, балки иҷрои кор, хизматрасонӣ низ фаҳмида мешавад. Даромади балансӣ ҳамчун натиҷаи охирини молиявӣ дар асоси баҳисобгирии бухгалтерӣ тамоми амалиётҳои корхона ба моддаҳои балансро дар бар мегирад. Даромади балансӣ ба натиҷаи охирини кори молиявии корхона алоқаманд буда, дар баланси он ифода меёбад, ки он дар ҷамъбасти семоҳаи сол тартиб дода мешавад. Фоидаи балансӣ се ҷузъи калонро дар бар мегирад: даромад аз фурӯши маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ; даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ ва моликияти корхона; натиҷаҳои молиявии амалиётҳои ғайрифурӯш.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ натиҷаҳои молиявӣ аз амалиётҳои ғайрифурӯш барои корхона аҳамияти махсус доранд. Ба таркиби даромади ғайрифурӯш бақияи ҷаримаҳои ситонидашуда ва додашуда, ҷаримаҳои аҳдшиканӣ ва чунин даромадҳо дохил мешаванд:

а) фоидаи солҳои гузашта, ки соли ҷорӣ ошкор карда шудааст;

б) даромад аз баҳодиҳии иловагии молҳо;

в) фоизҳое, ки аз воситаҳои пулии дар суратҳисобҳои корхона мавҷудбуда гирифта мешаванд;

г) даромад аз фарқияти мусбии қурби суратҳисоби асъорӣ ва амалиётҳо бо асъори хориҷӣ.

Ба даромадҳои ғайрифурӯши корхона даромад аз қоғазҳои қиматнок ва даромад аз ба иҷора додани амвол низ дохил мешаванд.

Ҷараёни ташаккули фоидаи корхонаро дар расми 2 мушоҳида намудан мумкин аст.




Фоида аз фурӯши маҳсулот (кор, хизматҳо) натиҷаи молиявиест, ки аз фаъолияти асосии корхона ба даст оварда мешавад ва метавонад дар намудҳои гуногун дар ҳаёт татбиқ гардад. Даромади корхона танҳо аз рӯйи ҳар як намуди фаъолияти корхона, ки ба фурӯши маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ мансуб аст, муайян карда мешавад. Он ба фарқияти байни даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизматҳо) бо нархҳои амалкунанда ва маблағҳои сарфшуда барои истеҳсол ва фурӯш баробар аст.

**Таҳлили даромади корхона.** Таҳлили иқтисодӣ зинаи муҳимтарини кори банақшагирӣ ва пешгӯӣ кардани захираҳои молиявии корхона, самаранок истифода бурдани он мебошад. Натиҷаҳои таҳлил барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи роҳбарияти корхона ҳамчун асос хизмат карда, маълумотнома барои вазифаҳои асосии таҳлили фоида ба шумор меравад:

- барои баҳо додан ба нишондиҳандаҳои балансии фоида;
- омӯхтани таркиби ташкилёбии фоидаи балансӣ;
- ошкор кардан ва ҳисоб кардани таъсири омилҳое, ки ба фоида таъсир мерасонанд;
- ошкор кардани захираҳои афзудани фоида, кор карда баромадани чорабиниҳо оиди истифодаи ин захираҳо.

Бо ин мақсад муайян мекунанд, ки оё маблағи фоида ба нақшаи қабул кардашудаи соли ҷорӣ ба вазифаҳои он мувофиқат мекунад, ё не.

Барои санҷиши асоснокии нақша оид ба фоида бояд дараҷаи банақшагирии дараҷаи даромаднокии маҳсулоти молии баровардашуда ва фурӯхташуда бо даромаднокии ҳақиқии боқимондаи маҳсулоти молии фурӯхташуда дар аввали сол муқоиса карда шавад. Вазифаҳои банақшагирӣ оид ба фоида то андозае бо нишондиҳандаҳои нақшаи баровардан ва фурӯхтани маҳсулот алоқаманд мебошанд, агар тафовут байни ин нишондиҳандаҳо чандон зиёд набошад [7].

Таҳлили ҷараёни инкишофи фоидаи балансӣ, дараҷаи афзоиш, нисбати ҷараёни инкишофи андоза ва афзоиши фоидаи холис аз аҳамият холӣ нест. Натиҷаҳои таҳлил метавонанд пастшавии суръати афзоиши фоидаи холис нисбати балансӣ ва баръаксро нишон диҳанд. Маълумоти фоиданокро аз таҳлили ҷараёни ҳиссаи фоидаи холис ба баланс дарёфт кардан мумкин аст. Агар ҳиссаи фоидаи холис афзояд, ин аз андозаи муносиби андозҳои супоридашаванда, ҳавасмандии корхонаро ба натиҷаҳои кораш ва хоҷагидории самарабахш гувоҳӣ медиҳад.

Фоида аз фурӯши маҳсулот, кор, хизмат дар таркиби фоидаи балансии корхона вазни хос дорад. Андозаи он дар зери таъсири се омили асосӣ ташаккул меёбад: арзиши аслии маҳсулот; ҳаҷми фурӯш ва дараҷаи нархҳои амалкунанда ба маҳсулоти фурӯхташаванда. Муҳимтарини онҳо арзиши аслӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати шумора дар таркиби нарх он бештар вазни хос дорад, бинобар ин паст шудани арзиши аслӣ ба зиёд шудани фоида дар шароитҳои баробари гуногун таъсири зиёд мерасонад. Ҷараёни инкишофи нишондиҳандаи арзиши аслии маҳсулот аз дигар нуқтаи назар ҳам ҷолиби диққат аст. Паст шудани хароҷот дар доираи иқтисоди мамлакат аз дараҷаи хоҷагидорӣ шаҳодат медиҳад ва равандҳои мусбиро дар иқтисодиёт ифода менамояд. Дар ҳолати баҳо додан ба нақши фоидаи балансӣ фоизи иҷрои нақшаи солона ва дуршавӣ аз нақша ва давраи гузаштаро муаяйн мекунанд (дар маблағи мутлақ ва фоизҳо). Баъди баҳои умумӣ, иҷрои нақшаро оид ба фоида (аз рӯйи таркиби онро ташкилкунанда), инчунин таркиби фоидаи балансиро дида мебароянд.

Дар вақти ҷамъбаст кардани ҳуҷҷатҳо оид ба таҳлили фоида зарур аст фоидае, ки дар зери таъсири омилҳои беруна ба даст омадааст ва ба фаъолияти корхона вобастагӣ надорад, муайян карда шавад (тағйир ёфтани нархи яклухт ба маҳсулот, боҷи гарон барои хизматҳо, кам кардани нархи тиҷоратӣ, иҷорагӣ, ставкаи тарифӣ ва музди меҳнат, навъҳои маҳсулоти баровардашуда, бинобар сабаби дур шудан аз нақшаҳои ҷории корхона, ҷорӣ кардани музди ҳавасмандгардонӣ барои баровардани маҳсулот ва молҳои сифатан беҳтар ва ғайра).

Таҳлили фоиданокии супоришоти алоҳида ва истеҳсол аҳамияти зиёд дорад. Дар корхонаи саноатӣ фоида аз рӯйи супоришоти алоҳида муайян карда намешавад, зеро ин ҳисобу китоби дурударозро талаб мекунад. Муайян кардани маблағи фоида аз рӯйи истеҳсоли молҳои алоҳида душвориеро ба вуҷуд намеорад, зеро барои ин арзиши маҳсулот аз рӯйи нархи яклухти нархнома оид ба ин ё он сех бо арзиши аслии пурраи ин маҳсулот муқоиса карда мешавад.

Таҳлили амиқи дараҷаи фоида дар сехҳои алоҳида имкон медиҳад, ки корхона ҳангоми банақшагирии фоида омилҳои ба он таъсиррасонандаро муайян намояд.

**Тақсими фоида дар корхона.** Фоидаи соф вобаста ба шакли моликият чунин тақсимбандӣ карда мешавад:

**Барои корхонаҳои давлатӣ:** Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 1996 таҳти №262 «Дар бораи тасдиқ кардани низомномаи тартиби тақсим ва истифодаи фоидаи корхонаҳои давлатӣ» фоидаи соф ба тариқи зайл тақсим мешавад: барои корхонаҳои соҳаи саноат, сохтмон, савдо, нақлиёт, хизматгузории маишӣ ва ғайра. Фоидаи соф барои ташаккули захираҳо ба тартиби зайл равона мегардад:

1) захираи рушди истеҳсолот-25%;
2) захираи рушди иҷтимоӣ-10%;
3) захираи ҳавасмандгардонии моддӣ-15%;
4) барои захираҳои дигар (сандуқи захира, бима ва ғайра)-20%;
5) маблағ барои сохтмони неругоҳҳои барқии Роғун ва Сангтӯда, барои навсозӣ ва таҷдиди Ширкати саҳомии холдингии «Барқи тоҷик» ва корхонаи арзизи Тоҷикистон-30%.

Барои корхонаҳои саҳомӣ, пеш аз ҳама, аз фоидаи соф ҳаққусаҳм (дивиденд) тарҳ мегардад. Фоидаи боқимонда фоидаи тақсимнашуда номида мешавад ва барои рушди корхонаи саҳомӣ сарф мешавад. Корхонаҳои саҳомӣ ва корхонаҳои шакли дигари моликият бояд кӯшиш намоянд, ки фоидаи софи худро ба ҳамон тарзи барои корхонаҳои давлатӣ муайяншуда тақсим намоянд, яъне барои захираи рушди истеҳсолот, захираи рушди иҷтимоӣ, захираи ҳавасмандгардонии моддӣ ва захираҳои дигар, бима, маблағҳо ва ғайра. Тарҳи истифодабарии фоидаи корхонаҳо дар расми 3 нишон дода шудааст.



## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 15 апрели с. 2009.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳо», Вед. Шӯрои ОлииҶТ №14. - 1993.
3. Зайцев Н.А. Экономика промышленного предприятия: Учеб. пособие / Н.А. Зайцев. -М: ИНФРА-М, 1996. -284 с.
4. Каратуев А.Г. Финансовый менеджмент: Учебно-справочное пособие / А.Г. Каратуев. -М.: ИД ФБК-Пресс, 2001. -496 с.
5. Керимов В.Э. "Директ-кастинг" и ценовая политика / В.Э. Керимов, Н.Н. Комарова, А.А. Елифанов // Аудит и финансовый анализ. - 2001. –С.87-91.
6. Князевская Н.В. Принятие рискованных решений в экономике и бизнесе / Н.В. Князевская, В.С. Князевский. -М.: «Контур», 1998. -160 с.
7. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер; науч. ред. и авт. пос лесл. В.А. Приписнов. -М, 1990. (пер. с англ.)
8. Хунгуреева И.П. Экономика предприятия / И.П. Хунгуреева, Н.Э. Шабыкова, И.Ю. Унгаева. -Улан-Удэ, 2004.
9. Ҳасанов А.Р. Молия ва қарз / А.Р. Ҳасанов, А.Ҳ. Миразизов, Р.Ҳ. Содиқов. - Душанбе: Ирфон, 2010.

## ТАШАККУЛИ НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРИИ КОРХОНА

Омӯзиши молияи корхонаҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, чунки мақсади асосии ҳар як корхона, пеш аз ҳама, ба даст овардани фоида мебошад. Ин мақсад бо таъмини молиявии ҷараёни истеҳсолот, интихоби тарафҳои истифодабарии захираҳои молиявӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ амалӣ мегардад. Муваффақиятҳои корхонаҳои тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, аз захираҳои молиявии онҳо вобастагӣ доранд. Минбаъд баробари инкишоф ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ мафҳуми молия нисбатан васеъ паҳн шуда, ба мафҳуми байналхалқӣ табдил ёфт. Молия ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ дорои моҳият ва мазмуни мустақил ва шакли хосси ифодаи муносибатҳои пулӣ мебошад. Молия ҳамеша шакли ифодаи пулӣ дошта, раванди гардиши пул ва гардиши бойигариҳои маблағгузоришавандаро ифода мекунад. Молияи корхона маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар гардиши маблағҳои пулӣ оид ба ташкил, тақсим ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ҳоли фурӯхтан ва харидани моли тайёр аз ҷониби корхона пул на ба сифати муносибатҳои молиявӣ, балки муносибатҳои пулӣ баромад мекунад. Бояд қайд намуд, ки аз рӯйи хусусияти пайдоиш молия дар асоси муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд меояд, аммо на ҳамаи муносибатҳои пулӣ, муносибатҳои молиявӣ шуда метавонанд.

**Калидвожаҳо:** молияи корхонаҳо, корхонаҳои калон, соҳаи хадамот, рушд, шароити иқтисодию иҷтимоӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, сектори хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, андозбандӣ, суғуртакунӣ, батанзимдарории давлатӣ, захираҳои молиявӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ КОНЕЧНЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЯ

Эффективность функционирования любого предприятия зависит от его способности приносить необходимую прибыль. Оценить эту способность позволяет анализ финансовых результатов, в ходе которого следует получить ответы на следующие вопросы: насколько стабильны полученные доходы и произведенные расходы; какие элементы отчета о прибылях и убытках могут быть использованы для прогнозирования финансовых результатов; насколько производительны осуществляемые затраты; какова эффективность вложения капитала в данное предприятие; насколько эффективно управление предприятием. Анализ доходности предприятия осуществляют в первую очередь на основе информации отчета о прибылях и убытках. Здесь важно отметить, что Положением по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Республике Тджикистана уточнены понятия тех показателей финансовых результатов, которые используются в анализе. Так, Положением вводится понятие бухгалтерской прибыли (убытка), представляющей собой конечный финансовый результат, выявленный за отчетный период на основании бухгалтерского учета всех хозяйственных операций и оценки статей бухгалтерского баланса по правилам, принятым в соответствии с Положением.

**Ключевые слова:** эффективность предприятия, прибыль, убытки, развитие, доходы, произведенные расходы, формы собственности, частный сектор, предпринимательская деятельность, налогообложение, страхование, государственное регулирование.

## FORMATION OF THE FINAL RESULTS OF THE ECONOMIC ACTIVITY OF THE ENTERPRISE

In clauses the questions of maintenance of steady development of business in Republic of Tajikistan are considered. Using a technique for a type «pyramids A. Maslou» the methodical approaches to development of a complex estimation of stability of enterprise structures are proved, the accounts are carried out and the estimation of steady development of business in Republic of Tajikistan is given. The recommendations for creation of the consulting-marketing centers of support of business, and also transition to direct economic communications with of debts, maintenance of its duly repayment, and also of debts are offered. In the whole introduction of results of research promote maintenance of steady development of business in Republic of Tajikistan. The article narrates the role of microfinancing in the development of national economy sectors, the problems that small and medium-sized enterprises are facing. It is noted that microfinancing is an activity aimed at providing services to small and medium-sized enterprises. Nowadays, microfinancing services have been formed simultaneously with the recognition of a private entrepreneurial initiative. The main direction of microfinancing is the issuance of small loans to not strengthened entrepreneurs who do not always have the opportunity to receive them in banks. The sphere of microfinance organizations is extensive and covers all sectors of the national economy. The article narrates the main reasons why commercial banks deprive with loans small enterprises and also analyzes the balance of unrecovered loans by sectors of the national economy.

**Key words:** microfinancing, small and medium-sized enterprises, services role, sector development, microfinance organizations, support of entrepreneurs, small unrecovered loans, sectors of the national economy, insurance.

**Сведения об авторах:**

***Ашуров Камолидин Розикович*** - Таджикский технический университет имени М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент, зав кафедрой экономики и управления на производстве. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 919-16-57-41**

***Абдуллоев Хайрулло Кароматович*** - Таджикский технический университет имени М.С. Осими, старший преподаватель кафедры производственного менеджмента. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **911-10-10-00**

**Information about the authors:**

***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** **-** Tajik Technical University named after MS. Osimi, Ph.D. in Economics, Associate Professor, Head of the Department of Economics and Production Management. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. Phone: **(+992) 919-16-57-41**

При такой трактовке этого вопроса не совсем понятно, каким образом и почему стадия приготовления или покушения, а иногда и стадия выявления намерения рассматриваются как законченное преступление, поскольку предыдущая преступная деятельность, приготовление к преступлению и покушение на преступление в любом случае предшествует совершению законченного преступления и не может рассматриваться как законченное преступление.

Есть суждение О.А. Чувакова о том, что посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля относится к формально-материальным. Признаки формального состава преступления будут иметь место в случае совершения активных действий виновным, направленных на интересы национальной безопасности государства, путем покушения на жизнь потерпевшего. Признаки материального состава преступления будут иметь место, когда потерпевший будет преднамеренно лишен жизни при наличии цели причинения вреда интересам национальной безопасности государства[14]. Позиция О.А. Чувакова, исходя из двойственного характера объекта преступления, на основе непосредственного и дополнительного объекта является правильным.

Посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля следует признавать оконченным преступлением с момента совершения действий, направленных на лишение жизни и объективно создавших непосредственную угрозу наступления смерти потерпевшего. Это свидетельствует о том, что состав ст. 310 УК РТ является формальным, т.е. преступление считается оконченным с момента совершения посягательства независимо от ее последствия.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Звонарев О.Ю. уголовная ответственность за посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля. - Донецк, 2005. - С. 86; Такую позицию предлагал А.А. Герцензон См.: Герцензон А.А. Понятие преступление. М., 1965. С. 54.
2. Побегайло Э.Ф. Умышленные убийства и борьба с ними. - Воронеж, 1965. - С. 78; Бородин С.В. Квалификация убийств по советскому уголовному праву. - М., 1963. - С. 51.
3. Гришаев П.Ф., Журавлев М.П. Преступления против порядка управления. - М., 1963. - С. 30; Елизаров П.С. Преступления против порядка управления. -Киев, 1964. -С.29; Дементьев С. Об ответственности за посягательство на жизнь, здоровье и достоинство работников милиции и народных дружинников // - Социалистическая законность. 1963. - №4. -С.43.
4. Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР. 1924–1986. - М., 1987. - С. 686.
5. Эмомали Рахмон // https://ru.wikipedia.org/wiki/Рахмон, Эмомали дата обращения: 10.01.2019; Андрей Волос. История одного покушения. - Индекс/Досье на цензуру, 01.11.1997. - №2; Виктория Гранкина, Игорь Ротарь. Покушение на Эмомали Рахмонова. - Независимая газета, 05.05.1997. - №80 (1405)
6. В Душанбе произошло покушение на мэра города // http://www.ng.ru/news/8987.html дата обращения, 14.01.2019
7. Эмомали Рахмон // https://ru.wikipedia.org/wiki/Рахмон,_Эмомали дата обращения: 10.01.2019

8. Кизилов А.Ю. Уголовно-правовая охрана управленческой деятельности представителей власти. Отв. ред. А.И. Чучаев. - Ульяновск, 2002. - С. 74. - 158 с.;
9. Аслонов Кадриддин Аслонович // https://personsinfo.com/persons/ASLONOV Kadriddin Aslonovich
10. Агузаров Т.К. Посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля: спорные вопросы толкования признаков состава // Lex Russica (Русский Закон), 2012. - № 6.- С. 1353
11. Сотула О.С. Кримінальна відповідальність за посягання на життя державного чи громадського діяча. (Уголовная ответственность за посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля) Дисс. канд. юрид. наук. - Харьков, 2003. - С. 71-72
12. Хлебушкин А.Г. Уголовно-правовая политика Российской Федерации в сфере охраны основ конституционного строя. Дисс. док. юрид. наук. - СПб., 2016. - С. 131.
13. Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права. -М.: Наука, 1970. – Т. II. – С. 414–416.
14. Чуваков О. А. Посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля в системе преступлений против основ национальной безопасности Украины. - Правовая держава. 2009. - № 11. - С. 147–152.

## КАТЕГОРИЯИ «ТАҶОВУЗ» ДАР ТАРКИБИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ТАҶОВУЗ БА ҲАЁТИ АРБОБИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи таҳлили категорияи «таҷовуз» дар таркиби тарафи объективии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 310 КҶ ҶТ аз нуқтаи назари тарафи объективӣ миқдори муайяни кирдорро муқаррар намудааст, дар таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Тоҷикистон ифода мегардад. Истилоҳи «таҷовуз» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истилоҳи «одамкушӣ», «сӯиқасд ба одамкушӣ», ҳамчунин «расонидани зарар ба саломатӣ» ифода меёбад. Омӯзиши таҷрибаи судӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳлили тарафи объективии ҷинояти мазкур 80% дар куштори арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Тоҷикистон ифода гардида, танҳо 20% он дар расонидани зарари дараҷаи миёна ва вазнин ба саломатии ин гурӯҳи шахсон содир шудааст, ки ҳаёти онҳоро таҳдид намекунад. Тарзи содиркунии ҷиноят барои бандубасти он аҳамият надорад ва он метавонад бо роҳҳои гуногун сурат гирад, ба монандӣ одамкушӣ ва расонидани зарар ба саломатӣ ба воситаи яроқи оташфишон, яроқи сард, моддаҳои тарканда, воситаҳои химиявӣ ва радиоактивӣ, инчунин аз таъсири тибб.

**Калидвожаҳо*:*** тарафи объективб, таҷовуз, куштор, тарз, таҷрибаи судӣ, таҳдид.

## КАТЕГОРИЯ «ПОСЯГАТЕЛЬСТВО» В СОСТАВЕ ОБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ПОСЯГАТЕЛЬСТВА НА ЖИЗНЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИЛИ ОБЩЕСТВЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются проблемы анализа категории «посягательство» в составе объективной стороны посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля Республики Таджикистан. Статья 310 УК РТ предусматривает с объективной стороны исчерпывающий перечень деяний, совершение которых, при наличии других предусмотренных законом признаков, позволяет констатировать состав посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля. Термин «посягательство на жизнь» в уголовном праве приравнивается к понятиям «убийство», «покушение на убийство», а также «причинение вреда здоровью». Изученная судебная практика показала, что объективная сторона анализируемого преступления в 80% случаев выражается в причинении смерти государственного и общественного деятеля, в остальных случаях 20% посягательство приводит к иным последствиям, в том числе к тяжкому вреду здоровью, средней тяжести вреда здоровья, или не влечет последствий для здоровья потерпевшего, но присутствует угроза жизни потерпевшим. Способ посягательства для квалификации не имеет значения, и она может быть совершено различными способами - причинение смерти или покушение на него с помощью огнестрельного или холодного оружия, взрывных устройств, химических или радиоактивных средств, а также медицинского вмешательства.

**Ключевые слова:** объективная сторона; посягательства; убийство; способ; судебная практика; угроза;

## CATEGORY "OFFENSION" IN THE COMPOSITION OF AN OBJECTIVE PART ATTACHMENT TO THE LIFE OF THE STATE OR PUBLIC FIGUREUR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with the problems of analyzing the category of "encroachment" as part of the objective side of encroachment on the life of a state or public figure of the Republic of Tajikistan. Article 310 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan provides, on an objective basis, an exhaustive list of acts, the commission of which, if there are other signs stipulated by law, allows to ascertain the composition of the encroachment on the life of a state or public figure. The term "encroachment on life" in criminal law is equivalent to the concepts of "murder", "attempted murder", and also "injury to health". The studied judicial practice has shown that the objective side of the analyzed crime in 80% of cases is expressed in causing the death of the state and public figure, in the remaining cases 20% of the encroachment leads to other consequences, including serious harm to health, moderate health damage, or does not health effects of the victim, but there is a threat to the life of the victim. The method of encroachment for qualification does not matter, and it can be committed in various ways - causing death or attempted assassination with firearms or cold arms, explosive devices, chemical or radioactive agents, as well as medical intervention.

**Key words*:*** objective side, encroachment, murder, way, arbitrage practice, threat.

**Сведения об авторе:** ***Кудратов Н.А.*** - Таджикский государственный университет коммерции, заведующий кафедрой коммерческого права. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2. Телефон: **(+992) 935-96-00-01**. E-mail: **nek-kudratov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kudratov N.A.*** **-** Tajik State University of Commerce, Head of Commercial Law Department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti Street 1/2. Phone: **(+992) 935-96-00-01**

УДК: 342:37(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мирзозода Фархунда*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ муносибатҳои соҳаи таҳсилот дар партави сиёсати давлат дар соҳаи илм ва маориф, қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати Тоҷикистон инкишоф ва такмил ёфтанд. Ин муносибатҳо бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим карда мешаванд. Айни замон зарурати таҳлили назариявии танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ дар заминаи назарияи умумии ҳуқуқ, аз ҷумла назарияи танзими ҳуқуқӣ бештар эҳсос мегардад.

Дар баромадҳо, паёмҳо, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф, такмили раванди таҳсилот, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои гуманитарӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Идораи давлатии соҳаи маориф сол то сол такмил меёбад, сиёсати молиявӣ, буҷавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои соҳаи маориф амалӣ карда мешавад. Давлат бо мақсади сохтмони муассисаҳои нави таҳсилотӣ, таъминоти молиявӣ ва моддии онҳо, таълиму тарбияи кадрҳои ин соҳа тадбирҳои муассир ва мушахас меандешад.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ қонунгузории соҳаи маориф такмил ва инкишоф меёбад. Он хусусияти комплексӣ дошта, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳои мутааллиқ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро дар бар мегирад. Ҳамзамон, кодификатсияи қонунгузории соҳаи маориф амалӣ карда мешавад. Таҳқиқи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ин соҳа омӯзиши ҳаматарафаи қонунгузории мазкурро талаб мекунад.

Ташаккули механизми танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф асосан вобастагӣ дорад аз дарки муносибатҳои онҳо бо дигар муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада дар ин соҳа, ки таъсири муайян ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маорифро доранд. Вазъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, бо тадбирҳои маҷмӯи давлатӣ, мақомотҳои давлатӣ ва дигар субъектҳои сиёсӣ, соҳаи маориф, ҳамчун институти иҷтимоӣ татбиқ мегардад.

Мақсади маориф ва мактабҳои муосири тоҷик, тарбияи шахсияти озод, эҷодкор, худташаккулёбанда мебошад, ки пешравии ҷамъият ва комёбиҳои шаҳрвандони давлатро таҷассум менамояд. Танзими ҳуқуқии муносибатҳоро дар соҳаи маориф қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад, ки он сарчашмаи асосии худро аз Сарқонуни кишвар мегирад. Ҳуқуқ ба таҳсил яке ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва асосии конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Тибқи муқаррароти моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҳар як шахс ҳуқуқи таҳсилро дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Шахс дар доираи муқарраршудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.Шаклҳои таълимро қонун муайян мекунад" [1].

Дар ин ҷо, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳавола мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф зинаҳои зерини таҳсилро муайян кардааст: марҳилаҳои таълиму тарбия, давраҳои таҳсилоти умумӣ, (ибтидоӣ), умумии

асосӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар бар мегирад.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки худи муассисаи таълимӣ чист?

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», муассисаи таълимӣ - ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста ба шакли ташкили ҳуқуқӣ, ки раванди муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё яканд барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонад:

-муассисаи таълимии махсус - ташкилоте, ки дорои шароити муайяни таълиму тарбия ва муҳити махсуси педагогӣ буда, офияти тиббию иҷтимоӣ, таҳсилу касбомӯзии кӯдаконро, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин менамояд;

- муассисаи томактабӣ – ташкилоте мебошад, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро ба таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад [2].

Инчунин, муассисаҳои таълимии навъи мактаб-интернат вуҷуд доранд, ки дар асоси Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Фаъолияти мактаб-интернат дар асоси принсипҳои демократӣ, инсондӯстӣ, афзалият доштани арзишҳои инсонӣ ба роҳ монда мешавад [3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромади хеш дар «Рӯзи дониш» қайд карданд, ки «Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шохмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди онҳоро ба роҳ монем. Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии хусусияти байналмилалӣ дошта дар танзими муносибатҳо дар соҳаи маориф дар Декларатсияи умумии ҳуқуқи башар, ки дар сессияи сеюми Ассамблеяи Генералии СММ резолютсияи 217А (111) аз 1-декабри соли 1948, ки дар моддаи 26 мустаҳкам шудааст, ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил кафолат медиҳад: «Таҳсилот бояд ба инкишофи шахсият ва баланд бардоштани нуфузи ҳуқуқу озодиҳои инсон равона шуда бошад» [4].

Дар Пакт оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи шахс ба таълимро дар баробари ҳуқуқ ба кор ва истироҳат мемонанд. Ин зумра ҳуқуқҳо ба ҳуқуқҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ шомил мешаванд [5].

Мувофиқи ақидаи Чугунова Е.С. таълим бояд ройгон бошад. Инчунин, ӯ тарафдорӣ он аст, ки маълумоти олӣ барои ҳамаи одамон новобаста аз сатҳи иҷтимоияшон бояд дастрас бошад, агар шахс дониш ва малакаи хуб дошта бошад [6].

Ба ақидаи С.Т. Зелгин, “муносибатҳо дар соҳаи маориф байни иштирокчиёни он, бояд озодона ба роҳ монда шаванд. Ин дар он таҷассум мегардад, ки субъекти муносибат - озодона аз рӯйи хости худ рафтор мекунад.

Тарафҳо ҳуқуқу ухдадориҳои худро озодона ва баробар ба роҳ мемонанд”, ки ин ақида боиси дастгирист.[7] Ба ғайр аз Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие мавҷуданд, ки муносибатҳоро дар соҳаи маориф ба танзим медароранд. Ба монанди:

- Стандартҳо:
  - Стандарти фанни биология;
  - Стандарти фанни химия;
  - Стандарти фанни забони тоҷикӣ;
  - Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ ва роҳнамои омӯзгор.
- Низомномаҳо:

•Рӯйхати асарҳои бадеӣ барои хониши берун аз синфии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки бояд аз ҷониби Вазорати маориф ва илм чоп шаванд.

•Дастури тавсияӣ оид ба аз аввали моҳи март пӯшидани либоси миллӣ.

Хулоса, танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф хеле мураккаб буда, ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Иштирокчиёни ин гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои гуногун доранд, ки фаъолияти худро дар асоси Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри-ҳуқуқие, ки қонун муайян кардааст, амалӣ мегардонанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ ва Вазорати маориф ва илм бевосита саъю кӯшиш мекунанд, то дар ин соҳаи ҳаётан муҳим санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, қонунҳое, ки дорои принсипҳои инсондӯстӣ ва демократизм мебошанд, қабул намоянд. Дар навбати худ, муассисаҳои таълимӣ уҳдадоранд фаъолияти худро дар асоси қонун ба роҳ монанд ва саъю кӯшиш намоянд, то насли наврас ва ҷавонони кишварро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намоянд.

Президенти кишвар ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Имрӯзҳо муассисаҳои гуногуни аҳамияти байналмилалӣ дошта дар ҷумҳурӣ фаъолияти худро оғоз намудаанд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати кишвар дар ин ҷода тадбирҳои судманд мекушанд. Ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки муносибатҳои байналмилалӣ дар қонунгузории Тоҷикистон танзим гарданд.

Давлати Тоҷикистон ба ҳама шаҳрвандон новобаста аз ҷинс, миллат, забон эътиқоди динӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои баробарро кафолат медиҳад. Аммо ҳуқуқ ба таҳсил метавонад танҳо дар ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст маҳдуд гардад.

Давлати Тоҷикистон шахсони болаёқатро дастгирӣ намуда, барои онҳо стипендияҳо муқаррар намудааст. Ба ятимону бепарасторон таълими ройгонро аз ҳисоби буҷети давлат кафолат медиҳад ва баъди хатм бо ҷойи кор онҳоро таъмин менамояд. Агар шахс бо сабаби бемории тӯлонӣ натавонад ба муассисаи таълимӣ равад, давлат дар худи муассисаи тандурустӣ, ё ин ки хона ӯро бо таҳсил фаро мегирад. Маориф дар ҷомеаи муосир, самти асосии ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Пешрафти маориф ба ҷаҳонишавии ҳаёти ҷамъиятӣ вобастагии зич дорад. Айни ҳол вақти таъсири глобализм (ҷаҳонишавӣ) ба фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, ба системаҳои ҳуқуқи давлатҳои гуногун қобили қабуланд.

## АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. -64 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. - 16.04.2017.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 –уми августи соли 2017.
4. Декларатсия умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948.
5. Пакт оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 3.01.1976.
6. Чугунова Е.С. Особенности конституционно-правового регулирования на высшее образования / Е.С. Чугунова. - Москва, 2010. -360 с.
7. Зельгин С.Т. Образование как объект регулирования / С.Т Зельгин. –Москва, 2012. -280с.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ муносибатҳои соҳаи таҳсилот дар партави сиёсати давлат дар соҳаи илм ва маориф, қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати Тоҷикистон инкишоф ва такмил ёфтанд. Ин муносибатҳо бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим карда мешаванд. Айни замон зарурати таҳлили назариявии танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ дар заминаи назарияи умумии ҳуқуқ, аз ҷумла назарияи танзими ҳуқуқӣ бештар эҳсос мегардад. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ қонунгузории соҳаи маориф такмил ва инкишоф меёбад. Он хусусияти комплексӣ дошта, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳои мутааллиқ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро дар бар мегирад. Ҳамзамон, кодификатсияи қонунгузории соҳаи маориф амалӣ карда мешавад. Таҳқиқи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ин соҳа омӯзиши ҳаматарафаи қонунгузории мазкурро талаб

мекунад. Ташаккули механизми танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф асосан вобастагӣ дорад аз дарки муносибатҳои онҳо бо дигар муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада дар ин соҳа, ки таъсири муайян ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маорифро доранд. Вазъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, бо тадбирҳои маҷмӯи давлатӣ, мақомотҳои давлатӣ ва дигар субъектҳои сиёсӣ, соҳаи маориф, ҳамчун институти иҷтимоӣ татбиқ мегардад.

**Калидвожаҳо:** танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи маориф, мақсади маориф ва мактабҳои муосири тоҷик, тарбияи шахсияти озод, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои таълим.

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В годы государственной независимости отношения в системе образования Республики Таджикистан в свете государственной политики в сфере науки и образования, принятия новых нормативно-правовых актов, стратегий, государственных концепций и программ, целей и задач государства получили развитие и усовершенствоваются. Эти отношения регулируются нормами различных отраслей права. Сегдня назрела необходимость теоретического анализа правового регулирования образовательных отношений на основе общей теории права, а именно на основе теории правового регулирования. За годы независимости законодательство сферы образования развивается и усовершенствуется. Имея комплексный характер, оно состоит из большого количества нормативно-правовых актов и охватывает нормы различных сфер права. Одновременно также осуществляется кодификация законодательства в сфере образования. Исследование правового регулирования отношений данной сферы требует всестороннего закондательного изучения. Формирование механизма правового регулирования в сфере образования в основном зависит от понимания их отношений с другими формирующимися правовыми отношениями в данной сфере, которые имеют определенное влияние на правовое регулирование отношений в сфере образования. Состояние государственной политики в сфере образования определяется комплексными мерами государственных органов и других политических субъектов, сферы образования как социального института.

**Ключевые слова:** правовое регулирование отношений в сфере образования, цели образования и современные таджикские школы, воспитание свободной личности, действующеее законодательство Республики Таджикистан, формы обучения.

## SOME PROBLEMS OF LEGAL REGULATION OF RELATIONS IN THE SPHERE OF EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

During the years of state independence, relations in the education system of the Republic of Tajikistan in the light of state policy in the field of science and education, the adoption of new legal acts, strategies, state concepts and programs, goals and objectives of the state have been developed and improved. These relations are governed by the norms of various branches of law. Today there is a need for a theoretical analysis of the legal regulation of educational relations on the basis of the general theory of law, namely, on the basis of the theory of legal regulation. Over the years of independence, legislation in the field of education has been developing and improving. Having a complex character, it consists of a large number of legal acts and covers the norms of various areas of law. At the same time, the codification of legislation in the field of education is also being implemented. The study of the legal regulation of relations in this sphere requires a comprehensive, legislative study. The formation of the mechanism of legal regulation in the field of education mainly depends on an understanding of their relations with other emerging legal relations in this sphere, which have a certain influence on the legal regulation of relations in the field of education. The state of state policy in the field of education is determined by comprehensive measures of state bodies and other political subjects, the sphere of education as a social institution.

**Key words:** legal regulation of relations in the field of education, educational goals and modern Tajik schools, education of a free person, current legislation of the Republic of Tajikistan, forms of education.

**Сведения об авторе:** ***Мирзозода Фархунда*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и истории государства и права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.Телефон: **918-32-00-01**

**Information about the author:** ***Mirzozoda Farhund*** **-** Tajik National University, graduate student of the Theory and History of State and Law Faculty of Law Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: **918-32-00-01**

УДК 347.6(575.3)

# МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ ДАР ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН

*Ҳоҷиев М.С.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар аҳди Сосониён сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ Авесто ва Қонуннома ба ҳисоб мерафтанд. Қонуннома хусусияти умумӣ дошта, барои тамоми ҷамоаҳо пешбинӣ шуда буд. Нафаре, ки мазҳаби ғайризардуштиро қабул менамуд, ҳуқуқи ҷамоаи зардуштиро аз даст медод ва мувофиқи Қонуннома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба ин ҷамоаи нав мувофиқро ба даст меовард. Қайд намудан зарур аст, ки дар соҳаи ҳуқуқи давлатӣ ва маъмурӣ ҳолати ҳуқуқии пайравони зардуштия аз пайравони динҳои дигар фарқ дошт, лекин дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ фарқияти ҷиддӣ ҷой надошт [2,с.84]. Дар асоси ҳолатҳои мухталиф вазъи ҳуқуқии шахс дигаргун мешуд, ки аз вазъи оилавӣ ва мазҳабӣ вобаста буд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки амали ҳуқуқии шахс аз нишондиҳандаҳо ва омилҳои мухталиф вобаста буда, ба таври доимӣ маҳдуд ё баръакс васеъ мегардид.

Қайд намудан зарур аст, ки дар доираи Қонуннома амали ҳуқуқии шахс маҳдуд ё ба пуррагӣ бекор карда мешуд, ки чунин ҳолат ба ҷинояткорӣ ё қарздор гардидани шахс вобаста буд. Ғайриқобили амал донистани шахс ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои нисбатан вазнин бо қарори додгоҳ ба роҳ монда шуда буд [7,с.7].

Таҳлили меъёрҳо ва бандҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки баъзе аз фаслҳои Қонуннома то замони мо нарасидаанд ё нопурра мебошанд. Қайд намудан зарур аст, ки аз Қонуннома дар маҷмӯъ 866 банд ба мо омада расидааст, ки онҳо низ пурра ва комил нестанд [6,с.9]. Лекин ба чунин номукаммалӣ нигоҳ накарда, метавон вазъи ҳуқуқии давраи Сосониёнро тасаввур намуд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки яке аз заминаҳои ҳуқуқии асосӣ, ки масъалаҳои мухталифи ҳуқуқиро танзим менамуд, Қонуннома ба ҳисоб мерафт. Дар Қонуннома меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ваколатдоркунанда, ҳуқуқи уҳдадоркунанда, ҳуқуқи манъкунанда батафсил нишон дода шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонуннома батафсил нишон дода шуддаанд. Ба ин масъала фаслҳои алоҳида бахшида шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт акди никоҳ, барпо намудани оила ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки пас аз издивоҷ намудан занон дар тасарруфоти молу мулки худ озод буданд, онро бидуни назорат ё сарпарастии шавҳар, метавонистанд дар ҳар гуна муомилоте, ки қонунӣ буд, истифода намоянд [6,с.89].

Дар ҳолате ки раёсати хонавода ба уҳдаи писар вогузор мешуд, кадбонуи хона наметавонист дар масъалаи молу мулки хонавода дахолат намояд, ё онро идора кунад. Писарони бабалоғатрасида метавонистанд нисбат ба молу амволи хонаи худ аз сарвар ё кадбонуи хонавода шикоят кунанд.

Мард метавонист, ки танҳо ҳангоми бабалоғатрасидан оила бунёд намояд, маҳз дар ин синну сол ӯ шахси дорои ҳуқуқ мегардид. Барои зан ҳамчун шахси тобеъ чунин маҳдудиятҳо ҷой надоштанд. Мансубият ба қишри ягона нишондиҳандаи ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Инчунин, ризоияти духтар барои бунёди оила талаб карда мешуд. Ба он нигоҳ накарда, ки падар метавонист духтари худро ба парастории шахси дигар диҳад, ҳуқуқи зӯран ба шавҳар додани ӯро надошт [7,с.86].

Агар хоҳар ё духтар бидуни ризоияти парастор акди никоҳ менамуд, пас он беэътибор дониста мешуд. Агар илова бар хоҳиши парастор, хоҳар ё духтари ӯро аз роҳ бароварда, бо худ баранд, зарур аст, ки ба ӯ тафтишоти судӣ пешниҳод

карда шавад. Лекин таҳлили Қонуннома нишон медиҳад, ки меъёрҳои муроифаи судӣ пешниҳод нагардидаанд [8,с.139].

Ба он нигоҳ накарда, ки дар Эрон ақди никоҳи комилҳуқуқ васеъ паҳн гардида буд, мавҷудияти мардоне, ки дар як ҳолат ду ва ё зиёда ҳамсар доштанд, падидаи муқаррарӣ ба ҳисоб мерафт. Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуннома низ дар як ҳолат дорои якчанд ҳамсар будани мард нишон дода шудааст [7,с.86].

Қайд намудан зарур аст, ки пас аз издивоҷ зан ҳуқуқ дошт, ки танҳо молу мулки худро, ки падараш ба ӯ ҳамчун ҳадя додааст, тасарруф намояд. Шавҳар метавонист, ки ба ҳамсари худ ҳаққи тасарруфи молу амволи хонаро диҳад, ё ӯро аз ин ҳуқуқ маҳрум намояд. Лекин шавҳар наметавонист ба молу мулки ҳамсари худ тасарруф намояд. Агар, дар ҳолате ки дар ақди никоҳ ҳаққи тасарруфи амволи ҳамсар аз тарафи шавҳар муқаррар нашуда бошад, касе ба зан чизе ҳадя намояд, шавҳар ба он чиз низ ҳаққи тасарруф нахоҳад дошт. Лекин, агар дар издивоҷ чунин шарте бошад, пас ҳар моле, ки баъдан ба тасарруфи зан медарояд, шавҳар дар он ҳаққи тасарруф дорад [6,с.130].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳуқуқи оилавӣ уҳдадориҳои мард дар назди ҳамсар ба ҳисоб меравад, ки дар Қонуннома чунин нишон дода шудааст:

- таъмини иззату эҳтиром ва мавқеи вакилаи хонавода ва мутобиқан эътирофи тамоми ҳуқуқҳои махсуси ҳамсар, ки бо ин алоқаманд аст;
- нигоҳубин кардани ҳамсар бо таъмини хӯрока ва либос дар давоми тамоми умр, ҳатто агар дар ҳолате, ки ҳамсар дорои даромади шахсӣ бошад ҳам, нигоҳубини ӯ аз ҳисоби шавҳар ба роҳ монда мешуд;
- эътирофи фарзандон ва меросхӯрони дар оила таваллудшуда. Ин уҳдадорӣ ба он кӯдаконе, ки дар оилаи муваққати пешинаи ҳамсар таваллуд шудаанд, паҳн мегардид [7,с.86].

Ба ҳуқуқи мард - ҳуқуқи фурӯхтани ҳамсар ва фарзандон дохил карда мешуд. Мувофиқи моддаҳои Қонуннома, амали ин ҳуқуқ бо шарти махсус маҳдуд гардонида шуда буд. Танҳо дар ҳолати вазъияти душвор, мавҷуд набудани воситаҳо барои мавҷудият шавҳар метавонист аз ин ҳуқуқи худ истифода намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амалия ин ҳуқуқ хеле кам мавриди истифода қарор дода мешуд [7,с.86].

Қайд намудан зарур аст, ки дар оила мавқеи шавҳар баланд буда, ҳамсар наметавонист, ки дар алоҳидагӣ як қатор амалҳоро ба ҷойи шавҳар иҷро намояд. Масалан, дар масъалаи дар додгоҳ вакил доштан, қайд карда мешавад, ки зану шавҳар метавонанд, ки дар додгоҳ вакили ягона дошта бошанд. Лекин зан ба симати раёсати хонаводаро доро будан нигоҳ накарда, наметавонад ба ҷойи шавҳар мустақилона вакилро интихоб намояд, зеро кадбонуи хона ҳуқуқ надорад, ки дар танҳоӣ соҳиби ихтиёри мутлақ ва масъули корҳои хонавода бошад [6,с.80]. Қайд намудан зарур аст, ки чунин маҳдуднамоиҳои ҳуқуқи кадбону дар Қонуннома зиёд ба назар мерасад.

Дар ҳолате ки яке аз аъзоёни хонавода аз тарзи идора намудани хонавода аз тарафи сарвари хонавода шикоят кунад, вакили сардори хонавода дар додгоҳ намояндаи хонавода буда наметавонад. Ҳамсар метавонад, ки аз тарзи идораи сардори хонаводаи худ ба додгоҳ шикоят намуда, ӯро озод намояд ва ба ҷойи ӯ дигар нафарро таъйин намояд [6,с.98]. Дар чунин ҳолат, ба ақидаи мо, сардори хонавода фарзанди бузурги хонавода таъйин карда мешуд.

Дар оила, падар метавонист, сарвари амволи худро ба ҳамсар ё ба яке аз фарзандони худ бидиҳад. Пас аз марги сарвари оила, сарварии хонавода ба яке аз шахсони зерин дода мешуд: писари бузург; писархонд; ҳамсар; бародаре, ки дар молу мулк бо ӯ шарик аст. Дар ҳолате ки сардори хонавода баъд аз маргаш сарварии хонаводаро бо доштани ҳамсар ба нафари дигар васият дода бошад, пас ҳамсари ӯ наметавонист бе ризоияти сардор духтарони худро ба шавҳар диҳад.

Қайд карда мешавад, ки авлоди шавҳари аввали зан наметавонистанд бар хонаводаи шавҳари дуюми ӯ сардорӣ намоянд. Сардории молу мулки зан, ки бидуни васият фавтидааст, ба фарзанди ӯ мегузашт, на ба шавҳараш.

Дар тақисми молу мулки шавҳар баъд аз марг ду саҳм ба ҳамсар, ду саҳм ба писар ва як саҳм ба духтар дода мешуд. Дар ҳолате ки ҳамаи фарзандон писар ё духтар бошанд, пас тақсимот баробар буд. Агар марде бо зане, ки фарзанд дорад, издивоҷ менамуд ва аз ин зан соҳиби авлод мегардид, пас аз марги ин мард, нофарзандони ӯ аз молу мулку ӯ баҳра намегирифтанд. Фарзандони ӯ бошанд, мувофиқи қонун писарон ду саҳми, духтарон як саҳмӣ баҳра мегирифтанд [6,с.128].

Дар ҳуқуқи оилавӣ, яке аз масъалаҳои муҳим талоқ ё ҷудошавии зану шавҳар ба ҳисоб меравад. Дар Қонуннома қайд карда шудааст, ки додгоҳ тақозои ҷудошавиро ҳам аз тарафи мард ва ҳам аз тарафи зан қабул менамояд, лекин додгоҳ наметавонад бе розигии мард ба зан ва бе розигии зан ба мард ҳукми ҷудоӣ диҳад. Илова бар ин, дар ҳолати розигии тарафайн, додгоҳ метавонист дар асоси нокифоя будани далелҳо ба ҷудо гардидани зану шавҳар ҳукм надиҳад.

Марде, ки аз зани худ бо сабаби бефарзандӣ ҷудо мешуд, ҳар гоҳ, ки дар замони дар ҳаёт будани ин мард, зан шавҳари дигар мекард ва соҳиби фарзанд мешуд, фарзанди аввал – фарзандхони шавҳари аввал ба ҳисоб мерафт. Лекин, дар ҳолате ки зани бефарзанд бо майли худ ҷудо шуда бошад, маротибаи дуюм издивоҷ намояд ва шавҳари дуюмин то фарзандор шудан фавт намояд, зан муваззаф нест, ки фарзанди шавҳари сеюми худро ба шавҳари дуюмин номзад кунад [6,с.89].

Масъалаи муҳим дар ҷудошавии зану шавҳар, масъалаи молумулкӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳолати ҷудо гардидани зану шавҳар мард наметавонист бе ризоияти зан молу мулки шарикиро ба дигар кас ҳадя ё интиқол намояд. Қайд карда мешавад, боқӣ мондани ширкати онҳо дар молу мулки муштарак, танҳо дар ҳолати ҷой доштани қарордод дар миёни онҳо дар додгоҳ пазируфта мешавад.

Дар ҳолате ки пас аз фавти мард, зан фарзанд надошта бошад, нисбати ин зан ақди ситарзанӣ ҷорӣ намегардад, балки пас аз издивоҷ дигар, як ё ду фарзандони шавҳари дуюм ба номи шавҳари аввал гузаронида мешуданад. Мақсад аз ин амал дар он буд, ки моликияти аз шавҳари якум бадастоварда шуда ба ин фарзандон бахшида шавад.

Қайд карда мешавад, ки молу ашёҳоеро, ки шавҳар дар муддати ҳаёти якҷоя ба ҳамсари худ ҳадя намудааст, дар ҳолате ки ҷудо гардидан ба ризоияти зан амалӣ шуда бошад, зан ҳуқуқи тасарруфи ин молу ашёҳоро надоршт. Ин молу ашёҳо ба шавҳар баргардонида мешуданд [6,с.89].

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуннома меъёрҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ - издивоҷ намудан, муносибатҳои молумулкии оилавӣ, фарзандхонӣ, ҷудо шудан ё талоқ муқаррар гардидаанд. Қайд намудан зарур аст, тамоми муқаррароти ин қонун мувофиқи шароити мавҷудаи иҷтимоӣ-иқтисодии давлати Сосониён бо истифода аз сарчашмаҳои мухталиф тартиб дода шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Бойс М. Зороастрийцы: Верования и обычаи / М. Бойс. – М., 1988. -288 с.
2. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал / И.Б. Буриев; Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров. -Душанбе, 2013. -255 с.
3. Дорошенко Е.А. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк) / Е.А. Дорошенко. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – 133 с.
4. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.М. Дьяконов; Под редакцией М.М.Дьяконова, А.Г. Периханяна. -М., 1961. -444 с.
5. Колесников А.И. Иран в начале VII века (источники, внутренняя и внешняя политика, вопросы административного деления) / А.И. Колесников. –Ленинград, 1970. -145 с.
6. Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Мотиконе ҳазор дотестон-ҳазор амсоли додгоҳӣ (Ҳуқуқи бостон) / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. -156 с.
7. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды / А.Г. Периханян. –М.: Наука, 1983. -383 с.

8. Периханян А.Г. Сасанидский Судебник. Книга тысячи судебных решений/А.Г. Периханян. -Ереван, 1973.-573 с.
9. Пигулевская Н.В. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века / Н.В.Пигулевская. –Ленинград, 1958. -391 с.
10. Шозимов П.Ф. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане / П.Ф. Шозимов. – Душанбе: Ирфон, 2003. -209с

## МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ ДАР ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН

Дар мақолаи мазкур меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонунномаи Сосониён мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Яке аз заминаҳои ҳуқуқии асосӣ, ки дар давраи Сосониён масъалаҳои мухталифи ҳуқуқиро танзим менамуд, Қонуннома ба ҳисоб мерафт. Дар Қонуннома меъёрҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ваколатдоркунанда, ҳуқуқи уҳдадоркунанда, ҳуқуқи манъкунанда батафсил нишон дода шудаанд. Таҳлили меъёрҳо ва бандҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки баъзе аз фаслҳои Қонуннома то замони мо нарасидаанд, ё нопурра мебошанд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, метавон дар асоси ин қонуннома вазъияти умумии ҳуқуқии ин давраро муайян намоем. Дар доираи Қонуннома амали ҳуқуқии шахс маҳдуд ё ба пуррагӣ бекор карда мешуд, ки чунин ҳолат ба ҷинояткорӣ ё қарздор гардидани шахс вобаста буд. Танҳо ҳангоми ба балоғат расидан мард метавонад оила бунёд намояд, маҳз дар ин синн соли ӯ шахси қобили ҳуқуқ мегардид. Барои зан ҳамчун шахси тобеъ чунин маҳдудиятҳо ҷой надоштанд. Дар издивоҷ мансубият ба қишри ягона нишондиҳандаи ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Инчунин, ризоияти духтар барои бунёди оила талаб карда мешуд. Ба он нигоҳ накарда, ки падар метавонист духтари худро бар зидди хоҳиши ӯ ба парастории шахси дигар диҳад, ҳуқуқи зӯран ба шавҳар додани ӯро надошт. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳуқуқи оилавӣ уҳдадориҳои мард дар назди ҳамсар ба ҳисоб мерафт, ки дар Қонуннома нишон дода шудааст. Ба ҳуқуқи мард - ҳуқуқи фурӯхтани ҳамсар ва фарзандон дохил карда мешуд, лекин мувофиқи моддаҳои Қонуннома, амали ин ҳуқуқ бо шарти махсус маҳдуд гардонида шуда буд. Танҳо дар ҳолати вазъияти душвор, мавҷуд набудани воситаҳо барои мавҷудият шавҳар метавонист аз ин ҳуқуқи худ истифода намояд. Дар Қонуннома меъёрҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ – издивоҷ намудан, муносибатҳои молумулкии оилавӣ, ҷудо шудан ё талоқ муқаррар гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи оилавӣ, талоқ, Қонуннома, меъёрҳои ҳуқуқӣ, додгоҳ, Сосониён, уҳдадориҳо, фарзанд, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ.

## НОРМЫ СЕМЕЙНОГО ПРАВА В САСАНИДСКОМ СУДЕБНИКЕ

В этой статье рассматриваются нормы семейного права в Сасанидском Судебнике. Одной из основных правовых основ, регулирующих различные правовые вопросы в Сасанидском государстве, считался Судебник. В Судебнике детально показаны нормы гражданского права, семейного права и судебного права. Анализ существующих норм и разделов Судебника показывает, что некоторые разделы не дошли до нас или являются неполными. Однако, несмотря на это, можно определить правовое состояние Сасанидского периода. В рамках Судебника правовые действия личности ограничивались или полностью отменялись, что было связано с преступлением или задолженностью личности. Мужчина мог вступить в брак только по достижении совершеннолетия, став лицом вполне правоспособным. Для женщины, как у лица в любом случае подвластного, подобного ограничения не было. Обязательной считалась принадлежность к одному и тому же сословию. Требовалось также согласие девушки на брак. Отец, хотя и мог передать свою дочь против ее воли в опеку другому лицу, не имел права насильно выдавать ее замуж. Одним из важных вопросов в семейном праве является обязательство мужа перед супругой, которые показаны в Судебнике. К числу прав мужа следует отнести право продать жену и детей, но согласно статье Судебника, действие этого права ограничено специальным условием. Только в случае крайнего состояния беспомощности и отсутствия средств к существованию муж мог использовать это право. В этом законе основными нормами семейного права являются семейное положение, семейное имущество, развод.

**Ключевые слова:** права, семейное право, развод, законодательство, правовые нормы, суд, Сасаниды, обязательства, ребенок, гражданское право, судебное право.

## FAMILY LAW NORMS IN THE SASANIAN CODE OF LAWS

This article deals with the norms of family law in the Sasanian Code of Laws. One of the main legal foundations regulating various legal issues in the Sasanian state was considered Code of

Laws. The Code of Laws shows in detail the norms of civil law, family law and judicial law. Analysis of the existing norms and sections of the Code of Laws shows that some sections have not reached us or are incomplete. However, despite this, it is possible to determine the legal status of the Sasanian period. Within the framework of the Code of Law, the legal actions of the person were limited or were completely canceled, which was connected with the crime or debt of the person. A man could marry only at the age of majority, becoming a person with full legal capacity. For a woman, like a person in any case subject to, there was no such restriction. Belonging was considered belonging to the same class. The consent of the girl to marriage was also required. The father, although he could transfer his daughter against her will to custody of another person, had no right to force her to marry.One of the important issues in family law is the obligation of the husband to his wife, which are shown in Code of Laws. Among the rights of the husband should include the right to sell the wife and children, but according to the article Code of Laws, the effect of this right is limited by a special condition. Only in the case of extreme state of helplessness and lack of means of livelihood could the husband exercise this right. In this law, the basic norms of family law are marital status, marital property, and divorce.

**Key words:** law, family law, divorce, legislation, legal norms, court, Sassanids, obligations, child, civil law, judicial law.

**Сведения об авторе:** ***Ходжиев Мухиддин Сохибкулович*** – Дангаринский государственный университет, аспирант**. Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **883-08-11-01**

**Information about the author:** ***Khodzhiev Mukhiddin Sohibkulovich*** **-** Dangara State University, graduate student. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov street, 3. Phone: **883-08-11-01**

УДК 342

# ОСОБЕННОСТИ РЕЖИМА ПРЕБЫВАНИЯ ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Муминов У.К.***
**Академия управления МВД Российской Федерации**

Активная внешнеполитическая деятельность, экономическое, научно-техническое, культурное сотрудничество Республики Таджикистан (далее РТ) с иностранными государствами способствуют значительному расширению и обогащению международных связей, а также росту количества иностранных граждан, постоянно проживающих или временно пребывающих на территории нашей республики. Углубляются партнёрские отношения с соседними странами. Эти отношения осуществляется в различных формах: связи отдельных трудовых коллективов, туристические поездки, поездки по личным приглашениям, торговые отношения, обучение и т.д. Эти вопросы находятся в центре внимания руководства страны и в своем последнем послании к Парламенту страны Президент Республики Таджикистан, Эмомали Рахмон отметил, что: «В настоящее время законодательством страны срок регистрации граждан государств, имеющих с Республикой Таджикистан единую визовую систему, определено до 3 дней. Опыт и изучение показывают, что данный срок для иностранных граждан недостаточен» [1]. Связи с этим он поручил Правительству страны принять соответствующие меры для продления срока регистрации в органах внутренних дел до 10 рабочих дней. Во исполнение данного поручения правительство страны внесло в Маджлиси намояндагон (нижняя палата парламента) Таджикистана проект внесения изменений в закон РТ «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства в Республике Таджикистан» согласно которому срок регистрации иностранных граждан и лиц без гражданства в Таджикистане увеличился до 10 рабочих дней[3].

Как отметил глава государства, развиваются международные связи нашей страны с государствами дальнего зарубежья. Количество иностранных граждан, ежегодно посещающих Таджикистан увеличивается с каждым годом и есть основания полагать, что приток иностранцев в нашу страну будет возрастать[2]. Это значит, что проблемы правового регулирования пребывания и проживания иностранцев на территории Таджикистана в дальнейшем приобретут еще большую актуальность. Нельзя не признать и тот факт, что современный этап развития нашего государства, сопряженный с потенциальными угрозами национальной безопасности внешнего характера, значительно актуализирует вопросы порядка пребывания иностранных граждан в Республике Таджикистан.

Правовое регулирование режима пребывания иностранных граждан в Таджикистане носит комплексный характер и осуществляется большим количеством нормативных правовых актов, таких как Конституция Республики Таджикистан (далее РТ) от 6 ноября 1994 года, Закон РТ «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства в Республике Таджикистан» (далее - Закон об иностранцах) от 2 января 2018 года, «Правила пребывания иностранных граждан в Республике Таджикистан и Правила транзитного проезда иностранных граждан через территорию Республики Таджикистан» [4], «Правила оформления, выдачи визы и электронной визы Республики Таджикистан иностранным гражданам и лицам без гражданства» [5] утвержденные постановлениям Правительством РТ а также нормативно-правовых актах более общего характера, например в Закон РТ «О миграции» от 11 декабря 1999 года, Закон РТ «О беженцах» от 10 мая 2002, Закон РТ «О государственной границе» от 1 августа 1997 и др. По вопросам пребывания, въезда и выезда, упрощения процедур для граждан иностранных государств

Республикой Таджикистан заключено немало двухсторонних соглашений с иностранными государствами.

Правовой статус иностранных граждан в РТ определяется системой юридических норм, призванных регулировать отношения между гражданами иностранных государств и нашего государства по поводу приобретения гражданства, предоставления им прав и свобод, выполнения возложенных на них обязанностей и т.д., при этом возникают различные правоотношения с участием иностранных граждан. В одних случаях они почти ничем не отличаются от правоотношений с участием собственных граждан, в других носят специфический характер. Поэтому нормы права, регулирующие правовой режим иностранцев в Таджикистане, могут быть общими и для собственных граждан и граждан иностранных государств, а могут быть специальными, то есть рассчитанными только на иностранцев. Наличие таких специальных правовых предписаний позволяет говорить о специфике правового регулирования пребывания и проживания иностранных граждан в Таджикистане, и устанавливать, в какой мере их правовое положение отличается от правового положения собственных граждан.

В юридической литературе режим пребывания иностранных граждан представляет собой определяемую при помощи различных нормативных правовых установлений самостоятельную группу общественных отношений, возникающих между государственными органами и иностранными гражданами в связи с их нахождением на территории страны пребывания [6,с.8].

В юридической литературе выделяют несколько правовых режимов иностранных граждан: режим взаимности, «открытых дверей», идентичности, национальный, наибольшего благоприятствования, специальный и ряд других, что позволяет сделать вывод об отсутствии единого подхода к их классификации [9,с.32]. При этом, как правило, превалирует такие режимы, как национальный, специальный.

Эътиёди (одати ҳалокатовар) динӣ метавонад ба таассуби динӣ табдил ёбад. Мутаассиби динӣ, худро бо идеалҳои ғояи мазҳабӣ, ки ӯ барои худ тасаввур мекунад, ҳаммонанд медонад. Эътимод ба дурустии роҳи интихобнамуда хислати мутлақ гирифта, ягон созишро қабул надорад. Боварии динии мутаассиб бо ғояи мессианӣ дар шакли эҳсоси бениҳоят фавкуллодаи масъулияти аз боло вогузошташуда, барои бенуқсон амалӣ намудани Миссия (вазифаи махсус) алоқаманд гашта, чи дар мазмуни тафаккур ва чи дар идроки муҳити атроф, ҳолати отифӣ, муносибат бо дигарон таҷассум меёбад. Пайравони динӣ асосан ба амалҳое даст мезананд, ки аз ҷониби дӯстони нави онҳо ё пешсафони диниашон писанданд. Дар ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ онҳо одатан ба ифрот мераванд. Ба фирқаҳои мазҳабӣ одатан афроде кашида мешаванд, ки дар ҷустуҷӯи маънавии интенсивӣ қарор доранд, ё кӯшиши расидан ба «Ҳақиқати мутлақанд», ки одатан ҳамчун ёфтани ҷавобҳои соддаву фаҳмо ба саволҳои мураккаб фаҳмида мешавад, ё афроде, ки дорои табиати нозуки рӯҳӣ дошта, мутаваҷҷеҳ ба мусофирати таҳайюлӣ ва ё биниши дохилӣ мебошанд. Танҳо баъзе аз ташкилотҳои радикалии деструктивии диниро, ки бо мисолҳои хотирмони худкушиҳои оммавӣ, қатл ё хислати фарогири деструктивиашон таҳлил намуда метавон як қатор элементҳои умумӣ ва муттаҳидсозеро, ки дар аксарияти ин ташкилотҳои иртиҷоипарасту радикалӣ ба чашм мерасанд, муайян намуд. Ҳамаи созмонҳои динии деструктивӣ дар назди худ вазифаҳои якхела мегузоранд: истихдоми бештари пайравон, назорати мутлақи онҳо, пайдо намудани воситаҳои молиявӣ тавассути ин пайравон, баромад ба арсаи сиёсӣ ва мутаносибан ба даст овардани ҳокимият, на танҳо аз болои пайравони хеш, балки аз болои ҷаҳон низ.

**Калидвожаҳо:** ислом, фанатизм, парастишҳои динӣ, мазҳаб, пешвои мазҳабӣ, ташкилоти динӣ, аддикция (эътиёд).

## РЕЛИГИОЗНЫЙ ФАНАТИЗМ КАК ПАТОЛОГИЧЕСКАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ РЕЛИГИОЗНОГО ЧУВСТВА ВЕРУЮЩЕГО

Религиозная аддикция может трансформироваться в религиозный фанатизм. Религиозный фанатик идентифицирует себя с идеалами религиозной идеи, как он их представляет. Вера в правильность избранного пути носит абсолютный характер и не допускает никаких компромиссов. Религиозная убежденность фанатика оказывается соединенной с идеей мессианства в форме чувства чрезвычайной, возложенной свыше ответственности за безукоризненное выполнение Миссии, что находит выражение, как в содержании мышления, так и в восприятии всего происходящего вокруг, эмоциональном состоянии, отношении к другим.Религиозные адепты предпочитают полагаться на то, что одобряется и ценится новыми друзьями, лидерами. В поисках смысла жизни они уходят в крайности. В религиозные культы легче всего вовлекаются лица, занятые интенсивным духовным поиском, стремящиеся к «Абсолютной Истине», часто понимаемой как простые и однозначные ответы на сложные вопросы, и люди с тонкой духовной организацией, привлекаемые идеями трансперсональных путешествий, внутренними инсайтами.Проанализировав лишь небольшое количество деструктивных религиозных радикальных организаций, отличающихся наиболее громкими шокирующими моментами массового самоубийства, убийства или поражающей своим размахом деструкцией, можно вывести несколько общих, объединяющих элементов, присутствующих во всех представленных организациях и во многих других, не представленных еще.Все

деструктивные религиозные организации ставят перед собой одинаковые цели: вербовка, как можно большего числа адептов, полный контроль над ними, получение финансовых средств посредством своих адептов, выход на политическую арену и, соответственно, власть не только над своими последователями, но власть над всем миром.

**Ключевые слова:** ислам, фанатизм, религиозные культы, секта, религиозный лидер, религиозная организация, аддикция.

## RELIGIOUS FANATICISM AS A PATHOLOGICAL TRANSFORMATION OF THE FEELINGS OF RELIGIOUS BELIEVERS

Religious addiction can transform into religious fanaticism. Religious fanatics identify themselves with the ideals of the religious idea in their own point of view. Belief in the right path they have chosen or been set on is of an absolute character and considered to be unfailing. Religious persuasion of such fanatics, which is associated with the idea of messianism, finds its way in the feeling of extraordinary God-directed responsibility for the irreproachable fulfillment of the Mission. This, in turn, is represented by the thought content, as well as by the perception of the world, emotional state, and attitude to others. Religious followers prefer to rely on what is approved and appreciated by new friends and leaders. In search of the meaning of life, they run to extremes. People who are seeking for sacred quest and straining for undeniable truth, which is often recognized to be a simple and clear-cut answer to a complex question, and people with a delicate psyche attracted by the ideas of transpersonal travel and insights could be easiest to involve into various religious cults. Having analyzed only a small number of radical destructive religious organizations characterized by their most shocking cases of mass suicide, murder or scope of destruction, it is possible to derive several common details that are present in all the foregoing organizations and in many others which have not been represented yet. All destructive religious organizations have the same aims: to recruit as many followers as possible and to control over them, to obtain financial means through their followers, to come out to the political arena and, therefore, to control not only the followers, but to have power over the whole world.

**Key words**: Islam, fanaticism, religious cults, sect, religious leader, religious organization, addiction.

**Сведения об авторах:** ***Раздыкова Гульназ*** **-** Павлодарский государственный педагогический ,кандидат исторических наук, ассоциированный профессор, доцент. г.Павлодар. Директор ТОО «Центр анализа и развития межконфессиональных отношений». E-mail: **gulnazkz@list.ru**

***Салимов Фаррух Насимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-61-48-86.** E-mail: **fsalimov@tojikiston.com**; **farrukh.n.salimov@gmail.com**

**Information about authors:** ***Razdykova Gulnaz*** - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of Pavlodar State Pedagogical University, Pavlodar city. Director LLP “Center for Analysis and Development of Interfaith Relations”. E-mail: **gulnazkz@list.ru**

***Salimov Farrukh Nasimovich*** **-** Tajik National University, Ph.D., Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Adress:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki av

УДК 321.1+321.8

# МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВАТАНДӮСТӢ: ТАҲЛИЛИ КОНСЕПТУАЛӢ

***Қурбонов С.М., Ҳайдаров Р.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Институт фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи а. Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва аз ин рӯ, аксари олимону донишмандон аз рӯйи диди худ мавқеъ ва хусусиятҳои онро дар таърихи инсоният ба таври гуногун ифода менамуданд. Аз давраҳои қадим сар карда, то замони муосир донишмандону муҳаққиқони зиёд роҷеъ ба масъалаҳои ватандӯстӣ, аҳамият ва зарурияти он андешаронӣ намуда, консепсияҳои мухталифро ташаккул додаанд. Айни замон моҳият ва табиати сиёсии ватандӯстӣ, мундариҷа ва хусусиятҳои он дар заминаи таҳлили ақидаҳои гуногун ва назарияҳои илмӣ имконпазир аст. Махсусан, омӯзиш ва таҳлили асарҳои файласуфон, адабиёти классикӣ ва муосир, инчунин таҳлили асарҳои илмие, ки бевосита ба омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ бахшида шудаанд, хеле аҳамиятнок мебошанд.

Таълимот дар бораи ватандӯстӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумӣ ба миён омадааст, ки мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои халқ мебошад. Ғояи ватандӯстиро олимони буржуазӣ дар даврае пешниҳод намудаанд, ки дар он буржуазияи тавлидёфта бо феодализм барои ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебурд ва дар мувофиқа бо шароитҳои аниқи сиёсӣ ва идеологии ҷомеа рушд меёфт. Агар ба назар гирем, ки ватандӯстӣ дар натиҷаи қонунияти инкишофи таърихӣ ба миён омадааст, он қадар душвор нест муайян намоем, ки мафҳуми ватандӯстӣ дар як вақт дар мамлакатҳои гуногун дар давраи барқароршавӣ ва мустаҳкамгардии яккаҳокимиятӣ ба миён омадааст. Аммо вобаста ба давру замон, махсусан дар раванди тағйирёбии сохтори сиёсӣ ва дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ватандӯстӣ низ мазмун ва моҳияти худро тағйир медиҳад. Ин аст, ки бори аввал дар давраи Инқилоби бузурги Фаронса мафҳуми «ватандӯст» ҷойгоҳи худро дар луғатҳои сиёсӣ пайдо менамояд. Дар он замон, ватандӯстон дӯстони ватан ва озодӣ ба шумор рафта, одатан инқилобчиён, душманони яккаҳокимиятӣ, мухолифони ҳокимияти мутлақ ва феодализмро ватандӯст ном мебурданд [11,с.125]. Ватандӯстӣ «дини дунявии» ба худ хос гардид, ки бар ивази ғояҳои аз ҷониби калисо ҷоригардида ба миён омад.

Ғояҳои ватандӯстӣ дар рафти инқилоби буржуазии Фаронса дар асри XVII аз ҷониби Томас Гоббс ва Ҷон Локк пешниҳод гардиданд. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ дар шароити буҳрони феодализм ба миён омада, дар асри XVII пеш аз инқилоби Фаронса ба сатҳи олии худ расидааст. Ҳатто таъсири ватандӯстӣ ба раванди баамалоии Инқилобҳои буржуазӣ хеле калон аст. Офарандаи назарияи ватандӯстӣ, ки манфиатҳои буржуазияи он давраро инъикос менамуд, файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо ба ҳисоб мерафт. Ӯ ба мафҳуми Ватан ва моҳияти он диққати хеле зиёд медод ва иброз менамуд, ки «Ватан - ин на танҳо замин, ки тамоми талаботҳои ҳаётии инсонро қонеъ мегардонад ва ӯро чунин одат ба ватан вобаста кардааст, ин на танҳо ҷой ва ашёи маъмулӣ, балки ватан муҳаббатест, ки ба мо наздик мебошад» [12,с.448]. Ӯ, инчунин қайд менамояд, ки «Бигузор Ватан худро ҳамчун модари умумии шаҳрвандон зоҳир намояд, бигузор он манфиатҳое, ки аз онҳо дар Ватани худ истифода мебаранд, ӯро барои одамон азиз гардонад» [12,с.20]. Давлат, дар навбати худ, ба одамон ҳисси кофии идоракунии ҷамъиятиро медиҳад, то ки онҳо худро озод ҳис намоянд. Чунин вазъ бояд аз тарафи қонун дастгирӣ карда шавад. «Ватан наметавонад бе озодӣ, бе накукорӣ ва накукор бе шаҳрвандон вуҷуд дошта бошад». Чунин

формулаи хушку холӣ - «давлат - ин заруррият аст», бо мазмуни маънавӣ, эстетикӣ ва инсонӣ пурра карда мешавад.

Барои Жан Жак Руссо ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ аз ҳам тафовут доранд ва аз муқобилгузории мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» иборат мебошанд. Ба андешаи ӯ, ҳам шаҳрванд ва ҳам ватандӯст танҳо дар доираи миллат - давлат дарк карда мешаванд: «на шаҳрванд, на ватандӯст наметавонанд беватан (космополит) бошанд. Онҳо ватандӯстиро ҳамчун ҳисси олӣ ва амиқ муайян менамоянд, ки ба худи онҳо муҳаббат мебахшад ... ва қувваеро медиҳад, ки ... онро ба ҳиссиёти аз ҳама қаҳрамонона табдил медиҳад» [12,с.20]. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки бори аввал тафовути шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ аз ҷониби Ж.Ж. Руссо муайян карда шудааст. Дар маҷмӯъ, ба андешаи ӯ, ватандӯстӣ накукории олиест, ки инъикосгари муҳаббати инсони озод нисбати худ ва ба воситаи худ нисбати Ватани худ мебошад.

Мутафаккири англис Томас Гоббс низ ба масъалаи ватандӯстӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда буд ва дар таълимоти ӯ ватандӯстӣ дар маънои муҳаббат нисбат ба ватан ва халқро ифода намудааст.

Бенедикт Спиноза мафҳуми ватандӯстиро ҳамчун назария ва амалияи ҳар як халқ, миллат ва давлат муаррифӣ намуда, зиёд намудани муҳаббат ба Ватан ва таҳкими онро аз тарбияи ватандӯстӣ вобаста медонад.

Гегел Г.Ф. зери мафҳуми ватандӯстӣ эҳсосеро дар назар дорад, ки дар вазъияти барои мамлакат хатарнок, вақте ки унсурҳои қаҳрамононаи характери халқидошта бо онҳо ифода меёбанд, зоҳир мегардад [4,с.70].

Дар рушди таълимоти ватандӯстӣ ва муайянсозии нақши он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таълимоти марксистӣ - ленинӣ саҳми арзанда гузоштааст. Дар он Ватан на танҳо ҳамчун зодгоҳ («диёри аҷдодӣ») ва на ҳамчун миллати дорои забони модарӣ, умумияти ҳудудӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ, балки Ватан бо сохтори иқтисодӣ ва сиёсӣ, муносибати мутақобилаи синфҳо муайян карда мешавад. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки маҳз муҳити сиёсӣ назар ба муҳити иқтисодӣ ва фарҳангӣ серҳаракат буда, бевосита зуҳури шуури ватандӯстиро муайян месозад.

Бояд гуфт, ки марксизм ҳамчун таълимоти инқилобии пролетариат аввалин бор аз ҷониби К. Маркс ва Ф. Энгелс дар «Манифести Ҳизби коммунистӣ» (соли 1848) дарҷ гардидааст, ки дар он ҳисси ватандӯстии онҳо ошкор карда шудааст. Муаллифони «Манифест» изҳор намудаанд, ки коргарон ватан надоранд ва аз онҳо ончиро, ки онҳо надоранд, гирифта намешавад. Азбаски пролетариат худ ҳоло миллӣ мебошад, ҳарчанд на ба он маънӣ, ки онро буржуазия мефаҳмад, он бояд аввал ҳукмронии сиёсиро ба даст биёрад, то ба сатҳи синфи миллӣ барояд, ҳамчун миллат пойдор бошад [7,с.444]. Дар ин фишурда К. Маркс ва Ф. Энгелс муносибати пролетариати мамлакатҳои капиталистиро нисбати ватани буржуазӣ ифода намудаанд. Ватан муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мавҷуда мебошад. Дар ватан моҳияти синфии он асосӣ маҳсуб меёбад. То он вақте ки оммаи меҳнаткашон ҳокимияти сиёсиро ба даст наоранд, онҳо дорои ватани ҳақиқӣ шуда наметавонанд. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки пролетариат ва дигар табақаҳои истисморшавандаи ҷомеа бояд нисбати Ватани худ, нисбати ҳифзи он аз душманон ва ғ. бепарво набошанд. Тақдири Ватан, Меҳан танҳо барои синфҳои истисморгар фарқ надорад. Вақте ки сухан дар бораи ҳифзи манфиатҳои худ, моликияти хусусӣ, ҳокимияти сиёсӣ меравад, онҳо тамоми суханҳои зебои худро дар бораи муҳаббат ба ватан фаромӯш месозанд [16,с.25]. Ба андешаи марксистон, пролетариат бояд ҳокимияти сиёсиро ба даст орад ва худ ва Ватани худро нисбати синфҳои истисморгар муқобил гузорад.

Рушди минбаъдаи таълимоти марксистӣ дар зери таъсири андешаҳои В.И. Ленин ба амал омадааст. Ба андешаи В.И. Ленин, ватандӯстӣ «ҳиссиёти амиқе мебошад, ки тӯли садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо аз ҷониби тамоми ватанҳо ва ватанхоҳони алоҳида тақвият меёфт» [6,с.190]. Муқаррароти ибтидоии ақидаҳои ленинизм нисбати моҳияти ватандӯстӣ, ин муқоисакунӣ мебошад, яъне муқоисаи

ватандӯстии «кӯҳна», ки ба форматсияи капиталистӣ хос аст ва ватандӯстии «нав», ки дар ҷомеаи сотсиалистӣ рушд меёбад.

Баъдан В.И. Ленин иброз медорад, ки ватандӯстии сотсиалистӣ на бо «шовинизми буржуазӣ», на бо миллатгароӣ гунҷоишнопазир аст. Шовинизм ва миллатгароӣ, ки бо шуури ҷамъиятӣ неву бо шуури инфиродӣ алоқаманданд, аз бисёр ҷиҳат бо таъсири «микромуҳит» шартнок мегарданд ва сабабҳои пайдоиши онҳо аз нобаробарии миллатҳо аз рӯйи сатҳи рушди иқтисодӣ ва фарҳангиашон мебошанд [6,с.335].

Мутафаккири дигари немис Ф. Нитсше дар бораи ватандӯстӣ андешаронӣ намуда, онро ҳамчун «ҳисси одии сиёсӣ» муаррифӣ намуда, мавҷудияти решаҳои табиии пайдоиши онро қайд менамояд. Ватандӯстӣ аз ҷониби ӯ ҳамчун «инстинкт» муаррифӣ мегардад [10,с.139]. Ишораи Ф. Нитсше ба давлат ҳамчун объекти асосии ватандӯстӣ аҳамияти махсус дорад, давлат ва ватандӯстӣ бошад, ба андешаи ӯ, «бе тасдиқи шахсият вуҷуд дошта наметавонанд» [10,с.140].

Дар бораи ватандӯстӣ олимони рус низ андешаҳои хеле ҷолиб баён намудаанд. Дар миёни онҳо асарҳои В.С. Соловев хеле аҳамиятнок мебошанд. Ӯ муътақид аст, ки «дарки аниқи уҳдадориҳои шахсӣ нисбати ватани худ, инчунин иҷрои дурусти онҳо накукории ватандӯстиро ба миён меоранд» [14,с.35]. В.С. Соловев дар таълимоти худ ба масъалаи ватандӯстӣ диққати хеле зиёд додааст. Ақидаҳои файласуф нисбати «ватандӯстии қалбакӣ» хеле диққатҷалбкунанда мебошанд, ки дар он ӯ се навъи онро аз ҳам фарқ менамояд: «ватандӯстии беандеша, ки ба ҷойи фоидаи дилхоҳ зарар меорад ва халқҳоро ба сӯйи марг мебарад»; «ватандӯстии холӣ, ки танҳо даъвои беасосро ифода менамояд» ва «ватандӯстии бевосита бардурӯғи танҳо ҳамчун ниқоб барои ниятҳои разилонаи тамаъкорона хизматкунанда» [15,с.359].

В.С. Соловев ватандӯстии ҳақиқӣ ва ё муҳаббат нисбат ба халқу ватанро ба ватандӯстии бардурӯғ муқобил мегузорад. Ба андешаи ӯ, муҳаббати ҳақиқӣ нисбати ягон нафар дар он ифода меёбад, ки мо хоҳиш дорем ва кӯшиш менамоем, ки ба шахси дӯстдорамон тамоми неъматҳои на танҳо маънавӣ, инчунин моддиро муҳайё созем, лекин таъмини неъматҳои моддиро бевосита бо шарти таъмини неъматҳои маънавӣ муҳайё созем. Ин - заминаи тасаввуротҳои ӯ дар бораи таносуби ватандӯстӣ ва беватанӣ (космополитизм) аст.

В.С. Соловев аз таърих намунаҳои гуногунро мисол оварда, ба чунин хулосае меояд, ки агар худи халқ барои худаш мақсади ягона набошад ва манфиати моддии мавҷудияти худро идеали олӣ нашуморад, он гоҳ ҳар як инсон ҳуқуқи муҳаббат ба халқи худ, хидмат ба манфиатҳои ӯро аз талаботҳои маънавӣ боло мегузорад. Монанди ин, агар халқ бо эҷодиёт ва худогоҳии воқеии худ дар ҷаҳон худро исбот намояд, он гоҳ ватандӯсти ҳақиқӣ низ наметавонад баҳри «фоидаи» пешбинигардидаи халқи худ иттиҳодро бо дигарон канда намояд, бегонагонро бад бинад ва ба онҳо нафрат дошта бошад. Чунин ватандӯстӣ қалбакӣ аст, ки дар мухолифат на бо бегона, балки бо халқи худ дар саъю кӯшишҳои беҳтарини худ мебошад.

Дар интиҳо, В.С. Соловев ба чунин хулосае меояд, ки ватандӯстӣ ҳисси табиӣ ва асосӣ, уҳдадории бевоситаи шахс нисбат ба ҷомеаи худ мебошад ва дар як вақт ин ҳиссиёт аз хусусиятҳои зоологии худпарастии халқӣ ва ё миллӣ озод мегардад.

Чунин андешаҳо дар асарҳои Н.А. Бердяев идома дода мешаванд. Ба андешаи ӯ, «ватандӯстӣ инъикосгари мактаби бузурги шаҳрвандӣ дар даврае мебошад, ки он барои Ватани худ хатарнок аст» [2,с.137]. Ватандӯсти ҳақиқӣ барои мутафаккир маънии «хизмат ба он аст, ки бояд бошад» ва ҳамеша «ба чашмони ба ҳақиқати аз ҳама талхтарин нигоҳкунанда» мемонад [3,с.208].

Дар шароити муосир ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар ду шакл баррасӣ мегардад. Ба андешаи гурӯҳи аввал, дар шароити ҷаҳонишавӣ ватандӯстӣ падидаи ирсӣ мебошад, намояндагони гурӯҳи дуюм бошанд, ватандӯстиро ҳамчун алтернативаи фарҳанги ҷаҳонишавӣ ва беватанӣ (космополитизм) муаррифӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо, ватандӯстӣ имконият

медиҳад, ки мустақилияти иҷтимоию фарҳангӣ ва соҳибистиқлолии халқҳо нигоҳ дошта шавад. Мувофиқан, чи қадаре ки ҷаҳонишавӣ худро сермаҳсул нишон диҳад, ҳамон қадар давлат бояд оиди нигоҳдории ягонагии тамаддунии худ ғамхорӣ намояд, ки дар чунин шароит амалигардонии ғояҳои ватандӯстӣ дар ҳар як ҷомеа боз ҳам тақвият меёбад.

Масъалаи ватандӯстӣ дар асарҳои ҷудогонаи олимони тоҷик низ то андозае баррасӣ гардидаанд. Ба андешаи сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад А.Н., ватандӯстӣ бузургтарин ҳисиётест, ки барои инсонҳо муҳиммияти махсус дорад. Ба андешаи ин донишманд, нишонаҳои ватандӯстӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шудаанд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бо дарки вазифаҳои шаҳрвандӣ дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи ватандӯстӣ аст. Ватандӯстӣ дар замони капитализм бо пайдоиши миллат ва давлатҳои миллӣ ба қисми ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ табдил ёфтааст [8,с.49].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии аҳамияти ватандӯстӣ бо муттаҳидсозии ҷомеа алоқаманд гардонида мешавад, чунки маҳз шуури ватандӯстии сокинони мамлакат муайянкунандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва фаъолнокии иҷтимоии онҳо мебошад. Раванди барқарорсозии шуури ватандӯстӣ характери серҷанба дорад ва аз чунин масъалаҳо иборат аст: беҳтар сохтани сатҳу сифати ҳаёти тоҷикистониён; вазифаҳои тарбияи оилавӣ; ҷустуҷӯйи роҳҳои ташаккулёбии шуури таърихӣ; ҷустуҷӯйи шаклҳои истифодаи васеи паҳлуҳои рамзӣ ва маросимӣ дар кори идеологӣ ва тарбиявӣ; бартарафсозии қадрношиносӣ ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани қадрдонии фарзандони фарзонаи мамлакат; якҷоякунии оқилонаи рамзҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ.

Бояд қайд намуд, ки ватандӯстӣ яке аз сифатҳое мебошад, ки барои насли ҷавон зарур аст ва дар тамоми консепсияҳои муосири пешгӯикунанда ишора мегардад. Ташаккулёбии ватандӯстӣ бо ташаккул ва рушди ҳувияти шаҳрвандии ҷавонон зич алоқаманд аст.

Ҳувияти шаҳрвандӣ асоси худогоҳии гурӯҳӣ буда, асоси ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос менамояд ва дар давлат нақши ҳамгироёнаро мебозад. Ноустувории ҳувияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир таназзули шуури ҷамъиятиро ба миён меорад, имкониятҳои пешрафти идеологияҳои авторитарӣ, тоталитарӣ ва нажодпарастиро афзун менамояд. Сафарбарии сиёсати тобиши миллидошта, ки дар ҳазорсолаи нав қатъ намегардад - ин аксуламал ба талафоти интернатсионализми шӯравӣ ва кӯшишҳои ташаккулёбии ҳувияти нави демократии ба Аврупо ҳамгирошуда - ба сифати омили низоъбарангез баромад менамояд. Дар як вақт дар давраҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ, ки бо вайроншавии механизмҳои ҳаммонандсозии умумиятҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ тавсиф ёфтаанд, одамон ҳатман «шуури шикастаи» саросемагӣ, беҳаракатӣ, беиродагӣ, тарси воҳимаангез ва бадхашмиро ҳис менамоянд. Ҳувияти шаҳрвандӣ арзишҳои классикии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро баробар месозад. Зинда мондани демократия дар ҷомеаи мо, дар навбати аввал, аз дарки зарурияти ташаккулёбии ҳувияти мусбии умумишаҳрвандӣ вобастагӣ дорад.

Ватандӯстӣ дар мувофиқа бо шуури ватандӯстӣ ба миён меояд. Он робитаи воқеии субъекти ватандӯстиро бо предмети таъсиррасонии худ инъикос менамояд. Ба таври дигар, ин «шабакаи» ба худ хосе мебошад, ки бо он таҳвили тамоми навъҳои таъсиррасонии фард ба Ватан амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ватандӯстона татбиқи моддии шуури ватандӯстона мебошад. Он ҷанбаи дарвоқеъ эҳсосшавандаи ватандӯстӣ мебошад [1,с.98].

Ба андешаи А.Ф.Никитин, «ватандӯсти воқеӣ инсонеро ҳисобидан мумкин аст, ки доимо солимии ҷисмонӣ ва маънавии худро тақвият мебахшад, хуб тарбия ёфтааст, маълумотнок ва бомаърифат мебошад, дорои оилаи хуб буда, аҷдодони худро эҳтиром менамояд, насли худро бо анъанаҳои беҳтарини гузаштагони худ тарбия менамояд, манзили худро дар вазъияти сазовор нигоҳ

медорад ва доимо маишати худ, тарзи ҳаёт, фарҳанги рафторашро беҳтар намуда, ба манфиати Ватани худ фаъолият намуда, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва ё ташкили тамоюлоти ватандӯстӣ, яъне ба муттаҳидсозии шаҳрвандон равона карда шуда, барои ба даст овардани мақсадҳои ватандӯстона ва иҷрои муштараки масъалаҳои ватандӯстона ва рушди Ватани худ дар роҳи солимгардонӣ, афзункунии миқдори ҳамватанони маърифатноки худ иштирок намояд» [9,с.326].

Барои он ки умумияти сиёсӣ ба таври муътадил фаъолият намояд, ватандӯстӣ зарур аст. В.А. Колсова ва В.А. Соснин ватандӯстиро ҳамчун омили ҳамгиро, нигоҳдорӣ ва дастгирии амалигардонии муътадили ҷомеа муайян намуда, бо ин васила онро бо падидаҳои иҷтимоӣ нисбат медиҳанд, ки ба нигоҳдории ягонагии халқ ҳамчун эҷоди таърихан ташаккулёбандаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ, ҳамгироии он ва таъмини рушди муътадили халқиятҳоро муайян менамояд.

Фарқият байни мафҳуми «ватандӯстӣ» ва «дурусткорӣ» дар чист? Якум, дурусткорӣ, пеш аз ҳама, дорои характери зоҳирӣ мебошад. Дурусткор будан, яъне маънои бечунучаро риоя кардани қоидаҳо, меъёрҳо, нишондодҳо ва дастурҳоро дорад, ҳатто агар бо онҳо розӣ набошад ҳам, бояд онҳоро риоя кунад, чунки аз тарафи аксарият қабул гардидааст. Дуюм, дурусткорӣ, аз нуқтаи назари мо, аз унсурҳои ахлоқӣ асос наёфтааст. Дар он таркиботи эҳсосотӣ, ба монанди муҳаббат вуҷуд надорад. Аммо муҳаббат яке аз унсурҳои муҳимтарин ва бартаридоштаи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ватандӯстӣ, ин як навъи майлу хоҳиши нафъи зиёдтар расониданро дорад, вақте ки дурусткорӣ танҳо иҷрои дастурамалҳои гузоштташударо дар назар дорад. Бо дарназардошти андешаронии И. Кант, гуфтан мумкин аст, ки дурусткорӣ бо «легалият», яъне қонунӣ будани рафтори одамон шабоҳат дорад. Зеро он танҳо шароитҳои беруна ва меъёрҳои амалкунии инсонро танзим менамояд: он ба мазмуни рафторҳо дахолат наменамояд ва новобаста аз ангезаҳои рафтор танҳо рафторҳои зоҳириро муайян месозад. Ватандӯстӣ, баръакс, бо «маънавиёт» алоқаманд аст ва дар он сухан оиди нияту мақсадҳо, яъне дар бораи дарки ботинии ангезаҳои рафтор меравад: «маънавиёт ин муносибати рафтор бо мухторияти ирода мебошад» [5,с.543].

Оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ метавонад ҳамчун объекти муҳимми ватандӯстӣ баррасӣ карда шавад. Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки ғояи умумияти миллӣ дар муқоиса бо ғояи касбӣ, сиёсӣ, конфессионалӣ муносибати хешутабориро ифода менамояд [13]. Шабоҳат додани миллат бо оила ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат низоми арзишноки идеологияи миллӣ ва рамзҳои онро ифода менамояд. Муносибат бо волидайн шакли муқарраргардидаи муносибатҳои стандартии фард бо умумияти сиёсӣ мегардад. Агар ба таври қатъӣ гӯем, бе арзиши модарӣ/падарӣ арзиши Ватан вуҷуд надорад.

Модар ва падар ҳамчун объекти меҳру муҳаббат ва ҳамчун рамзи дӯстоштанӣ бо ватандӯстӣ алоқамандии зич дорад. Бесабаб нест, ки дар Ғарб ватандӯстиро бо мафҳуми «патриотизм» ифода намуда, ватандӯстро «патриот» меноманд. Решаи ин мафҳум аз калимаи лотинии patria, яъне падар гирифта шудааст. Ё ин ки дар замони шӯравӣ, махсусан дар шароити Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ибораи русии «Родина - мать завёт» хеле машҳур буд, ки ватанро бо модар ташбеҳ додаанд. Ҳамин тариқ, барои давлатҳои Ғарб ватан дар симои падар ва барои давлатҳои пасошӯравӣ ватан дар симои модар ҳамчун рамзи меҳру муҳаббат ва ҳамчун арзиши гаронбаҳо боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ инъикосгари муҳаббат ба Ватани худ, алоқамандӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳои он мебошад, ки бо ҷаззобият ва ҷудонопазирии такрорнашавандагӣ ва ивазнашавандагии худ асоси маънавӣ - ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад, мавқеи шаҳрвандии ӯ ва талабот ба хизмати фидокорона ва ҷоннисорона ба Ватанро ифода менамоянд.

Ватандӯстии шаҳрванд нисбат ба умумияти сиёсӣ бо чунин категорияҳои иҷтимоӣ, ба монанди қарзи ватандорӣ, хизмат ба ватан ва ҷоннисорӣ намудан ба ватан алоқамандии зич дорад. Қарзи ватандориро метавон ҳамчун уҳдадории ахлоқии инсон барои манфиати Ватани худ шарҳ дод. Чун қоида, мафҳуми мазкур дар ҳолатҳои буҳронӣ барои Ватан ҳангоми ҳимояи он аз душманони дохилӣ ва беруна, нигоҳдории ягонагӣ ва истиқлолияти он истифода бурда мешавад. Қарзи ватандорӣ дар ин ҳолат аз инсон талаб менамояд, ки тамоми саъю кӯшишашро ба татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона сохта, манфиатҳои шахсиашро фаромӯш созад ва ҳатто худро дар роҳи ватан фидо намояд.

## АДАБИЁТ


1. Артемьева Т.Н. Методологический аспект проблем способностей / Т.Н. Артемьева.– М.: Наука, 1978. – 320 с.
2. Бессчетнова О.В. Патриотизм как морально-нравственный компонент личности современной учащейся молодежи / О.В. Бессчетнова // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2011. – №2. – С.137-140.
3. Бердяев Н.А. Судьба России / Н.А. Бердяев. – М.: Советский писатель, 1990. – 240 с.
4. Гегель Г. Философия права / Г. Гегель. –М.: Мысль, 1971. -Т.2. – С.70.
5. Кант И. Основы метафизики нравственности / И. Кант. -М.: Мысль, 1999. – 1471 с.
6. Ленин В. И. Пол. собр. соч. -Т. 37.
7. Маркс К. Сочинения / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М., 1960. -Т.4.
8. Муњаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсї / А.Н. Мухаммад. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – 350 с.
9. Никитин А. Ф. Граждановедение / А. Ф. Никитин. –М., 1991. – 270 с.
10. Ницше Ф. Рождение трагедии или эллинство и пессимизм / Ф.Ницше. - М.: Изд-во «Директмедиа Паблишинг», 2003. – 565 с.
11. Рогачев П.М. Патриотизм и общественный прогресс / П.М. Рогачев, М.А. Свердлин. - М.: Политиздат, 1974. -280 с.
12. Руссо Ж.Ж. Трактаты / Ж. Ж. Руссо; под ред. А.З. Манфреда. – М.: Наука, 1969.
13. Рябов О.В. «Матушка-Русь»: Опыт тендерного анализа / О.В. Рябов. – М.: Ладомир, 2001. – 202 с.
14. Соловьев В. Национализм. Патриотизм / В. Соловьев // Новый Вавилон. – 1994. – №1.
15. Соловьев В.С. Национальный вопрос с нравственной точки зрения / В.С. Соловьев. – М.: Мысль, 1990. – 320 с.
16. Хромов С.С. Интернационализм и патриотизм: история и современность / С.С. Хромов, В.Л. Калашников, Н.И. Шишов. – М.: Высшая школа, 1977. – 280 с.


## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВАТАНДӮСТӢ: ТАҲЛИЛИ КОНСЕПТУАЛӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ мафҳум ва моҳияти ватандӯстиро нишон додааст. Муаллиф дар раванди омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ ба ташаккулёбии он тваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Инчунин, дар асоси таҳлили андешаҳои файласуфон ва олимон намудҳои гуногуни ватандӯстӣ нишон дода шудаанд. Пеш аз ҳама, ватандӯстии ҳақиқӣ ва бардурӯғ, втандӯстии буржуазӣ ва сотсиалистӣ ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар мақола хусусиятҳои муҳимми намудҳои гуногуни ватандӯстӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳияти дурусткориро низ нишон диҳад. Дар ин раванд тафовути дурусткорӣ ва ватандӯстиро нишон додааст. Ғайр аз ин, дар мақола масъалаи ҳувияти шаҳрвандӣ низ баррасӣ гардида, алоқамандии он бо ватандӯстӣ нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** ватандӯстӣ, ватан, ҳимояи ватан, тарбияи ватандӯстӣ, душмани ватан.


## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ПАТРИОТИЗМА: КОНЦЕПТУАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ


В данной статье автор на основе анализа научной литературы показывает сущность и специфические особенности патриотизма. Автор в процессе изучения патриотизма особое внимание уделяет формированию этого феномена. Также в статье, на основе анализа воззрения великих философов и ученых, показаны различные виды патриотизма. Прежде всего, речь идет о реальном патриотизме и ложном патриотизме, о буржуазном и социалистическом патриотизме. В статье также рассматриваются специфические особенности различных видов патриотизма. Также автор попытал показать сущность

порядочности. В этом контексте показывает различия патриотизма от порядочности. Кроме того, в статье рассматривается гражданская идентичность и ее взаимосвязь с патриотизмом.
**Ключевые слова:** патриотизм, родина, защита родины, воспитание патриотизма, враг родины.

## ESSENCE AND FEATURES OF PATRIOTISM: CONCEPTUAL ANALYSIS

In this article, the author, based on the analysis of scientific literature, shows the essence and specific features of patriotism. The author in the process of studying patriotism pays special attention to the formation of this phenomenon. Also in the article, based on an analysis of the views of great philosophers and scientists, it shows various types of patriotism. First of all, we are talking about real patriotism and false patriotism, bourgeois and socialist patriotism. The article also discusses the specific features of various types of patriotism. Also, the author will try to show the essence of decency. In this context, shows the differences of patriotism from decency. In addition, the article considers civil identity and shows its relationship with patriotism.
**Key words:** patriotism, motherland, defense of the motherland, patriotism education, enemy of the motherland.

**Сведения об авторах:** ***Курбонов Субхон Махмадрахимович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **904-40-02-02**
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** **-** Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, доктор философских наук, заведующий отделом политологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: **937-30-87-87**. E-mail: **rustam76@hotmail.ru**

**Information about the authors:** ***Kurbonov Subhon Makhmadrahimovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, the applicant of the Department of Political Science. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Tel.: **904-40-02-02**
***Khaidarov Rustam Juraboevich***- Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Head of the Department of Political Science. **Address:** 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: **937-30-87-87**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


| | |
|---|---|
| ***Одинаев Х.А., Гулаков У.М.*** Развитие свободных экономических зон и проблемы расширения межрегиональной торговли……………………………………………………………………………………. | *5* |
| ***Солехзода (Солиев) А.А., Саидмуродова М.А., Гулмамадов А.В.*** Внешнеэкономический комплекс Таджикистана: индексный и структурный анализ гипертрофированности состояния………………………….. | *14* |
| ***Улугходжаева Х.Р., Мирзоев С.С.*** Современное состояние коммерческих банков Республики Таджикистан. | *24* |
| ***Джакыпбеков К.*** Инновационно-инвестиционная политика – аграрного сектора экономики Кыргызстан….. | *28* |
| ***Обидов Ф.С., Шохруз Махмаданайибпур.*** Инвестиционные риски: понятие, классификация, методы оценки и способы снижения……………………………………………………………………………………… | *33* |
| ***Низомов С.Ф. Бадалов Ш.Қ., Комилов Ш.Ҷ.*** Стандартикунонии баҳисобгирии идоракунӣ: ҷанбаҳои методологӣ…………………………………………………………………………………………………… | *38* |
| ***Диловаров Р., Негматов А.М.*** Перспективные виды туризма и рекреации Вахшской зоны Таджикистана…. | *45* |
| ***Давлатшоев О.Ҳ, Каримова М.Ш.*** Тадқиқотҳои назариявӣ оид ба фаъолияти бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………………………………………… | *53* |
| ***Тилабов Ё.Э., Саидмуродова М.А.*** Теоретические модели повышения механизма инвестиционной обеспеченности национальной экономики……………………………………………………………………. | *57* |
| ***Абдуллоев А.Х.*** Намудҳои фаъолият дар бозори молия......................................................................... | *63* |
| ***Абдуллозода Равшан Амирхон, Ҳайдарова А.Э.*** Таъсири равандҳои демографӣ ба бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................................................. | *67* |
| ***Раджабов Т.*** Управленческая учетно-аналитическая система для целей управления организацией……......... | *72* |
| ***Содиков К.А.*** Зарубежный опыт управления водно-мелиоративным потенциалом на основе применения экономического механизма………………………………………………………………………......... | *79* |
| ***Мирзоев Қ.С., Зиёев З.М.*** Рушди шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................................................ | *86* |
| ***Абдуллоева Л.И.*** Перспективные направления инвестирования в производственную сферу Республики Таджикистан.................................................................................................................................................. | *92* |
| ***Рустамова Х.Р., Таибов О.Р.*** Механизм формирования моделей оказания образовательных услуг………….. | *98* |
| ***Каримова Н.С. Саидова Н.И.*** Таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодии махсусияти ташаккули пешниҳодоти молӣ дар бозори истеъмолӣ………………………………………………………………………………… | *103* |
| ***Джураева А.М.*** Инновационное развитие детского дошкольного образования в Республике Таджикистан… | *110* |
| ***Нуров Д.*** Равандҳои ҳамгироӣ ва стратегияҳои ҳамгироии ширкатҳои саноатии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ…………………………………………………………………………………………………….. | *115* |
| ***Мирзоева Е.Ш.*** К вопросу о необходимости формирования инновационного климата на промышленных предприятиях…………………………………………………………………………………………………. | *120* |
| ***Хайитбоева Н.А.*** Оценка современного состояния использования земельно-водных ресурсов в Республике Таджикистан…………………………………………………………………………………………………. | *126* |
| ***Убайдуллоев М.И., Изатов К.И., Алимова Ф.М.*** Развития агробизнеса в условиях проведения аграрной реформы……………………………………………………………………………………………………. | *131* |
| ***Нуров Ш.С., Бобокулов А.Х.*** Зарубежный опыт государственной поддержки развития сельского хозяйства и его использование в Республике Таджикистан…………………………………………………………….. | *137* |
| ***Халилов У.Ш.*** Хусусиятҳои таҳияи стратегияи идоракунии рушди корпоратсия.................................... | *144* |
| ***Фасеҳзода И.С., Сайдалиев Х.А.*** Роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ.......................................................................................................... | *149* |
| ***Шоасалов Н.Қ.*** Афзалияти пасандоз ҳамчун сарчашмаи асосии захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ............................................................................................................................................ | *156* |

***Мусофирова Ф.С., Турахонзода Шаҳриёри Нурулло.*** Таъсири сатҳи таваррум ба рушди иқтисодиёт... ***161***

***Ашуров К.Р., Абдуллоев Х.К.*** Ташаккули натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти хоҷагидории корхона.......... ***166***

***Ходжаев П.Д.*** Современное состояние строительства автомобильных дорог в Республике Таджикистан..... ***173***

***Ходжаев П.Д., Юнусов Ф.М.*** Некоторые проблемы строительства автомобильных дорог в горном регионе.. ***180***


## ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

***Карынов Ч.К.*** Особенности и практические проблемы представительства работников в отношениях социального партнерства в сфере труда............................................................................. ***190***

***Рахимзода Ш.Р.*** Отдельные аспекты истории развития уголовной ответственности за хулиганство............ ***195***

***Раупова М.Т.*** Проблема понятия источника повышенной опасности................................................. ***199***

***Хасанов Ш.К.*** Совершенствование экономических механизмов противодействия коррупции и его влияние на политическую власть.......................................................................................................................... ***205***

***Кудратов Н.А.*** Категория «посягательство» в составе объективной стороны посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля Республики Таджикистан............................................ ***212***

***Мирзозода Фархунда*** Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................................................................................. ***218***

***Ҳоҷиев М.С.*** Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонунномаи Сосониён....................................................... ***222***

***Муминов У.К.*** Особенности режима пребывания иностранных граждан в Республике Таджикистан............ ***227***

***Сангов С.И.*** Неустойка как способ обеспечения исполнения обязательств........................................... ***233***

***Имомова Н.М.*** Восстановление в родительских правах как способ сохранения семьи............................. ***239***


## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

***Коваленко Г.В.*** Внешняя политика государств Центральной Азии в условиях глобализации..................... ***245***

***Пардаев С.А., Рахмонов А.С.*** Роль ОДКБ в создании системы региональной безопасности в Центральной Азии и ограничении угроз из Афганистана........................................................................... ***253***

***Раздыкова Гульназ, Салимов Ф.Н.*** Религиозный фанатизм как патологическая трансформация религиозного чувства верующего................................................................................................. ***262***

***Қурбонов С.М., Хайдаров Р.Дж.*** Моҳият ва хусусиятҳои ватандӯстӣ: таҳлили консептуалӣ............... ***268***

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---


**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2018. №10.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 32,7. усл. п.л. 32,7.
Подписано в печать 27.12.2018. Заказ №2018/04-01